ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ТДУ:** 321+340.12(575.3)
**ТКБ:**66.3+67.3(2тоҷик)
**С** – 21

**САЙВАЛИЗОДА ҶУМАХОН САЙВАЛӢ**

# ТАҲАВВУЛ ВА РУШДИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ИҚТИСОДИВУ ИҶТИМОИИ ИНСОН ДАР ТОҶИКИСТОН

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат.

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
Насриддинзода Эмомалӣ Сайфиддин

**ДУШАНБЕ – 2025**

**МУНДАРИҶА**

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ**.........................4

**МУҚАДДИМА**.......................................................................................5-23

**БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА ТАЪРИХИ ТАҲАВВУЛИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ИҚТИСОДИВУ ИҶТИМОӢ**...............................................24-74

1.1. Мафҳум, вижагиҳо ва сохтори ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон.......................................................................................................24-36

1.2. Ташаккул ва рушди ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон дар сарзаминҳои таърихии тоҷикон..........................................................36-44

1.2.1. Ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон дар дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ.........................................................................................36-44

1.2.2. Ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон дар сарчашмаҳои ҳуқуқи исломӣ...............................................................................................44-52

1.2.3. Ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва вазъи амалисозии онҳо дар Тоҷикистони шуравӣ...............................................................................52-61

1.3. Таърихи байналмилалии ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ....................61-74

**БОБИ 2. АСОСҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚӢ ВА КАФОЛАТИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ИҚТИСОДИВУ ИҶТИМОИИ ИНСОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**........................................................................................75-166

2.1. Асосҳоимеъёрии ҳуқуқии ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.......................................................................75-95

2.2. Кафолати ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон дар қонунгузории Тоҷикистон...............................................................95-109

2.3. Ҳифзи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ дар низоми ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ......................................................................................................109-131

2.4. Ҳифзи судии ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ: таҳлили қарорҳои вобастаи Суди Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон......................................131-141

2.5. Асосҳои ҳуқуқӣ ва принсипҳои маҳдудсозии ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон....................141-166

**ХУЛОСА**..........................................................................................167-172
**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ**..........................................................................................173-176
**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)**..........................................................177-199
**ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ**..........................................................................................200-201

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

**ИА** – Иттиҳоди Аврупо

**ИДМ** – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

**ИҶШС** – Иттиҳоди Ҷамоҳири Шуравии Сотсиалистӣ

**ИМА** – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико

**ҚҶТ** – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ҶМШС** – Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистӣ

**ҶТ** – Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ҶХШБ** – Ҷумҳурии Халқии Шуравии Бухоро

**ҶШС** – Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистӣ

**СБМ** – Созмони Байналмилалии Меҳнат

**СК** – Суди конститутсионӣ

**СММ** – Созмони Милали Муттаҳид

**СУТ** – Созмони Умумиҷаҳонии Тандурустӣ

**ФР** – Федератсияи Россия

**ЭУҲБ** – Эъломияи умумии ҳуқуқи башар

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Ҷомеаи муосири ҷаҳонӣ хеле босуръат рушд мекунад, ки ин ба пайдоиши технологияҳои нав, набудани марз дар фазои иттилоотӣ, муҳоҷирати назарраси аҳолӣ, равандҳои ҷаҳонишавӣ ва ғайра алоқаманд аст. Тағйироти баамаломада ба шуури одамон таъсир расонида, фаҳму дарки нави онҳоро дар робита ба талабот ва хостаҳои инсонӣ, аз ҷумла дар соҳаи иқтисодиву иҷтимоӣ ташаккул медиҳад, боиси пайдоиши муносибатҳои нави ҷамъиятие мегардад, ки танзими мувофиқу муосири меъёрҳои ҳуқуқиро талаб мекунанд. Маълум аст, ки дар чунин шароити таҳаввулпазирӣ ҳуқуқ низ бетағйир монда наметавонад, он такмил меёбад, хусусиятҳои нав пайдо мекунад, то ки муносибатҳои дар ҷомеа мавҷудбуда дуруст ва сари вақт танзим шаванд, имкониятҳои кафолатноки қонеъ гардонидани манфиатҳои инсон ва шаҳрванд фароҳам гарданд. Маҳз ҳамин нуктаҳоро ба назар гирифта Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз соли 2018 дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии ҶТ таъкид карда буданд, ки субъектҳои қонунгузор бояд «сифати қонунҳои амалкунанда ва ба сатҳи рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар мутобиқ будани онҳоро мунтазам таҳлил карда, лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба талаботи рӯз мувофиқро таҳия намоянд» [47].

Дар сатҳи кунунии рушди ҷомеа инсон метавонад танҳо дар шароите пешрафти фардӣ ва ҷамъиятӣ дошта бошад, ки дар кишвари ба меъёрҳои давлати иҷтимоӣ ҷавобгӯ зиндагӣ кунад ва бо ҳадди ақали маҷмуи озуқаворӣ, эҳтиёҷоти моддӣ ва хидматрасонӣ таъмин бошад, то дар тамоми соҳаҳои ҳаёт эҳсоси амнияти иқтисодиву иҷтимоӣ дошта бошад. Ночиз будани ин меъёрҳоро махсусан шахсоне эҳсос мекунанд, ки бинобар хавфи иҷтимоӣ дар ҳолати ноамнии иқтисодӣ ва ё осебпазирии иҷтимоӣ қарор доранд, зеро дар ин ҳолат онҳо одатан аз имконияти рафъи мустақилонаи мушкилот маҳруманд ё ба таври назаррас дар қонеъ сохтани талаботи ҳадди

ақали зиндагии худ дучори маҳдудият мешаванд. Дар ин ҳолат уҳдадориҳои дахлдорро давлат дар симои мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ, корхонаҳо, муассисаҳо, тамоми ташкилотҳо новобаста аз шаклҳои моликият ва хоҷагӣ ва дигар субъектҳое, ки ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоии инсонро дар ҷараёни фаъолияти худ амалӣ менамоянд, ба дӯш мегирад.

Бояд қайд намуд, ки баъд аз пандемияи COVID-19 ва вазъи ҷории геополитикӣ дар Аврупои шарқӣ на танҳо Тоҷикистон, балки ҷомеаи ҷаҳонӣ дар умум шароити душвори иқтисодиву иҷтимоӣ ва сиёсиро пушти сар мекунад ва ин ҳолат бевосита ба коҳиши сатҳи даромади молӣ ва афзоиши аҳолии камбизоати ба ҳифзи бештари иҷтимоӣ ниёзманд, ки худ ва аҳли оилаи худро ба сатҳи шоистаи зиндагӣ таъмин карда наметавонанд, оварда расонидааст. Илова бар ин, бо назардошти Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 «фароҳам овардани шароитҳои ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ барои сармоягузории андӯхтҳои нафақавӣ ба воситаҳои молиявии дарозмуҳлат бо назардошти сармоягузорӣ ба инфрасохтор дар доираи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ» [17] ҳамчун яке аз самтҳои асосии фаъолият дар бахши ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ муқаррар шудааст. Чунин шароит тақозо мекунад, ки барои беҳтар кардани шароити иҷтимоӣ ва фазои иқтисодӣ дар кишвар, пеш аз ҳама, заминаҳои ҳуқуқии муносибатҳои иқтисодиву иҷтимоии шаҳрвандон мавриди таваҷҷуҳи барҷаста қарор гиранд ва дар ин замина роҳҳои такмилу беҳтар сохтани асосҳои меъёрии ҳуқуқӣ коркард шаванд, ки ин ҳолат мубрамии мавзуи диссертатсияро асоснок мекунад.

Ҳамчунин, муҳим будани мавзуи пажӯҳиши диссертатсионӣ бо зарурати ба таври маҷмуӣ ва низомнок омӯхтани ташаккул ва рушди таърихии ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – ҶТ) бо ҳадафи мушаххас сохтани вазъи ҳуқуқӣ, вижагиҳои амалишавӣ, ҷанбаҳои такмилталаби низоми кунунии ин категорияи ҳуқуқҳо асоснок карда мешавад. Пӯшида нест, ки бидуни мушаххас сохтани вазъи ҷории

қонунгузории ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоӣ имкони беҳтар кардани шароити ҳуқуқии шаҳрвандон дар бахшҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, ба монанди хидматрасониҳои иҷтимоӣ, таъминоти иҷтимоӣ, ҳимояи иҷтимоӣ, роҳандозии шароити мусоид барои муносибатҳои иқтисодӣ ва монанди инҳо ғайриимкон аст.

Ҳамчунин, зарурати омӯзиши масири таҳаввули таърихӣ ва шароити кунунии ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ аз он бармеояд, ки ҶТ ҳамчун давлати иҷтимоӣ, ки дар моддаи якуми Конститутсияи кишвар омадааст, барои андешидани маҷмуи тадбирҳо ҷиҳати пешгирӣ, рафъ ё кам кардани оқибатҳои манфии хатарҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, мутобиқ кардани шахс ё оилаи ӯ ба шароити нави ҳаёт муваззаф аст. Дараҷаи ҳифзи иқтисодиву иҷтимоии аҳолӣ дар давлат аз он вобаста аст, ки механизми таъмини ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ дар қонунгузорӣ то чӣ андоза возеҳу мушаххас зоҳир шудааст ва таҷрибаи татбиқи ҳуқуқ дар соҳаи дахлдор то кадом андоза самаранок аст. Миқдори зиёди мурофиаҳои судӣ, ки аз муносибатҳои ҳуқуқии иқтисодиву иҷтимоӣ дар солҳои охир бармеоянд [213], аз самаранокии нокифояи механизми ҳифзи ҳуқуқҳои мавриди назар шаҳодат медиҳанд, ки зарурати такмили онҳоро бо назардошти меъёрҳои байналмилалӣ ва таҷрибаи пешқадами давлатҳои демократӣ ба миён меоварад. Маълум аст, ки ин омил бе омӯзиши рушду ташаккули низоми ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ номумкин аст.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Баъзе аз ҷанбаҳои ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоӣ дар пажӯҳишҳои мухталифи як зумра олимони тоҷик баррасӣ, таҳқиқ ва коркард шудаанд. Ҳанӯз соли 1999 А.С. Достиев фасли сеюми боби дуюми рисолаи номзадии худ «Конститутсияи ҶТ аз соли 1994 (таърихи мураттабсозӣ, қабул ва нуктаҳои асосӣ)»-ро ба мавзуи «Ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ дар Конститутсияи ҶТ» ихтисос дода, моҳияти онҳоро мавриди таҳлил қарор додааст [187]. Монографияи Д.Ш. Сангинов «Ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоии шаҳрванд ва ҳимояи онҳо аз ҷониби Суди

конститутсионии ҶТ» бо вуҷуди соли 2013 нашр шудан ягона таҳқиқоти монографие мебошад, ки комилан ба пажӯҳиши ҳуқуқҳои зикршуда дар доираи ҳуқуқи конститутсионӣ бахшида шудааст [99]. Дар фасли сеюми боби сеюми рисолаи докторин А.М. Диноршоҳ «Асосҳои конститутсионии танзим ва татбиқи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар ҶТ» механизмҳои амалисозӣ ва кафолатҳои таъмини ҳуқуқҳои иҷтимоивуиқтисодӣ ва фарҳангии инсон ба таври низомнок омӯхта шудаанд [186].

Г.Д. Солеҳзода дар рисолаи номзадии «Асосҳои конститутсионӣ ва ҳуқуқии ҶТ ҳамчун давлати иҷтимоӣ» таҳкими конститутсионии ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии инсонро ҳамчун таҷассуми давлати иҷтимоӣ дар Тоҷикистон мавриди пажӯҳиш қарор додааст [202]. Ҳамчунин, мақолаҳои якҷояи А.М. Диноршоҳ ва Г.Д. Солеҳзода дар мавриди мафҳум ва ғояҳои ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ [146], аҳаммияти таҳкими конститутсионии ин ҳуқуқҳо дар амалисозии сиёсати иҷтимоии давлат [145] қобили таваҷҷуҳ мебошанд. С.М. Салоҳидинова дар баробари таҳқиқи фарогир дар мавриди ҳуқуқ ба фаъолияти соҳибкорӣ доир ба таркиб ва баъзеҷанбаҳои ҳуқуқҳои иқтисодӣ мақолаҳои судманд нашр кардааст [164]. Ҳамчунин, монографияи ин муҳаққиқ бо ҳаммуаллифии А.М. Диноршоҳ ба масъалаҳои муҳимми ҳуқуқҳои иҷтимоивуиқтисодӣ, фарҳангӣ ва мавқеи ҳуқуқи соҳибкорӣ дар низоми ин ҳуқуқҳо бахшида шудааст [68].

Дар радифи таҳқиқи назариявӣ-ҳуқуқии низоми ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ дар ҶТ корҳои пажӯҳишии зиёде ба ҳуқуқҳои мушаххаси ин низом, ба монанди ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ, меҳнат, соҳибкорӣ ва ғайра бахшида шудаанд, ки рӯйхати ҳамаи онҳоро овардан ғайриимкон аст. Аммо метавон ба як дастаи онҳо, ки дар омӯзиши низоми ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоии ҶТ аҳаммият доранд, ишора кард. Ҳамин тавр, Ғ.М. Бобокалонов ташаккул ва рушди қонунгузории яке аз умдатарин ҳуқуқҳои иҷтимоӣ-меҳнатро ба таври комплексӣ омӯхта [182], дар солҳои баъдӣ мақолоту пажӯҳишоти дигари худро дар робита ба ин мавзуъ ихтисос додааст [135;

136]. А.Ҳ. Маликова дар рисолаи номзадиаш ҷанбаҳои ташкилӣ-ҳуқуқии вазифаҳои давлатро вобаста ба ҳифзи иҷтимоии пиронсолон ва маъюбон дар ҶТ ба риштаи таҳқиқ кашида, мавзуи муҳимми низоми ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ-таъминоти иҷтимоиро, баррасӣ намудааст [194]. Ҳамчунин, рисолаи доктории ин муҳаққиқ ба мушкилоти ташаккули давлати иҷтимоӣ дар Тоҷикистон мансуб буда, боби чаҳоруми он пурра ба масъалаҳои ҳуқуқии ҳифзи иҷтимоӣ бахшида шудааст [195]. Д.Қ. Назаров нақш ва ҷойгоҳи санадҳои байналмилалӣ дар низоми сарчашмаҳои ҳуқуқии меҳнат дар кишварро таҳқиқ карда, ҷанбаҳои гуногуни қонунгузории имрӯзаи ин бахши ҳуқуқи иҷтимоиро коркард намудааст [196].

Чунонки дида мешавад, ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ дар ҶТ аз тарафи муҳаққиқони ватанӣ, асосан, аз ду ҷиҳат мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтаанд: гурӯҳи аввали муҳаққиқон, асосан, асосҳои конститутсионии ҳуқуқҳои мавриди назарро дар робита ба назарияи давлати иҷтимоӣ мавриди пажӯҳиш қарор додаанд. Гурӯҳи дуюм баъзеҳуқуқҳои мушаххаси низоми ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, ба монанди ҳуқуқ ба меҳнат, таъминоти иҷтимоӣ, соҳибкорӣ ва ғайраро таҳқиқ кардаанд. Чунин вазъ зарурати таҳқиқи назариявӣ-таърихии комплексӣ ва фарогири ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоиро бори дигар асоснок мекунад.

Албатта, бояд тазаккур дод, ки баъзе масъалаҳои алоҳидаи умуминазариявӣ ва ё марбут ба таърихи ташаккул ва рушди ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ҳамчунин дар дигар китобу мақолоти ҳуқуқшиносони тоҷик, аз қабили И.Ҳ. Бобоҷонзода [137], И.Б. Бӯризода [59; 60; 61], А.М. Диноршоҳ [144], Ф.Т. Тоҳиров [110; 111; 113], Ш.Х. Ҳафиззода [174; 210] ва Р.Ш. Шарофзода [104; 105; 106] баррасӣ шудаанд. Масалан, пажӯҳишҳои А.Ғ. Холиқзода [119; 120] дар робита ба ташаккули ҳуқуқи зардуштӣ ва исломӣ ба сифати сарчашмаҳои муътамади таърихи ҳуқуқ мавриди назар хидмат мекунанд.

Илова бар ин, масъалаҳои умуминазариявии ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоиро муҳаққиқони ватанӣ, аз ҷумла профессор Э.С. Насриддинзода дар китоби «Назарияи давлат ва ҳуқуқ» [90] ва С.Ҳ. Ҳасанов дар китоби «Назарияи давлат ва ҳуқуқ» [121] баррасӣ кардаанд. Ҳамин сарчашмаҳои пароканда ва мавҷуд набудани таҳқиқоти комили монографӣ дар робита ба ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон ва шаҳрванд дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ мубрамӣ ва зарурати таҳқиқи масъалаҳои зикршударо бори дигар собит месозад.

Дар баробари ин, ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон ва шаҳрванд дар ҳуқуқшиносии Федератсияи Россия аз ҷониби намояндагони илми ҳуқуқи конститутсионӣ, назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи шаҳрвандӣ, ҳуқуқи меҳнат, ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ ва ғайра ба таври васеъ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Назарияи ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон ва шаҳрванд, моҳияти ҳуқуқии онҳо, масъалаҳои таъмин, ҳифзу ҳимояи конститутсионӣ ва судии ин ҳуқуқҳо дар рисолаҳои номзадӣ ва доктории як қатор ҳуқуқшиносони рус, ба мисли А.М. Абрамов [178], А.П. Александрова [179], О.М. Гвоздева [185], О.А. Ижаев [188], С.А. Лубенникова [192], А.А. Овчаренко [197], И.А. Садиков [200], К.В. Сангаджиева [201], Д.О. Ситников [205], Н.Д. Терешенко [206], О.А. Тимошенко [207], Н.В. Шакун [211] ва дигарон ба таври комплексӣ омӯхта шудаанд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсия дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 таҳти унвони «Масъалаҳои назариявии инкишофи низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар партави равандҳои ҷаҳонишавӣ» омода гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади рисолаи илмӣ омӯзиши рушди таърихӣ ва масъалаҳои назарӣ ва амалии ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон

дар заминаи сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ, қонунгузории миллӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ буда, баррасӣ ва муайянсозии мушкилоти ҳуқуқии имрӯзаи соҳа, коркарди илмии воситаҳои мукаммалсозии қонунгузории дахлдор, дарёфт ва пешниҳоди роҳҳои такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаро ҳадаф қарор додааст.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ноил шудан ба мақсадҳои зикршуда дар рисола ҳаллу фасли вазифаҳои зерин гузошта шудаанд:

– тавсифи хусусиятҳои умумӣ ва асосии ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ;

– баррасии таърихи миллӣ ва байналмилалии ташаккули ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ;

– омӯзиши вазъи кунунии механизмҳои таъмин ва амалисозии ҳуқуқҳои мавриди назар;

– баррасии кафолатҳои ҳифзи ҳуқуқҳои марбута дар қонунгузории амалкунандаи ҶТ;

– муқаррар кардани ҷойгоҳи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ дар низоми ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоии ҶТ;

– таҳқиқи ташаккули ҳифзи судии ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол;

– таҳлили асосҳои ҳуқуқӣ ва принсипҳои маҳдудсозии ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоӣ дар қонунгузории Тоҷикистон;

– таҳияи пешниҳодҳои илмӣ дар робита ба такмили меъёрии ҳуқуқии ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоӣ дар қонунгузории ҶТ.

**Объекти таҳқиқот.** Муносибатҳои ҳуқуқӣ дар робита ба эътироф, таъмин, амалисозӣ ва ҳифзу ҳимояи ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ объекти таҳқиқро ташкил медиҳад.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот.** Ғояҳо, андешаҳо, муҳокимаҳо ва консепсияҳои илмӣ дар бораи ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон ва шаҳрванд, усулҳои методологии шинохти онҳо, тамоюлҳо, қонунмандиҳо ва

дурнамои танзими ҳуқуқҳои мавриди назар предмети таҳқиқро ташкил медиҳанд.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот).** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур фарогири чор марҳилаи рушди ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ мебошад: 1) ташаккул ва инкишофи ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ; 2) рушди ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ дар давраи амали ҳуқуқи мусулмонӣ дар сарзамини таърихии тоҷикон; 3) инкишофи ҳуқуқҳои марбута дар давраи шуравӣ; 4) марҳилаи муосири рушди ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ – давраи соҳибистиқлолӣ. Дар баробари таҳлили ташаккул ва инкишофи ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ дар сарзаминҳои таърихии тоҷикон ва рушди миллии қонунгузории соҳа дар асри нав, инчунин таҳлили муқоисавии қонунгузорӣ ва амалияи кишварҳои манотиқи Осиё ва Аврупо дар бахши ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ анҷом дода шудааст, ки мазмуну моҳияти рисоларо такмил медиҳад. Давраи таҳқиқоти диссертатсионӣ фарогири солҳои 2020-2025 мебошад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии диссертатсияро корҳои илмӣ-назариявии олимони ватанию хориҷӣ оид ба паҳлуҳои гуногуни назария ва амалияи ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ташкил медиҳанд. Бунёди таҳқиқоти диссертатсиониро корҳои ҳуқуқшиносону муҳаққиқони шуравӣ ва пасошуравӣ, инчунин осори илмӣ дар соҳаҳои назарияи умумии ҳуқуқ ва давлат, таърихи ҳуқуқ дар Тоҷикистон, ҳуқуқи иҷтимоӣ, ҳуқуқи иқтисодӣ, таъминоти иҷтимоӣ ва ғайра фароҳам овардаанд. Нуктаҳои асосии пажӯҳиш бо истифода аз равишҳои илмии олимони ҳуқуқшиноси ватанию хориҷӣ, ба монанди С.А. Авакян, З. Ализода, И.А. Алебастрова, М.В. Баглай, Б.С. Гадоев, А.М. Диноршоҳ, В.Д. Зоркин, А.И. Имомов, Е.А. Лукашева, А.Х. Маликова, Ҷ. Маҷидзода, Л.С. Мамут, М.А. Маҳмудзода, Э.С. Насриддинзода, Ф.М. Рудинский, У.А. Старшова, Ф.Т. Тоҳиров, А.Ғ. Холиқзода, В.Е. Чиркин, Р.Ш. Шарофзода, Б.С. Эбзеев ва дигарон коркард шудаанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Асосҳои методологии таҳқиқро ду гурӯҳи усулҳои дониши илмӣ: умумиилмӣ (таҳлили диалектикӣ, таърихӣ, сохторӣ-функсионалӣ, шаклӣ-мантиқӣ, системавӣ) ва махсус (муқоисавию ҳуқуқӣ ва усули тафсири меъёрҳои ҳуқуқӣ) ташкил медиҳанд. Истифодаи усулҳои диалектикӣ ва таърихӣ имкон дод, ки рушди назарияи ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ баррасӣ гардад, мафҳуми ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ муайян ва ташаккули меъёрҳои байналмилалии ҳуқуқҳои марбута муайян карда шавад. Бо истифода аз усулҳои шаклӣ-мантиқӣ ва таҳлили низомноки ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ хусусиятҳо ва таносуби онҳо, мафҳумҳои механизми таъмин ва амалисозӣ, кафолати ҳифзу ҳимояи ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ мушаххас гардида, асосҳои ҳуқуқӣ ва принсипҳои маҳдудсозии ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, таносуби механизми татбиқ ва ҳифзи судии ҳуқуқҳои марбута ифшо шудаанд. Усули сохторӣ-функсионалӣ имкон дод, ки хусусиятҳои умумӣ ва вижагиҳои ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, механизми ҳифзи ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва унсурҳои сохтории он, шаклу усулҳои ҳифзи ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ тавсиф карда шаванд.

Усули муқоисавии ҳуқуқӣ ва усули тафсири меъёрҳои ҳуқуқӣ дар омӯзиши ҳолати мутобиқати қонунгузории миллӣ дар соҳаи ҳифзи иқтисодиву иҷтимоӣ ба стандартҳои байналмилалӣ ва аврупоии ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, арзёбии сифат ва самаранокии санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ дар соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ кумак карданд.

Ҳангоми омӯзиши низоми ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ дар ҶТусулҳои хронологӣ ва муқоисавии ҳуқуқӣ истифода шудаанд, ки дар навбати худ ба усулҳои синхронӣ ва диахронӣ ҷудо мешаванд. Истифодаи ин усулҳо ба таҳияи як қатор пешниҳодҳо аз ҷониби муаллиф оид ба такмили масъалаҳои таъмин, ҳифз, ҳимоя ва кафолати ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ дар ҶТ мусоидат намуд.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Заминаҳои эмпирикии таҳқиқотро муқаррароти Конститутсияи ҶТ, Кодекси меҳнати ҶТ (минбаъд – КМ ҶТ), қонунгузории

ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва дигар сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ташкил додаанд. Дар баробари санадҳои миллӣ, инчунин, баъзе санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, қонунгузории давлатҳои алоҳида мавриди истифода қарор гирифтаанд. Муҳимтарин замина вароҳнамои таҳқиқот Паёмҳои ҳарсолаи Президенти ҶТ ба Маҷлиси Олии ҶТ ба ҳисоб мераванд. Дар раванди таҳлили амалияи татбиқи қонунгузории Тоҷикистон санадҳои судӣ таҳлил ва татбиқ гардидаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Рисола аввалин таҳқиқи назариявӣ-таърихии мукаммал, низомнок, фарогир ва монографӣ дар робита ба ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ дар ҶТ аст. Диссертатсия бо истифода аз сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ заминаҳои таърихии ҳуқуқи марбутаро бозшиносӣ намуда, бори аввал дар ҳуқуқшиносии тоҷик вазъи кунунии қонунгузорӣ ва таҷрибаи амалисозии ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоиро баррасӣ карда, равишҳои мушаххаси таъмини ҳифзу ҳимояи онҳоро ироа менамояд. Таҳлили низоми ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, ки на ба таври алоҳида, балки бо ҳамбастагӣ ба ҳамдигар анҷом ёфтааст, имкон додааст, ки вазъи ҳуқуқии таъминоти иқтисодиву иҷтимоӣ дар кишвар мушаххас гардад.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Ба ҳимоя нуктаҳои илмии зерин, ки навгониҳои пажӯҳишро ифода месозанд, пешниҳод мегарданд:

1. Ҳуқуқу озодиҳои иҷтимоӣ аз ҷумлаи ҳуқуқҳои конститутсионии инсон буда, тавассути меъёрҳои ҳуқуқӣ ва дар асоси маҷмуи танзимоти давлативу хусусӣ, иҷрои уҳдадориҳои мусбат аз ҷониби мақомоти ваколатдор бо мақсади ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, қонеъ гардонидани ниёзҳои ҳар шахс барои гирифтани намудҳои алоҳидаи таъминоти иҷтимоӣ, пешгирӣ, рафъ ё кам кардани оқибатҳои манфии хатарҳои иҷтимоӣ, мутобиқ сохтани сатҳи зиндагии ҷомеа ба шароити нави ҳаётӣ амалӣ карда мешаванд. Ҳуқуқу озодиҳои иқтисодии инсон ва шаҳрвандро дар шакли умумии он метавон ҳамчун маҷмуи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионӣ донист, ки ба принсипҳои

конститутсионии озодии фаъолияти иқтисодӣ асос ёфта, бо мақсади фароҳамсозӣ, таъмин ва ҳифзи муносибатҳои бозорӣ, озодии меҳнат, фазои ягонаи иқтисодӣ, имконияти истифода ва ихтиёрдории озодонаи ҳамаи шаклҳои моликият, дастгирии рақобат ва маҳдудсозии инҳисори бозорӣ амалӣ мешаванд. Алоқамандии ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, пеш аз ҳама, дар он ифода мегардад, ки ҳар ду низоми ин ҳуқуқҳо ба ҷанбаҳои фаъолиятҳои иҷтимоиву молумулкии инсон ва шаҳрванд марбут буда, ба таври баробар ба сатҳи зиндагӣ ва шароити иқтисодии одамон таъсиргузоранд.

2. Агар таърихи пайдоиши «Авасто»-ро, ки солҳои 1500-1000 қабл аз милод гуфта мешавад, ба назар гирем, пас, метавон иддао кард, ки аҷдодони тоҷик ҳанӯз дар ин давра асоситарин ҳуқуқҳои инсонро эҳтиром мегузоштаанд. Сарчашмаҳои ҳуқуқи зардуштӣ нишон медиҳанд, ки андешаҳои ҳуқуқӣ дар бораи интихоби касб (ҳуқуқ ба интихоби соҳаи фаъолият), меҳнат (ҳуқуқ ба меҳнат), ҳимоя аз занон, занони ҳомила, кӯдакон (ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ), манзили истиқоматӣ (ҳуқуқ ба манзил), ҳифзи саломатӣ ва ёрии тиббӣ (ҳуқуқ ба ҳифзи саломатӣ ва ёрии тиббӣ) муҳити солими зист (ҳуқуқ ба муҳити солими атроф), ки ба гурӯҳи ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ шомил мешаванд, бо пайдоиши «Авасто» ба миён омадаанд.

3. Дар мавриди давраи амали ҳуқуқи исломӣ мо ба ду воқеият рӯ ба рӯ мешавем: яке вазъи воқеии ҳуқуқӣ, аз ҷумла ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, дигаре назарияи ҳуқуқи исломӣ, ки дар сарчашмаҳои он – Қуръону суннат (анъана, одат, намунаи рафтор), мактабҳои мазҳабу равияҳои исломӣ дида мешавад. Вазъи воқеии ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон баъди ба миён омадани давлати Сомониён то инқилоби октябри соли 1917 дар кулл тағйироти ҷиддие надидааст: ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ аз ҷониби ҳукуматҳо комилан ҷой надошт, ҳукуматҳо аз мардум андозу молиётеро, ки бештар вақт ғайриинсондӯстона буданд, меситониданд, ҳуқуқ ба моликияти шахсӣ аз дахлнопазирӣ бархӯрдор набуд, меҳнати маҷбурӣ, ноадолатиҳои иҷтимоӣ

ҷой доштанд ва монанди инҳо.

Дар муқобил сарчашмаҳои ҳуқуқи исломӣ ҳимоя ва дастгирии қишри осебпазири ҷомеаро бо таъйини закот ва садақа ба дӯши қишри сарватманди ҷомеа вогузор мекард, ҳуқуқи инсонҳоро ба моликият, мерос, таъмини оила, тарбияи кӯдак ва таҳсил эътироф менамуд.

4. Даврони шуравӣ агарчи аз назари фосилаи таърихӣ бисёр кӯтоҳ буд, аммо вобаста ба вазъи ҳуқуқу озодиҳои инсон, аз ҷумла ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ба се давра ҷудо мешавад, ки ҳар яке аз ин давраҳо ба замони амали Конститутсияҳои ИҶШС аз соли 1924, 1936 ва 1977 рост меоянд. Конститутсияҳои якуми шуравӣ (Конститутсияҳои ҶШФСР ва дигар ҷумҳуриҳои иттифоқӣ аз солҳои 1918 ва 1925, Конститутсияи ИҶШС аз соли 1924) категорияҳои ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоии шаҳрвандонро дар бар намегиранд. Дар шароити иқтисодии солҳои Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ва сиёсати коммунизми ҷангӣ дар конститутсия ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, инчунин таъмини воқеии онҳоро сабт кардан имконнопазир буд.

Ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ бори аввал дар Конститутсияи соли 1936 дарҷ карда шудаанд. Аммо сарфи назар аз афзалият ба ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ дар муқоиса бо дигар навъи ҳуқуқҳо, дар давраи охири солҳои 30-юм ва ибтидои солҳои 50-ум душвориҳои чашмгир дар амалисозии онҳо ба назар мерасид. Бархӯрдҳои табақотӣ ба субъектҳои ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, ки аз назари замонӣ муддатҳои тулониро дар бар мегирифт, деҳқонони колхозиро аз сатҳи зарурии ҳифзи иҷтимоӣ маҳрум карда буд, ки фақат бо қабули Конститутсияи соли 1977 аз рӯйи ҳуқуқҳои конститутсионӣ бо синфи коргар баробар карда шуданд.

5. Агар сохтори механизми таъмини ҳуқуқҳои иҷтимоивуиқтисодӣ, ҷиҳатҳои функсионалӣ ва кафолатҳои ҳуқуқии онҳоро ба таври маҷмуӣ дастабандӣ кунем, метавон се гурӯҳи мустақили кафолатҳои ҳуқуқиро ҷудо намуд: 1) кафолатҳои татбиқи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳифзи иқтисодиву иҷтимоӣ; 2) кафолатҳои

ҳимояи ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ; 3) кафолатҳои ҳифзи ҳуқуқҳои мазкур.

6. Ҳифзи судии ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ дар ҶТ дорои хусусиятҳои муайяне мебошад, ки бо таркиби субъектии чунин баҳс, тобеият ва қобили муҳокимаи судӣ будани он, бо таъсири ретроспективии қонунгузорӣ, ки муносибатҳои ин намудро танзим мекунанд, бо аҳаммиятнокӣ ва басомади татбиқи қарорҳои Суди конститутсионии ҶТ ҳангоми асосноккунии даъвоҳо, мавҷуд набудани таҷрибаи ягонаи баррасии баҳсҳои судӣ дар соҳаи ҳуқуқҳои мавриди назар ва аз ҷумла, ҳифзи иҷтимоии инсон ва шаҳрванд, маблағи зиёди пардохтҳои судӣ ва паст будани даромади шаҳрвандон алоқаманданд. Хусусиятҳои номбаршудаи шаклҳои мавриди омӯзиш қарордоштаи ҳифзи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ аз самаранокии нокифояи он дар марҳилаи кунунии рушди ҶТ ҳамчун давлати ҳуқуқбунёд шаҳодат медиҳанд.

7. Ҳангоми таҳлили равишҳои муосири назариявӣ ва методологии омӯзиши маҳдудиятҳои ҳуқуқи инсон маълум гардиданд, ки онҳо метавонанд барои амалӣ гардидани манфиатҳои қонунии шахс оқибатҳои манфӣ дошта бошанд, зеро татбиқи ин маҳдудиятҳо ҳамзамон бо коҳиши ҳаҷми фаъолияти иҷтимоивуиқтисодии инсон ба амал меояд ва дар натиҷа ба қисман ё пурра ғайриимкон гаштани татбиқи минбаъдаи ин ҳуқуқҳо оварда мерасонад. Принсипҳо ва асосҳои маҳдудкунии ҳуқуқҳои иҷтимоивуиқтисодии инсонро муайян ва таҳлил намуда, ба чунин натиҷагирӣ расидем, ки маҳдудиятҳои ҳуқуқии ҳуқуқҳои иҷтимоивуиқтисодии инсон бояд ба принсипҳои қобили қабул будан, қонунӣ будан, лозимӣ будан, ҳадафманд будан, асоснок будан ва мутаносиб будан мувофиқат кунанд, зеро дар акси ҳол ҳама гуна дахолати мақомот ба ҳуқуқҳои иҷтимоивуиқтисодии инсон ғайри қобили қабул ва ғайриқонунӣ дониста мешаванд.

8. Танзими меъёриву ҳуқуқии ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоӣ тавассути маҷмуи санадҳо ва меъёрҳои ҳуқуқӣ роҳандозӣ мегардад, ки бо амалисозии механизми танзими ҳуқуқии онҳо дар ҶТ алоқамандӣ

дорад.Қонунгузорӣ оид ба ҳуқуқҳои мазкурро шартан метавон ҳамчун низоми чорсатҳа ифода намуд. Ба сатҳи якуми танзими ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоӣ дар ҶТ меъёрҳои конститутсионӣ мансуб мебошанд, ки кафолати ҳимояи онҳоро муқаррар менамоянд. Ба сатҳи дуюм санадҳои байналмилалӣ шомил мешаванд, ки хусусияти ҳуқуқмуқарраркунанда доранд. Ба сатҳи сеюм низоми қонунҳои махсусгардонидашуда, ба мисли Кодекси меҳнат, Кодекси маданӣ, Қонунҳои ҶТ «Дар бораи ҳифзи менат, «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ», «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» ва монанди инҳо дохил мешаванд. Сатҳи чорум санадҳои меъёрии умумӣ, ба мисли Кодекси ҷиноятӣ, Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва ғ. мебошанд, ки аз ин ё он ҷиҳат масъалаҳои ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоиро танзим менамоянд.

Анҷоми пажӯҳиш ба муаллиф имкон фароҳам овард, ки як қатор **тавсияҳои амалӣ** барои мукаммал гардонидани қонунгузории амалкунандаро пешниҳояд намояд. Аз ҷумла:

1. Таҳлили вазъи ҳуқуқии ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ дар ҶТ ба ин натиҷа расонид, ки баъзе аз ҳуқуқу озодиҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар Конститутсияи ҶТ комилан дарҷ нашудаанд, балки фақат дар дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва он ҳам дар шаклҳои ғайриқобили пазириш муқаррар гардидаанд. Ин ҳолат то андозае ба амалӣ кардани ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ таъсири манфӣ мерасонад. Аз ҳамин ҷиҳат пешниҳод карда мешавад, ки дар баробари ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоие, ба монандиҳуқуқ ба моликият, ҳуқуқ ба фаъолияти иқтисодӣ, ҳуқуқ ба мерос, ҳифзи саломатӣ, меҳнат ва ғайра, ки дар КонститутсияиҶТ омадаанд, ҳуқуқҳои зерини иқтисодиву иҷтимоӣ низ дар сатҳи конститутсионӣ кафолат дода шаванд:

1. Ҳуқуқ ба корпартоӣ;

2. Ҳуқуқ ба сатҳи шоистаи зиндагӣ.

2. Бо мақсади тавассути субъектҳои соҳибкорӣ ҳарчи муассиртар ва ҳадафмандтар амалӣ гаштани сиёсатҳои иқтисодиву иҷтимоии давлатӣ, фаро

гирифтани имконияtҳои нави бозори иқтисодӣ ва шакл додани фазои мусоиди фаъолиятҳои сармоягузорӣ моддаи 11-и ҚҶТ «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» бояд дар таҳрири зерин муқаррар гардад:

«Моддаи 11. Ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ

1. Ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомотиҳокимияти давлатӣ, мақоми ваколатдори давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ амалӣ карда мешавад.

2. Бо мақсади дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ давлат ба фароҳамсозии шароитҳои мусоиди ташкилию иқтисодӣ дар асоси барномаҳои зерин мусоидат мекунад:

– ташкили хидматрасониҳои моддию техникӣ ва иттилоотӣ-таълимӣ;

– омодасозӣ ва бозомӯзии кадрҳо тавассути барномаҳои тахассусии давлатӣ ва ғайридавлатӣ;

– ҳавасмандсозии субъектҳои соҳибкорӣ бо истифода аз фишангҳои иқтисодӣ (субсидияҳои мақсаднок, имтиёзҳои андозсупорӣ ва ғ.)

– додани имтиёзҳои махсус барои навсозии технологияҳо, фаъолиятҳои навоварона, азхудкунии навъҳои нави маҳсулот ва хидматрасониҳо;

– додани қарзҳои мақсаднок ва имтиёзнок;

– мораторияи санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ;

– пешниҳоди дигар намуди ҳимоя ва дастгириҳо».

3. Бо мақсади кафолати қавитари конститутсионии ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқи инсон ба моликият ва мерос пешниҳод мешавад, ки моддаи 32-и Конститутсияи ҶТ дар таҳрири зерин муқаррар карда шавад:

«Моддаи 32. Ҳар кас ҳуқуқ дорад соҳиби моликият ва мерос бошад, онҳоро истифода барад ва ихтиёрдорӣ намояд.

Ҳеҷ кас ҳуқуқ надорад ҳуқуқи шахсро ба моликият бекор ва маҳдуд кунад. Молу мулки шахсро барои эҳтиёҷоти ҷамъият фақат дар асоси қонун

ва розигии соҳиби он бо пардохти арзиши пуррааш давлат гирифта метавонад.

Товони зарари моддӣ ва маънавие, ки шахс дар натиҷаи амали ғайриқонунии мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, дигар шахсони ҳуқуқӣ ва ё шахсони алоҳида мебинад, мувофиқи қонун аз ҳисоби онҳо рӯёнида мешавад.

Мусодираи молу мулк танҳо бо қарори суд дар ҳолатҳо, ҳаҷм ва тартиби муқаррарнамудаи қонун татбиқ карда мешавад.

Истифодаи моликият набояд ба ҳуқуқ, озодиҳо ва шаъну шарафи шаҳрвандон, ба манфиатҳои ҷамъият зарар расонад, ба вазъи экологӣ ва сифатҳои табиии замин таъсири манфӣ расонад».

4. Бо мақсади васеътар кардани механизмҳои ҳифзу ҳимояи ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон ва шаҳрванд, ки ба фаъолияти меҳнатии онҳо вобастаанд, пешниҳод карда мешавад, ки дар қисмҳои якум ва дуюми моддаи 16-и ҚҶТ «Дар бораи иттифоқҳои касаба» ҳимоя ва ҳифзи дигар ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ дар баробари ҳуқуқҳои меҳнатии аъзои иттифоқҳои касаба низ ба назар гирифта шаванд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳаммияти назариявӣ ва амалии пажӯҳиши мазкур, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мегардад, ки рисола сарчашмаҳои муосири илмии вобаста ба ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоиро мукаммал гардонида, барои инкишофи танзими ҳуқуқии муносибатҳои иқтисодиву иҷтимоии ҶТ ва рушди таъминоти иқтисодиву иҷтимоӣ аз ҷониби давлат замина фароҳам меоварад. Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур имкон медиҳанд, ки роҳҳои ташаккули ҳуқуқҳои мавриди назар, мафҳум, моҳият ва мавқеи ҳуқуқҳои марбута дар низоми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд муайян карда шуда, шаклу воситаҳо ва роҳҳои ҳифзу ҳимояи онҳо мушаххас карда шаванд.

Нуктаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои амалие, ки дар рисола фароҳам омадаанд, дар таҳияву таҷдиди қонунгузории соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, омодасозии стратегия, барнома ва консепсияҳои давлатӣ, рушди

механизмҳои ҳимояи ҳуқуқҳои марбута метавонанд мавриди истифода қарор гиранд.

Натиҷаҳои рисоларо метавон дар таълими фанҳои «Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон», «Ҳуқуқи инсон», «Таърихи ҳуқуқи инсон», «Ҳуқуқшиносии муқоисавӣ», «Ҳуқуқи конститутсионии ҶТ ва мамлакатҳои хориҷӣ», «Ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ», «Ҳуқуқи меҳнатии ҶТ» ва курсҳои махсуси «Механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи инсон» ва навиштани матолиби илмиву пажӯҳишӣ истифода бурд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи пажӯҳишҳои назарӣ ва амалии марбут ба паҳлуҳои гуногуни ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, таҳлили натиҷа ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда, мафҳумҳо, ақидаҳо ва тавсияҳои назарию амалии муаллиф, нуктаҳои илмии таҳқиқот ва тавсияҳо, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории миллӣ бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ ва давлатҳои алоҳида дар самти ҳуқуқҳои марбута, таҳқиқи ҳолати кунунӣ, дурнамо ва роҳҳои такмили ҳимояи ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ асос меёбад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллифи рисолаи илмӣ бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ тасдиқ мегардад. Инчунин сабки навишт, масъалагузорӣ ва шеваи бархӯрд ба таҳқиқоти илмӣ саҳми бевоситаи шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот.** Рисола дар кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода гардида, борҳо дар ҷаласаҳои кафедраи номбурда муҳокима шудааст. Нуктаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияҳои зерин дар шакли маъруза пешниҳод шудаанд:

**А) байналмилалӣ:**

– Конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Ҳуқуқи инсон: дирӯз ва имрӯз» – маъруза дар мавзуи: «Ҳуқуқу озодиҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ». – Душанбе, 2022;

– Конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ дар мавзуи «Масъалаҳои назариявии ташаккули фарҳанги ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон» – маъруза дар мавзуи: «Механизмҳои ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ». – Душанбе, 2023;

– II-юмин конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи он» бахшида ба Рӯзи илми тоҷик – маъруза дар мавзуи: «Аз таърихи ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон». – Душанбе, 2023;

– Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Ҳифзи ҳуқуқи инсон ва масъалаи муқовимат ба коррупсия дар ҷаҳони муосир: консепсияҳо, воқеият ва дурнамо» – маъруза дар мавзуи: «Таъсири коррупсия ба ҳуқуқу озодиҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ». – Душанбе, 2023.

**Б) ҷумҳуриявӣ:**

– Конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Масоили мубрами такмили Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир» – маъруза дар мавзуи: «Таҳкими ҳуқуқу озодиҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар Конститутсия». – Душанбе, 2023;

– Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Мушкилоти қонунгузории замини Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони муосир» – маъруза дар мавзуи: «Ҳуқуқи моликият ба замин». – Душанбе, 2023.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Доир ба муҳтавои диссертатсияунвонҷӯ дар маҷмуъ 8 мақолаи илмӣ интишор кардааст, ки 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ва 3 мақола дар дигар нашрияву маҷмуаҳо чоп шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Рисола аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, ду боб, 8 фасл ва 3 зерфасл, хулоса, тавсияҳои оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ мураттаб шудааст, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқ асос ёфтаанд. Ҳаҷми умумии диссертатсия 201 саҳифаро ташкил медиҳад.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА ТАЪРИХИ ТАҲАВВУЛИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ИҚТИСОДИВУ ИҶТИМОӢ

## 1.1. Мафҳум, вижагиҳо ва сохтори ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон

Ҳуқуқ ва озодиҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон ва шаҳрванд»ба маънои ҳуқуқӣ доираи муносибатҳоеро ифода мекунанд, ки ба ҳар кас имконият медиҳад қобилият ва моликияти худро барои ҳама гуна фаъолияти иқтисодие, ки қонун манъ накардааст, танзими муносибатҳои меҳнатӣ, таъмини сатҳи шоистаи зиндагӣ ва истифодаи неъматҳои модию маънавӣ истифода барад» [186, с. 432]. Дар баробари ин бояд қайд намуд, ки давлатҳо ҳақ доранд аз талаботи байналмилалие, ки барои таъмини ҳуқуқу озодиҳои асосии иқтисодиву иҷтимоии шаҳрвандони худ қабул кардаанд, дар сурати хилофи принсипҳои фаъолияти иқтисодӣ ё бозорӣ буданашон, даст кашанд.

Бояд хотиррасон кард, ки аз нимаи дуюми асри XX фалсафаи нави ҳуқуқи инсон тадриҷан ташаккул меёбад, ки ба идеалҳои сотсиал-демократии адолат, ҳамбастагӣ, уҳдадориҳои иҷтимоӣ ва ғайра феҳристи ҳуқуқҳои инсон тавассути дохил кардани ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ асос ёфтааст. Ин раванди такмил, пеш аз ҳама, ба дигаргуниҳои бузурги иҷтимоӣ, ки дар ҷаҳон ба амал омадаанд, афзудани давлатҳои иҷтимоӣ, таҳаввули онҳо аз тарҳи сирф либералӣ ба тарҳи либералии иҷтимоӣ сарчашма мегирад. Маҳз дар ҳамин давра ин ҳуқуқҳо ба конститутсияҳои бисёр давлатҳои Аврупо (Италия, Македонияи Шимолӣ, Полша, Словакия, Словения, Туркия, Хорватия, Чехия ва Черногория) дохил карда шуданд ва ҳатто ба бобҳо ё бахшҳои махсус ҷудо гардиданд. Масалан, боби IV-и Конститутсияи Албания «Ҳуқуқ ва озодиҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ» унвон гирифтааст [73, с. 189].

Аммо бо вуҷуди ин, дар таҳқиқоти ҳуқуқшиносони хориҷӣ ҳанӯз ҳам чунин ақида мавҷуд аст, ки бисёре аз ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ бар хилофи аксари ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсӣ хусусияти принсипӣ доранд [79, с.

150]. Масалан, боби сеюми Конститутсияи Испания «Дар бораи принсипҳои асосии сиёсати иқтисодиву иҷтимоӣ» ном дорад. Бархе аз донишмандон бар ин назаранд, ки ин ҳуқуқҳо аз нигоҳи қонунӣ ҳуқуқҳои заиф ҳастанд, аз ин рӯ, мушаххасоти ҳуқуқӣ ва ҷобаҷогузории сатҳи ҳуқуқи шаҳрвандиро тақозо мекунанд. Ба ақидаи онҳо, ин ҳуқуқҳоро наметавон муайян ва тасниф кард ва кафолатҳои онҳо аз рӯйи моҳият ва мазмуни худ хусусияти ҳуқуқӣ надошта, уҳдадориҳои давлатро оид ба таъмин ва ҳимояи ҳуқуқӣ ба вуҷуд оварда наметавонанд [129, с. 21].

Он гуна ки М.В. Буроменский зикр мекунад, фарқи асосӣ байни ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ва ҳуқуқҳои шаҳрвандию сиёсӣ дар он аст, ки онҳо «зарароваранд», яъне ҳаҷми татбиқи онҳо аз рушди иқтисодиву некуаҳволии давлат вобаста аст [183, с. 55]. А.В Скрипнюк таъкид мекунад, ки баъзе аз ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, ки дар сатҳи конститутсияи кишварҳо муқаррар гардидаанд, ба шиорҳои муқаррарӣ табдил ёфта, дар баробари ҳуқуқҳои дигар таъмини онҳо шартӣ ва нокифоя боқӣ мондааст [102, с. 88]. А.И. Юшик низ ба ин масъала таваҷҷуҳ намуда, менависад, ки «дар чунин шароит ҳуқуқу озодиҳои конститутсионӣ, махсусан дар соҳаи иқтисодиву иҷтимоӣ, хусусияти эъломиявӣ ва ғайривоқеӣ пайдо мекунанд» [93, с. 672].

Метавон ба сифати мисол Конститутсияи кишвари худамонро мисол овард, ки мувофиқи моддаи 39-уми он кафолати таъмини иҷтимоӣ на дар ҳама ҳолатҳо, балки танҳо «дар пиронсолӣ, ҳангоми бемориӣ, маъюбӣ, гум кардани қобилияти кор, маҳрум шудан аз сарпараст ва мавридҳои дигаре, ки қонун муайян кардааст», дода шудааст. Ё дар Конститутсияи Полша, дар банди 1-и моддаи 71 гуфта мешавад, ки «давлат дар сиёсати иқтисодиву иҷтимоии худ некуаҳволии оиларо ба назар мегирад. Оилаҳое, ки дар тангнои модӣ ва иҷтимоӣ қарор доранд, махсусан оилаҳои серфарзанд ва оилаҳои нопурра ҳуқуқ доранд, ки аз ҷониби мақомоти давлатӣ кумаки махсус гиранд» [74, с. 597]. Аммо ин талабот ба таври одилонатар дар моддаи 35-и Конститутсияи Македония ифода ёфтааст, ки дар он гуфта мешавад: «Ҷумҳурӣ дар бораи ҳифзи иҷтимоӣ ва таъмини иҷтимоии шаҳрвандон дар

асоси адолати иҷтимоӣ ғамхорӣ мекунад. Ҷумҳурӣ ҳуқуқи кумак ба шаҳрвандони камбизоат ва ғайри қобили меҳнатро кафолат медиҳад. Ҷумҳурӣ ҳимояи махсуси маъюбон ва ба ҳаёти ҷамъиятӣ шомил намудани онҳоро таъмин менамояд» [74, с. 439].

Ҳамин тавр, ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, ба андешаи мо, метавонанд ба маънои воқеии худ ҳамчун принсипҳои фаъолияти давлат, ки чун ниҳоди «хидмати умумӣ» амал мекунад, шарҳу тафсир ёбанд. Дар мавриди шаҳрвандон бошад, онҳоро метавон ҳамчун ҳуқуқҳои умумии ҷамъиятӣ маънидод кард, ки дар асоси онҳо шахс тибқи принсипҳои ҳамбастагии иҷтимоӣ, тавассути ниҳодҳои сиёсию ҳуқуқӣ имкон дорад аз давлат амалҳои «хидмати умумӣ», аз ҷумла таъмини шаҳрвандон бо меҳнат, истироҳат, фаъолияти соҳибкорӣ, бо сатҳи шоистаи зиндагӣ, тандурустӣ, таҳсилот ва дигар ҷузъҳои «ҳуқуқ ба зиндагӣ»-ро талаб намоянд [53, с. 617]. Барои он ки ин принсипҳо, идеалҳо, ҳуқуқҳои ҷамъиятӣ на аҳаммияти умумии сиёсӣ, балки аҳаммияти бевоситаи ҳуқуқӣ, амали воқеӣ ва ҳимояviро нисбат ба шаҳрвандон пайдо кунанд, ба андешаи С.А. Верланов, ҳадди ақал ду шарти ҳатмии зеринро таъмин кардан лозим аст: «1) Ҷомеа бояд ба сатҳи баланди рушди модию маънавӣ ва сарватмандӣ ноил гардад; 2) Принсипҳо, идеалҳо, ҳуқуқҳои умумии иҷтимоӣ бояд ба сатҳи ҳуқуқу уҳдадориҳои қонунии мушаххасе гузаранд, ки тавассути воситаҳои ҳуқуқии институтҳои ҳуқуқии давлатӣ, пеш аз ҳама, адолат амалӣ карда мешаванд» [138, с. 13].

Аз ин рӯ, аксар вақт Конститутсия, ки кафили таъминоти иҷтимоии шаҳрвандон аст, байни ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, шаҳрвандӣ ва сиёсӣ фарқият намегузорад, балки, воқеан, мақоми ҳуқуқии онҳоро баробар карда, арзиши воҳидеро дар давлати демократӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ муқаррар мекунад. Ин ҳолатро дар Конститусияи Тоҷикистон ҳам ба мушоҳида гирифтан мумкин аст, зеро ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ дар боби 2, дар қатори «Ҳуқуқ, озодӣ, вазифаҳои асосии инсон ва шарҳванд» оварда шудаанд. Бо вуҷуди ин, чунонки М. Козюбра қайд мекунад, комилан баробар

кардани ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ бо ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ беасос аст [151, с. 28]. В.В. Лемак низ ҳамин гуна ақида дорад, ки ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоиро аз рӯйи хусусияти муҳимму табиаташон бо ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсӣ дар як саф гузоштан мумкин нест. Ин донишманд зикрмекунад, ки чунин бархӯрд дар баробари таҳкими муносибатҳои патерналистӣ дар ҷомеа аз бисёр ҷиҳат хатарҳоро ба бор меорад. Аввалан, баробар кардани ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ бо дигар ҳуқуқҳо нақш ва аҳаммияти ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсиро ба таври объективӣ паст мекунад. Сониян, аз сабаби ноқисии татбиқи амалӣ ва имконнопазирии ҳифзи судии онҳо нуфузи ҳуқуқи инсон ҳамчун арзиши бунёдии иҷтимоӣ ва нуфузи меъёрҳои конститутсионие, ки ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоиро муқаррар менамоянд, поён меравад [153, с. 42-46]. Аммо бо вуҷуди ин ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ аз нуқтаи назари ҳуқуқи конститутсионӣ хеле васеъ ифода ёфтаанд. Онҳо, пеш аз ҳама, дар шакли принсипҳои конститутсионӣ (масалан, дар муқаддима ва моддаи 1-и Конститутсияи Тоҷикистон ҳамчун давлати иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ), принсипҳои умумии сохти конститутсионӣ (моддаҳои 12 ва 13, ки ба ҳуқуқи моликият ба замин марбутанд, инчунин дар боби II Конститутсияи Тоҷикистон (пеш аз ҳама, дар моддаҳои 32-41) муфассал баён карда шудаанд.

Ёдовар мешавем, ки давлат на танҳо тамоми ҳуқуқҳои эътирофкардаи худро бидуни истисно, новобаста аз он ки риоя ва ҳифзи кадом ҳуқуқҳо дар назар дошта шудааст, кафолат медиҳад, балки дар назди шаҳрвандони худ масъулият низ дорад. Ҳамин аст, ки дар қатъномаи Ассамблеяи Генералии СММ аз 16-уми декабри соли 1966, №32/130 гуфта шудааст, ки тамоми ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон тақсимнашаванда ва бо ҳам алоқамонданд. Илова бар ин, чунонки дар зербанди «в»-и банди 1 ҳамин қатънома нишон дода шудааст, бе амалӣ намудани ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ пурра амалӣ намудани ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ имконнопазир аст. Яъне эътирофи ҳама баробарии тамоми ҳуқуқҳо аз ҷиҳати конститутсионӣ ҳимояи ҳуқуқии

ягонаи онҳоро, аз ҷумла тавассути адолат пешбинӣ мекунад. Дар баробари ин, М.В. Баглай душвории ҳифзи ин ҳуқуқҳоро қайд намуда, мегӯяд, ки таъсири бевоситаи ин ҳуқуқҳо аз ҷиҳати объективӣ ниҳоят нисбӣ аст, зеро ягон суд даъвои шаҳрвандиро оид ба татбиқи чунин ҳуқуқҳо танҳо дар асоси муқаррароти конститусионии он эътироф намекунад [56, с. 260].

Сабаби ин равшан аст, яъне набудани ҷавобгари мушаххас, зеро ин ҳуқуқ барои ягон шахс уҳдадориҳои мустақимро ба вуҷуд намеорад. Маълум мешавад, ки ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ, асосан, меъёрҳои ҳуқуқӣ набуда, балки стандартҳое мебошанд, ки давлат сиёсати худро бояд ба он равона созад [56, с. 261]. Н. Харламова низ ҳамин мавқеъро пуштибонӣ карда, қайд мекунад, ки инҳо на ҳуқуқҳои субъективӣ, балки уҳдадориҳои объективии давлат мебошанд, ки иҷрои онҳо ба вазъи иқтисоди кишвар вобаста аст. Аз ин рӯ, ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодии дар санадҳои байналмилалӣ ва конститутсия эълоншуда бевосита ба ҳифзи судӣ нигаронида шуда, ҳамчун дастури умумии таъминоти иҷтимоиву иқтисодӣ ба ҳисоб меравaнд, ки бояд дар қонунгузории амалкунанда бо назардошти имкониятҳои молиявии давлат муайян карда шаванд [172, с. 23]. Ҳангоми таҳлили Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ А. Робертсон ба ин нукта таваҷҷуҳ мекунад, ки ин паймон танҳо меъёрҳоеро муқаррар мекунад, ки давлат бояд барои расидан ба онҳо талош дошта бошад [91, с. 439].

Дар баробари ин, бояд таваҷҷуҳ кард, ки чунин баҳодиҳии ҳуқуқҳои баррасишаванда ҳамчун стандарт (на ҳамчун меъёрҳои ҳуқуқӣ) дар ҳуқуқшиносӣ тасдиқи худро намеёбад, инчунин ба таҳкими тавсифи давлатҳо ҳамчун ҷомеаи иҷтимоӣ дар конститутсияҳои бисёр давлатҳои Аврупо мухолифат дорад. Масалан, тибқи моддаи 17-и Конститутсияи Тоҷикистон, «ҳама дар назди қонун ва суд баробаранд. Давлат ба ҳар кас, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк ҳуқуқу озодиҳоро кафолат медиҳад» [1]. Яъне рад

кардани қабули даъвоҳои шаҳрвандӣ дар мавриди ҳифзи ҳуқуқҳо, аз ҷумла иҷтимоиву иқтисодӣ, пеш аз ҳама, хилофи Конститутсияи кишвар аст.

Чунонки В.И. Гладких дуруст қайд мекунад, барои таъмини ин гурӯҳи ҳуқуқҳои инсон «давлат наметавонад аз дахолат ба ин соҳа худдорӣ кунад ва набояд худдорӣ кунад» [66, с. 71]. Дар баробари ин, сухан на дар бораи дахолати давлат, балки дар хусуси ҳамкорӣ барои иҷрои уҳдадориҳои давлат дар баробари шаҳрвандон оид ба таъмини ҷомеа ба имкониятҳои ҳуқуқии иҷтимоиву иқтисодӣ, сатҳи шоистаи зиндагӣ ва рушди мунтазами шароити зиндагӣ меравад. Ҳамчунин бояд гуфт, ки аксари ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ танҳо аз ҷониби ҷомеа ва давлат дода, ҳифз карда мешаванд ва инсон наметавонад мустақилона соҳиби ин ҳуқуқҳо гардад. Аз ҳамин ҷост, ки ин ҳуқуқҳо, асосан, ҳамчун талаботи муайян ба давлат амал мекунанд, яъне вазифаи давлат, пеш аз ҳама, нигоҳ доштани ҳаёти шахс ва амнияти иҷтимоиву иқтисодии ӯ мебошад. Масалан, банди 2-юми моддаи 9-и Конститутсияи Испания муқаррар кардааст, ки «мақомоти давлатӣ бояд... ба иштироки ҳамаи шаҳрвандон дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ мусоидат кунанд», дар қисми 2-юми моддаи 3-и Конститутсияи Италия гуфта мешавад, ки «вазифаи ҷумҳурӣ бартараф кардани монеаҳои сохти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошад, ки... ба иштироки самараноки тамоми меҳнаткашон дар созмонҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар халал мерасонанд». Моддаи 9-и Конститутсияи Португалия пешбинӣ мекунад, ки «вазифаҳои асосии давлат аз инҳо иборатанд:...мусоидат ба некуаҳволӣ ва сифати зиндагии мардум ва баробарии воқеии байни португалҳо, инчунин татбиқи ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ тавассути дигаргунсозӣ ва навсозии сохтори иқтисодию иҷтимоӣ». Ҳамин тавр, чунонки Г.М. Вагина таъкид мекунад, бе ҳалли ин масъалаҳо ба иштироки фаъолонаи инсон на дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ ва на дар ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ умед баста намешавад [184, с. 51].

Бояд гуфт, ки дар ҷараёни рушд ва таҳкими ҳифзи ҳуқуқии инсон васеъ

намудани заминаи ҳуқуқии мафҳуми умумии «ҳуқуқи инсон» дигар воқеияти навро инъикос намекард ва зарурати мушаххассозӣ ва тафовутбахшӣ ба миён омада буд. Аз ин рӯ, бо мурури замон дар санадҳои ҳуқуқӣ ва адабиёти ҳуқуқӣ гурӯҳҳои мустақили ҳуқуқу озодиҳо дар низоми умумии ҳуқуқи инсон: шаҳрвандӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ҷудо карда мешаванд. Мо чунин мешуморем, ки ҳар яке аз гурӯҳҳои болозикр гурӯҳи мустақили ҳуқуқу озодиҳо мебошанд ва аз ин рӯ, дар заминаи таҳқиқоти рисолаи номзадӣ аз рӯйи ҳамин дидгоҳ пажӯҳиш мекунем. Илова бар ин, масъалаи муқаррар намудани ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ба далели анъанаи муқарраршудаи дарки умумияти ин гурӯҳи ҳуқуқҳо, ки дар байни доираи муайяни муҳаққиқон реша давондааст, мураккабтар аст. Ҳамин тавр, чунонки Е.В. Аристов қайд мекунад, дар Русия муддати тулонӣ ҳуқуқҳои иҷтимоии инсон ва шаҳрванд бо омилҳои иқтисодию фарҳангӣ пайваста буданд [181, с. 60]. Аммо, ба андешаи мо, ҳуқуқҳои баррасишавандаро ҷудо кардан лозим аст, зеро онҳо на танҳо аломатҳои умумӣ, балки хусусияти фарққунанда низ доранд, низоми нисбатан мустақили ҳуқуқро ташкил медиҳанд, ҳар яки онҳо соҳаи муайяни муносибатҳои ҷамъиятиро таъмин мекунанд ва инчунин бо меъёрҳои мушаххаси субъектӣ-объектӣ вобаста ба соҳаҳои мухталиф, вале дар айни ҳол ба таври узвӣ ба ҳам пайвастаи фаъолияти инсон, воситаҳои таҳким, механизмҳои татбиқ ва муҳофизат тавсиф карда мешаванд.

Ба андешаи А.М. Диноршоҳ, «хусусияти муҳимми ҳуқуқу озодиҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангӣ механизми ҳуқуқии татбиқи онҳо тавассути меъёрҳои соҳаҳои алоҳидаи ҳуқуқ мебошад» [186, с. 492].

Мушкилоти дигаре, ки барои таҳкими ҳуқуқу озодиҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ муҳим аст, вуҷуд надоштани дидгоҳи ягонаи олимон дар мавриди нисбат додани феҳристи ҳуқуқи инсон ба ин ё он гурӯҳи ҳуқуқҳо мебошад. Масалан, мо бо мавқеи В.А. Иваненко ва В.С. Иваненко, ки ба ҳуқуқи иҷтимоӣ 26 навъи ҳуқуқ, аз ҷумла ҳуқуқ ба таҳсил, ҳуқуқи таъсиси

иттифоқҳои касаба ва иттиҳодияҳо, ҳуқуқи озодона шомил шудан ба иттифоқҳои касаба, ҳуқуқ ба иттилоот ишора мекунанд, розӣ шуда наметавонем [69, с. 107]. Ба назари мо, муқаррар намудани чунин номгӯйи васеи ҳуқуқҳои иҷтимоӣ то андозае аз нуқтаи назари ҳуқуқи конститутсионӣ қобили қабул буда, бештар ба ҳуқуқи меҳнат ва ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ хос аст, вале наметавонад дар назарияи таснифи ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд ҷойгоҳе дошта бошад.

Ҳам аз нуқтаи назари таснифи ҳуқуқу озодиҳо аз нигоҳи мазмун, соҳаҳои ҳаёт ва фаъолияти инсон ва шаҳрванд ва ҳам аз нуқтаи назари равиши такомулгароёна ҳуқуқу озодиҳои иқтисодии инсон ва шаҳрванд гурӯҳи мустақили ҳуқуқу озодиҳои инсон маҳсуб мешаванд, ки дорои хусусияти махсуси иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ, таркибҳои субъективӣ-объективӣ, доираи татбиқ ва таъиноти функсионалӣ мебошанд. Ҳамзамон мафҳуми «ҳуқуқҳои иқтисодӣ»-ро ба ду маъно фаҳмидан лозим аст: аз ҷиҳати объективӣ онҳо маҷмуи меъёрҳои конститутсионию ҳуқуқие мебошанд, ки ин ҳуқуқҳоро муқаррар ва кафолат медиҳанд ва аз ҷиҳати субъективӣ ҳуқуқҳои конститутсионии шахс ва шаҳрванд мебошанд.

Бояд таъкид кард, ки дар илми ҳуқуқшиносӣ таърифҳои гуногуни ҳуқуқҳои иқтисодӣ мавҷуданд. Масалан, П.М. Рабинович ҳуқуқи иқтисодиро ҳамчун имкониятҳои инсон дар амалӣ намудани қобилиятҳои худ ва ба даст овардани василаи зиндагӣ бо роҳи иштирок дар истеҳсоли неъматҳои модӣ ва дигар неъматҳо муайян мекунад [97, с. 8]. Ба ақидаи Ю.М. Фролов, ҳуқуқ ва озодиҳои иқтисодии инсон ва шаҳрванд имкониятҳои инсон барои соҳибӣ кардан, истифода бурдан ва ихтиёрдории неъматҳои асосии иқтисодӣ, инчунин ба даст овардан ва ҳимоя кардани онҳо бо тарз, андоза, шакл ва усулҳои пешбининамудаи қонунҳои амалкунанда мебошад [171, с. 166].

Маълум аст, ки ҳуқуқҳои иқтисодӣ, ғайр аз хусусиятҳои умумӣ, инчунин хусусиятҳои хос дорад, ки мазмуни онҳоро ошкор мекунанд. Хусусиятҳои умумӣ инҳоро дар бар мегиранд: ҳуқуқҳои иқтисодӣ, ки ҳам барои шахс ва

ҳам барои тамоми ҷомеа зарурӣ ва аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳиманд; дараҷаи риояи уҳдадориҳои байналмилалии давлатро инъикос мекунанд; вижагиҳои махсуси ҳуқуқӣ ва механизми мушаххаси амалӣ доранд, дақиқтараш шакли махсуси муттаҳидшавӣ доранд, яъне дар санадҳои ҳуқуқии байналмиллалӣ эълон гардида, дар конститутсияҳои миллии давлатҳо пешбинӣ шудаанд; дар низоми ҳуқуқи инсон мавқеи муҳимро ишғол мекунанд; шарти зарурӣ ва асоси тамоми ҳуқуқҳои қонунии муқаррарнамудаи дигар соҳаҳои ҳуқуқ, ки ин соҳаи муносибатҳои ҳуқуқиро танзим мекунанд; хусусияти доимӣ доранд, яъне ҳуқуқи ҷудогонаи иқтисодӣ қатъ намегардад ва ҳар лаҳза ба вуҷуд намеояд, балки ҳуқуқи ҷудонашавандаи ҳар як иштирокчии муносибатҳои ҳуқуқӣ мебошад; ба ҳар як инсон ва шаҳрванд дахл доранд; характери умумӣ ва ҷаҳонӣ доранд, яъне ҳаҷми онҳо барои ҳар як инсон ва шаҳрванд яксон буда, дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, дар тамоми давлат ва дар ҳар лаҳза амал мекунанд. Дар баробари ин, ҳуқуқҳои иқтисодӣ дар қатори бисёре аз ҳуқуқҳои дигар, агарчи аз лаҳзаи таваллуд ба шахс ва шаҳрванд тааллуқ дошта бошанд ҳам, вале қобилияти амалисозии онҳо бо расидан ба синну соли муайян ба даст меояд ва барои татбиқи онҳо дар бештари ҳолатҳо маҷмуи шартҳои муайян зарур аст.

Дар адабиёти илмии ватанӣ ва хориҷӣ як қатор таърифҳои мафҳуми «ҳуқуқ ва озодиҳои иҷтимоии инсон ва шаҳрванд» мавҷуданд, ки на ҳама вақт бо аломатҳои асосии худ мувофиқат мекунанд. Бояд тазаккур диҳем, ки аз ҳуқуқшиносони тоҷик таърифи нисбатан мукаммал ва фарогири ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодиро А.М. Диноршоҳ, Б.А. Сафарзода, С.М. Салоҳидинова, Р.Ш. Шарофзода додаанд, ки ҳамаи онҳо аз ҷониби Г. Солеҳзода [202, с. 105-110] мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд ва мо такрори ин баҳсро нолозим медонем. Баръакс, кӯшиши мо бар он хоҳад буд, ки баъзе нукоти вобаста ба мавзуъро, ки аз ҷониби илми ҳуқуқшиносии тоҷик фурӯгузор шудааст, ба таҳлил бикашем.

Д.Ш. Сангинов ба гурӯҳи ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ инҳоро дохил

мекунад: ҳуқуқ ба сатҳи кофии зиндагӣ; ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ; ҳуқуқ ба саломатӣ ва муҳити солими атроф; ҳуқуқ ба меҳнат, пардохти одилонаи меҳнат; ҳуқуқ ба моликият; ҳуқуқ ба фаъолияти соҳибкорӣ; ҳуқуқ ба фаъолият дар соҳаи истеҳсол ва табодул; ҳуқуқ ба тақсимот ва истифодаи молу хидматрасониҳо [99, с. 27-29].

Мо мавқеи Д.Ш. Сангиновро дар мавриди ба сифати ҳуқуқи иҷтимоӣ шинохтани ҳам ҳуқуқ ба сатҳи кофии зиндагӣ ва ҳам ба таъминоти иҷтимоӣ комилан тарафдорӣ менамоем, ки дар ин бобат дар боби дуюми кор муфассал андешаронӣ хоҳем кард. Аммо дар айни ҳол сабабҳои ҳамчун ҳуқуқҳои алоҳида эътироф кардани ҳуқуқ ба фаъолият дар соҳаи истеҳсол ва табодул ва ҳуқуқ ба тақсимот ва истифодаи молу хидматрасониҳоро наметавонем дарк намоем, зеро, ба андешаи мо, ин ду ҳуқуқ ё дар доираи ҳуқуқ ба меҳнат ва ё дар доираи ҳуқуқ ба фаъолияти соҳибкорӣ амалӣ карда мешаванд ва наметавонанд ҷудо аз ин ду ҳуқуқи эътирофшудаи иҷтимоӣ амал намоянд.

Ба фикри мо, номгӯи беҳтари ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоиро А.М. Диноршоҳ пешниҳод кардааст: ҳуқуқ ба моликияти хусусӣ; ҳуқуқ ба мерос; ҳуқуқ ба озодии фаъолияти иқтисодӣ, ҳуқуқ ба фаъолияти соҳибкорӣ, озодии меҳнат, ҳуқуқ ба меҳнат, ҳуқуқ ба истироҳат, ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ, ҳуқуқ ба манзил, ҳуқуқ ба ҳифзи саломатӣ ва ёрии тиббӣ, ҳуқуқ ба таҳсил, ҳуқуқ ба иштирок дар ҳаёти маданӣ [144, с. 296-198]. Мо комилан ба ин таснифи А.М. Диноршоҳ ҳамраъй буда, бо иловаи ҳуқуқ ба сатҳи шоистаи зиндагӣ ба ин рӯйхат пажӯҳиши худро бар пояи ҳамин андеша баррасӣ хоҳем намуд.

Ҳамин тавр, ҳуқуқҳои иқтисодӣ ҳуқуқҳое мебошанд, ки ба шахс имкон медиҳанд, то дар ҷомеа ба таври шоиста зиста тавонад. Аз ин ҷиҳат, ҳуқуқҳои иқтисодӣ нисбат ба дигар ҳуқуқҳои инсон аввалиндараҷаанд. Аммо ин маънои онро надорад, ки баъзе ҳуқуқҳо бояд ба ҳамдигар мухолифат ё таноқуз дошта бошанд. Ба андешаи мо, чунин муносибат хоста ё нохоста боиси маҳдуд шудани баъзе ҳуқуқҳо дар натиҷаи бартарият додан ба гурӯҳи

дигари ҳуқуқҳо мегардад, ки ин ҳолат ҳатман дар раванди татбиқи онҳо зоҳир мешавад.

Дар низоми ҳуқуқи инсон ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ҷойгоҳи фавқулодава муҳимро ишғол мекунанд, ки аз як тараф, бояд барои ҳар як инсон шароити муносиби зиндагии мардумро таъмин кунанд, аз тарафи дигар, уҳдадории давлатро дар роҳи таъмини ҳамаи ниёзмандон бо имкониятҳои иҷтимоии ҳадди ақал ва ҳифзи иҷтимоие муайян мекунанд, ки барои нигоҳ доштани шаъну шарафи инсон, қонеъ гардондани талаботи модӣ ва маънавии ӯ заруранд. Ба иборaи дигар, ҳуқуқҳои иҷтимоӣ талаботи шахс аз давлат дар симои мақомоти он, аз ҷумла мақомоти қонунгузорӣ барои андешидани амалҳое мебошанд, ки воқеияти амалисозии ин ҳуқуқҳоро таъмин кунанд. Масалан, дар банди 2-юми моддаи 7-и Конститутсияи Федератсияи Россия омадааст, ки «дар Федератсияи Россия меҳнат ва саломатии одамон ҳифз карда мешавад, ҳадди ақали музди меҳнати кафолатнок муқаррар карда мешавад, оила, модар, падар ва кӯдак, шаҳрвандони маъюб ва пиронсолон ба дастгирии давлатӣ таъмин, низоми хидматрасонии иҷтимоӣ инкишоф дода мешавад, нафақаи давлатӣ, имтиёзҳо ва дигар кафолатҳои ҳимояи иҷтимоӣ муқаррар карда мешаванд» [78, с. 339]. Дар баробари ин, дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқҳои иҷтимоӣ на танҳо хусусияти мустақил пайдо намудаанд, балки муқаррарот ва кафолати ҳуқуқии комилтареро дарёфт кардаанд.

Дар илми ҳуқуқшиносӣ якчанд равишҳои маъмултари муайян кардани ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ба назар мерасад, ки аввалини онҳо ин аст, ки қисме аз давлатҳои аврупоӣ, аз қабили Австрия, Босния ва Ҳерсеговина, Лихтенштейн бар хилофи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсии дар Конститутсия муқарраршудаҳуқуқҳои иҷтимоиро дар сатҳи конститутсионӣ эътироф намекунанд, балки онҳоро дар қонунгузории ҷорӣ ба таври муфассал танзим месозанд. Муносибати дуюм аз он иборат аст, ки дар Конститутсия уҳдадории мақомоти давлатӣ барои таъмини ҳар як узви ҷомеа ба дараҷаи муносиби зиндагӣ ва шароити муътадили рушди фардӣ муқаррар карда

мешавад. Аммо дар баробари ин, ҳуқуқҳои иҷтимоӣ бар хилофи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ тахти ҳимояи судӣ қарор дода намешаванд. Масалан, дар банди 2-юми моддаи 59-и Конститутсияи Албания қайд карда мешавад, ки «бевосита тавассути суд ба ҳадафҳои иҷтимоӣ ноил шудан манъ аст» [73, с. 191] ва ё банди 4-уми моддаи 41-и Конститутсияи Швейтсария муқаррар мекунад, ки «ба хидматрасонии давлатӣ ҳеҷ гуна даъвоеро барои ҳадафҳои иҷтимоӣ пеш бурдан мумкин нест» [75, с. 543]. Равиши сеюм эътироф мекунад, ки ҳуқуқҳои иҷтимоӣ як навъи алоҳидаи ҳуқуқҳои инсон буда, онҳо бо ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ баробар дониста мешаванд, инчунин татбиқ ва ҳифзи онҳо, аз ҷумла бо роҳи ҳимояи судӣ кафолат дода мешавад. Масалан, дар моддаи 14-и Конститутсияи ҶТ омадааст, ки «ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба воситаи Конститутсия, қонунҳои ҷумҳурӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки аз тарафи Тоҷикистон эътироф шудаанд, ҳифз мегарданд» [1]. Дар баробари ин бояд гуфт, ки аксарияти мутлақи давлатҳои Аврупо ва Осиёи Марказӣ, аз ҷумла ҶТ, ҳуқуқҳои иҷтимоиро ҳамчун як гурӯҳи мустақили ҳуқуқҳо эътироф намуда, дар баробари ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ онҳоро дар сатҳи конститутсионӣ эътироф кардаанд.

Аз ин рӯ, ҳуқуқҳои иҷтимоие, ки дар моддаҳои 32, 34, 35, 36, 37, 38, 39-и Конститутсияи Тоҷикистон омадаанд, дар муқоиса бо ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ «дуюмдараҷа» нестанд, онҳо дар якҷоягӣ бо ҳуқуқҳои иқтисодӣ як навъ меҳвари тамоми низоми ҳуқуқи инсонро ташкил медиҳанд. Ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ҳуқуқҳое мебошанд, ки ба инсон имкон медиҳанд дар ҷомеа мавҷудият дошта бошанд ва ба ин маънӣ нисбат ба дигар ҳуқуқҳои инсон аввалиндараҷаанд.

Ҳамин тавр, таҳлили мазмун, моҳият ва хусусиятҳои ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоӣ имкон медиҳад ба чунин натиҷагирӣ бирасем, ки онҳо маҷмуӣ ва тасодуфию аморфӣ нестанд, балки як гурӯҳи махсуси ба ҳам алоқаманди ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошанд, ки мазмуни онҳо дар моддаҳои дахлдори Конститутсия ошкор карда шуда, дар қонунгузории

амалкунандаи Тоҷикистон муфассал баён шудаанд. Ин ҳуқуқҳо ба консепсияи давлати иҷтимоӣ (яъне таъмини сатҳи баланди зиндагии шаҳрвандони худ), ки ба фаъолияти инсон дар соҳаи иқтисодӣ марбутанд, ба муносибатҳои иҷтимоии он бо ҷомеа, давлат, одамони дигар алоқаманд буда, ба рушди маънавии инсон мусоидат намуда, иштироки ӯро дар пешрафти иқтисодиву иҷтимоии ҷомеа таъмин мекунанд.

## 1.2.Ташаккул ва рушди ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон дар сарзаминҳои таърихии тоҷикон

### 1.2.1. Ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ

Аз он ҷо, ки таърихи қадимаи халқи тоҷик ғановати фарҳангӣ ва тамаддунии бесобиқа дорад, низоми ҷамъиятӣ, сиёсӣ ва динии онҳо ҳамеша мавриди таваҷҷуҳи пажӯҳишгарони ҷаҳонӣ будааст. Аз ҷумла, таърихи ҳуқуқ дар Эрони бостонро олимоне, аз қабили А.Г. Периханян [92], А.К. Рзаев [98, с. 20-42], Ф.Т. Тоҳиров [169], А.Ғ. Холиқзода [209], Ю. Яқубов [124] мавриди таҳқиқоти гуногун қарор додаанд. «Натиҷаи фаъолияти ин ҳуқуқшиносон буд, ки дар ниҳояти кор ҳуқуқи зардуштия ҳамчун низоми мустақили ҳуқуқӣ на танҳо дар фазои ҳуқуқии бостон, инчунин дар байни оилаҳои ҳуқуқии ҷаҳон муаррифӣ гардид» [63, с. 31]. Албатта, қобили тазаккур аст, ки ин дастовард, пеш аз ҳама, ба фаъолияти А.Ғ. Холиқзода марбут аст, зеро маҳз рисолаи доктории мавсуф дар мавзуи «Низоми ҳуқуқии зардуштӣ», ки соли 2004 дар Академияи илмҳои Россия бомуваффақият дифоъ шудааст, илми ҳуқуқшиносии тоҷикро ба чунин натиҷа оварда расонидааст.

Бояд зикр кунем, ки дар рисолаи А.Ғ. Холиқзода меъёрҳои ҳуқуқи давлатӣ, шаҳрвандӣ, об, экологӣ ва ҷиноятии Авасто мавриди пажӯҳиш қарор гирифтаанд ва ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, ба ҷуз аз ҳуқуқи оилавӣ, сарфи назар шудаанд. Бо ин ҳама, яке аз натиҷагириҳои рисолаи мазкур ин аст, ки дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ «муассисаҳои ақди никоҳ, ҳуқуқ ва

уҳдадориҳои падару модар, фарзандхонӣ, тарбияи кӯдак, имтиёзҳои зани ҳомиладор, ҳифзи ҳуқуқи кӯдакон ва кӯдакони таваллуднашуда, маҳдуд кардани ҳуқуқ ва ваколатҳои зану шавҳар бо мақсади ҳифзи оила ва ғайра ба дараҷаи хеле баланд ба тартиб андохта шудаанд» [209].

Ин натиҷагирӣ, ки аз назари мо, бештар ба ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии инсон марбут аст, метавонад ҳамчун нуқтаи оғози пажӯҳиши алоҳида дар мавриди ҷойгоҳи ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ пазируфта шавад.

Зикри ин нуктаро, ки дар давлатҳои пешазисломии эрониён вазъи ҳуқуқӣ ва иҷтимоии мардум беҳтар аз давраҳои баъдиисломӣ будааст, метавон аз назарҳо ва дидгоҳҳои мутафаккирон ва донишмандони асрҳои миёна, ки бо ҳисси ифтихор, эҳтиром ва бузургдошт аз сабку салиқаи давлатдории подшоҳони пешин ёд кардаанд, пай бурд. Масалан, Муҳаммад Ғаззолӣ, яке аз донишмандони бонуфузи исломӣ, ки муътақид ба иҷрои бечунучарои тамоми аҳкоми Қуръону суннат буд, менависад: «Баҳроми Гӯр рӯзгори хеш ба ду ним кардӣ: як ними рӯз кори мардум гузоридӣ ва як ними рӯз биосудӣ ва андар ҳама подшоҳии ӯ касе рӯзи тамом кор накардӣ» [62, с. 26]. Яъне, агар аз як тараф, Ғаззолӣ аз ҷониби ҳукуматҳо таъмин намудани ҳуқуқи инсонҳо ба истироҳатро зарурӣ донад, аз тарафи дигар, вуҷуди чунин ҳуқуқ ва низоми иҷтимоиро дар давраи пеш аз ислом таъйид кардааст. Ҳамин тавр, нақлу ҳикоёти бешуморе, ки аз ҷониби адибон, муаррихон ва донишмандони асрҳои миёна дар мавриди таъмин, риоят, ҳимоя ва эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон дар давраҳои ҳукумати эрониёни пешазисломӣ шудаанд, бо вуҷуди аз нигоҳи таърихӣ муътамад набудан ва камтар ҷанбаи воқеӣ доштанашон як нуктаро сароҳатан равшан месозанд: ҳукуматҳои давраи пешазисломӣ меъёрҳои рафтории собит ва амалкунандаи ҳуқуқӣ доштаанд.

Маълум аст, ки дар суннати динии эрониён дар давраи пеш аз ислом қонунҳои динӣ ҳамчун қоидаҳои назоратӣ ва иҷборӣ барои маҷмуи вазифаҳои динӣ дар ду соҳа – дин ва ҳуқуқ буданд. Албатта, ин хусусият

пайдоиши онро ба фиқҳи исломӣ наздик мекунад. Омӯзиши матнҳои то замони мо расида нишон медиҳанд, ки масъалаи фаризаҳои динӣ дар дини зардуштӣ дар шакли як илми ҷудогона аз улуми динӣ пешрафт карда, ҳатто бар асоси ихтилоф дар фаҳмиши яштҳо ва ё ба ақидаи дар доираи он ба тафсири исломӣ самтҳои махсуси динии фиқҳӣ ташаккул ёфтаанд [118].

Маҳз аз ҳамин сабаб аст, ки маҷмуаҳои ҳуқуқие, ки аз замони Сосониён боқӣ мондаанд, хусусияти динӣ дошта, дар амал назари қозӣ ё фатвои махсусро бар асоси дидгоҳҳои динии онҳо инъикос мекунанд. Барҷастатарин матни ҳуқуқӣ, яъне «Модигони ҳазор додистон»[1] (маҷмуаи ҳазор ҳукм), ки аз ҷониби Фаррухмарди Баҳромон навишта шудааст, мавзуъҳои мухталифи ҳуқуқи шаҳрвандӣ, аз қабили издивоҷ, мерос, васият, молу мулк, вақф (яъне, хайрия ё васиятномаи молу мулк барои кори хайрия), иҷора, гарав, ҳимоятгарӣ ва шарикӣ, инчунин баъзе масъалаҳои ҷиноиро фаро гирифтааст. Ин матн, ки баъзан ба унвони кодекси шаҳрвандии (ё иҷтимоии) Эрони Сосонӣ низ ёд мешавад, ба назар мерасад, ки қонунгузории расмӣ набуда, балки яке аз матнҳои қонуни динӣ будааст [152, с. 90-112].

Аз ҷумлаи муҳтавои сарчашмаҳои ҳуқуқи авастоӣ, ки метавонанд ин ё он андоза ба ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоӣ марбут бошанд, андешаҳо дар бораи интихоби касб (ҳуқуқ ба интихоби соҳаи фаъолият), меҳнат (ҳуқуқ ба меҳнат), ҳимояи занон, занони ҳомила, кӯдакон (ҳуқуқ ба нигоҳубини кӯдак), манзили истиқоматӣ (ҳуқуқ ба манзил), ҳифзи саломатӣ ва ёрии тиббӣ (ҳуқуқ ба ҳифзи саломатӣ ва ёрии тиббӣ) муҳити солими зист (ҳуқуқ ба муҳити солими атроф) мебошанд. Масалан, дар қисматҳои 41-43, бахши ҳафтум, фаргарди 7-уми «Вандидод» омадааст: «Пизишк бояд мубадро дар баробари офарину омурзишхоҳии вай, хонахудоро ба арзиши варзови (барзагов – шарҳи С.Ҷ.) камбаҳое, деҳхудоро ба арзиши варзови миёнабаҳое, шаҳрбонро ба арзиши варзови пурбаҳое ва шаҳриёрро ба арзиши гардунае

[1] Дар мавриди навишти калимаи «Мотикон», ки дар луғатномаҳои забони форсӣ решаи онро калимаи «модда» ё «мотик» донистаанд, се навъи навишт – «мотикон», «модигон» ва «модиён» маъруф аст. Ниг: https://abadis.ir/fatofa/ماتکان.

чаҳораспа (навъе аз ароба, ки барои кашидани борҳои вазнин истифода мешавад – шарҳи С.Ч.) дармон кунад» [63, с. 231].

Чунонки мебинем, дар ин порча музди меҳнати пизишк барои пешниҳоди хидмати ӯ пешбинӣ шудааст. Аммо баръакси низоми имрӯзии ҳуқуқ ба музди меҳнати сазовор, низоми ҳуқуқии зардуштӣ меҳнати пизишкро на бар асоси андоза ва ҳаҷми хидматрасониҳои ӯ, балки бар асоси ба кӣ пешниҳод кардани ин хидматрасониҳо андоза мекунад ва бар ҳамин асос ҳукм менамояд, ки агар бемори пизишк мубад бошад, пизишк набояд музди меҳнаташро талаб кунад, балки офарину омурзишхоҳии мубад барои пизишк (дуо) ҳамчун музди меҳнат муқаррар шудааст, аммо агар бемори шифоёфта хонахудо (саробони оила) бошад, музди меҳнати табиб ба андозаи барзагови (варзоваи) камбаҳо муқаррар мешавад. Монанди ҳамин, агар бемор деҳхудо (раиси деҳа) бошад, музди меҳнати пизишк «варзоваи миёнабаҳо», агар бемор шаҳрбон (раиси шаҳр) бошад, музди меҳнати пизишк «варзови пурбаҳо» таъйин карда шудааст, аммо агар бемор подшоҳ бошад, бар ивази хидмати табиб бояд арзиши аробаи бузурге, ки чаҳор асп тавони кашонидани онро доранд, пардохта шавад. Ҳамин тавр, ин низоми ҳисоби музди меҳнат дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ фақат ба кори пизишк дахл надошта, қимати баъзе аз дигар хидматрасониҳои иҷтимоӣ ҳам ба ҳамин роҳ муайян карда шудаанд.

Тавре дар боло ишора рафт, дар ин низоми ҳуқуқӣ ба ҳифзу ҳимояи иҷтимоии занони ҳомила ва кӯдакон аҳаммияти бориз дода шудааст. Масалан, дар фаргарди 15-уми «Вандидод» омадааст, ки «агар мард бо духтаре дӯшиза ё бонуи ҷавон – хоҳ он духтар ё бону вобаста ба солори хона бошад ё на, хоҳ ба шавҳар дода шуда бошад ё на – ҳамхобагӣ кунад ва он духтар ё бону аз ӯ обистан шавад, бояд то ҳангоме, ки кӯдак зода шавад, аз он зан нигаҳдорӣ кунад» [63, с. 434].

Аз ин гуфтаҳо маълум мешавад, ки дар тафовут аз низоми ҳуқуқии динҳои сершумор дини зардуштӣ новобаста аз муносибати ҳуқуқӣ ва иҷтимоии зану мард, яъне ташкили оила кардан ё накардани онҳо, дар сурати

ҳомиладорӣ мардро мувazzаф мекунад, ки то таваллуди кӯдак занро нигоҳубин кунад. Гузашта аз ин, дар ҳамин фаргарди «Вандидод» омадааст, ки «агар мард бо духтаре дӯшиза ё бонуи ҷавон – хоҳ он духтар ё бону вобаста ба солори хона бошад ё на, хоҳ ба шавҳар дода шуда бошад ё на, ҳамхобагӣ кунад ва он духтар ё бону аз ӯ обистан шавад, набояд аз шарми мардум меваи зиндагиро, ки дар заҳдони хеш дорад, нобуд кунад» [63, с. 434].

Ҳамин тавр, ин фармудаи динӣ агар, аз як тараф, ҳуқуқи кӯдаки таваллуднашударо ба ҳаёт ҳифз кунад, аз тарафи дигар, ҳуқуқи модарро ба нигоҳубини кӯдак эътироф намуда, ӯро аз исқоти ҷанин манъ кардааст. Дида мешавад, ки дини зардуштӣ бо ин фармуда кӯшидааст, ки занҳои таваллуди ғайриқонунӣ доштаро, аз як тараф, аз ҳуҷуми ҷомеа ва мардум ҳимоя намояд, аз ҷониби дигар, нигоҳубини зани ҳомиларо вазифаи падари кӯдак муқаррар карда, бо ин роҳ ҳифзи иҷтимоии занони ҳомиларо кафолат додааст.

Дигар аз муқаррароти ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, ки дар «Вандидод» зикр шудааст, ҳуқуқ ба ташкили оила ва ҳуқуқ ба моликият аст. Дар банди 47-уми фасли чаҳоруми Вандидод марди зандор бар марди безан, марди фарзанддор бар бефарзанд ва марди молдор бар бенаво бартар муқаррар шудааст. Дар ин ҷо, дини зардуштӣ инсонро ба ташкили оила ва тарбияи фарзанд, ҳамчунин ба доштани молу доройӣ ташвиқ намудааст.

Муҳаққиқ И.Ҳ. Бобоҷонзода аз ҳуқуқи занон дар даврони зардуштия ба меросбарӣ аз шавҳарони худ сухан ронда, менависад, ки «вобаста ба он ки зан дар кадом намуди никоҳ қарор дорад, метавонист аз ҳуқуқи мерос бурдан аз шавҳари худ маҳрум бошад. Аз панҷ навъи никоҳе, ки дар замони зардуштӣ мавҷуд буд (подшоҳзан, иканзан, чокарзан, сатурзан ва худсарзан) танҳо заноне, ки дар никоҳи подшоҳзан ва иканзан қарор доштанд, ҳуқуқ ба мероси шавҳарро доро буданд» [137, с. 204].

Дар мавриди ҳуқуқ ба муҳити солими атроф метавон ин андешаи А.Ғ. Холиқзодаро тазаккур дод, ки мегӯяд: «Мушкилоти ҳифзи муҳити зист ва нигоҳубини олами ҳайвонот дар ҳуқуқи зардуштӣ чунон возеҳ таҳия шудааст,

ки метавон гуфт, ҳуқуқи зардуштӣ як оилаи ҳуқуқӣ бар дине асос ёфтааст, ки ҳифзи муҳити зистро яке аз вазифаҳои аввалиндараҷа медонад» [209, с. 11].

Ҳуқуқ ба таҳсил аз навъи дигари ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ аст, ки таваҷҷуҳи низоми ҳуқуқии зардуштӣ ба он чашмгир аст. Масалан, мо дар Авасто мехонем: «Агар туро фарзанди хурдсол аст, ӯро ба дабистон бифирист, зеро ки дабистон фурӯғи дониш, чашми равшан ва биност».Чунин баёни матлаб дар омӯзаҳои зардуштӣ фаровон буда, то чӣ андоза рушду инкишоф ёфтани ҳуқуқ ба таҳсил дар низоми ҳуқуқии онро сароҳатан равшан месозад.

Дар фасли чоруми Вандидод, дар банди 44 омадааст, ки «ҳар гоҳ ду тан – хоҳ ҳамдин, хоҳ бародар, хоҳ дӯст бо якдигар паймоне бибанданд, то яке... донишеро аз вай биомӯзад... ва он кас, ки хостори дониши динӣ аст, бояд Мантраи варҷовандро (яке аз дуоҳои асосии зардуштӣ – шарҳи С.Ҷ.) бад-ӯбиомӯзонад» [63, с. 436].

Ҳамин тавр, сарчашмаҳои ҳуқуқи зардуштӣ баёнгари онанд, ки ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон дар баробари дигар ҳуқуқҳо дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ ба таври низомнок, вале на ҳамчун қонуни ҳуқуқӣ, балки фармудаҳои динӣ дарҷ ёфтаанд. Аммо ин ки дар тули таърихи бостонии тоҷикон дар зиндагии воқеӣ мардум аз кадом ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ бархӯрдор буданд, метавон аз сарчашмаҳои таърихӣ иттилоъ пайдо кард.

Низоми синфӣ дар муносибатҳои иҷтимоӣ яке аз вижагиҳои эътирофшудаи ҷомеаи Эрони бостон аст. Ин вижагӣ дар табақаҳои мухталифи ин ҷомеаончунон реша гирифтааст, ки ба гуфтаи Ҳеродот, вақте ду эронӣ дар хиёбоне вохӯранд, метавон аз рӯйи салому алейкашон ба равобити синфии онҳо баҳо дод. Албатта, интизор шудан мумкин нест, ки тартибу низом ба ташаккули қонунгузорӣ таъсир нарасонад ва он бидуни ба назар гирифтани тафовути синфӣ ба вуҷуд ояд. Аммо аз ҷониби дигар, наметавон сатҳи нуфузи низоми синфӣ дар Эрони қадимро нодида гирифт. Принсипҳои адолат дар замони Дориюши аввал, ки тибқи он қонун

тавонмандро аз поймол кардани ҳуқуқи нотавон нигоҳ медорад, худ аз худ гувоҳӣ медиҳанд, ки дар қонунгузории Ҳахоманишиҳо баррасии шикояти табақаҳои поёнии ҷомеа низ аз ҷониби қонунгузор пешбинӣ шуда буд. Барои тавзеҳи ин ҳукм бояд ёдовар шуд, ки тибқи шаҳодати муаррихони юнонӣ, баъзе аз пешаҳо, аз ҷумла касбҳои муътабар, кишоварзӣ ва ҳарбӣ аз таваҷҷуҳи хоси шоҳони Эрон бархӯрдор будаанд [148].

Дар давлати Ҳахоманишиҳо барои рушди иқтисод ва фарҳанг шароити осоишта фароҳам оварда мешуд, худсарии ваҳшиёна вуҷуд надошт, ҳокимони Ҳахоманишиҳо одатан кӯшиш мекарданд, ки дар ҳудуди тамоми мустамлика меъёрҳои муайяни қонунгузориро муқаррар кунанд, шароити маҳалро ба назар мегирифтанд, қонунҳоро эҳтиром мекарданд. Расму оинҳои мардумони гуногун мавриди эҳтироми давлат қарор доштанд, идораи онҳо, асосан, ба дӯши маъмурияти маҳаллӣ ва руҳоният вогузор карда мешуд. Аммо ин ҳама бо шартҳои мушаххас риоя мешуданд: итоат ба мақомоти Ҳахоманишӣ ва пардохти андоз, ки ҳарчанд вазнин буд, вале ба таври дақиқ ва қонунан муқарраршуда ситонида мешуд [96, с. 83-94]. Чунонки муҳаққиқ Ҷ. Саъдизода тазаккур медиҳад, «маҳз дар ҳамин давраи таърихӣ Куруши Кабир ҳуқуқи тамоми халқиятҳоро ба озодии виҷдон, мусофират, интихоби ҷойи зист ва монанди инҳо эълом мекунад».

Бори аввал дар чунин қаламрави васеъ ҷорӣ шудани асосҳои ҳуқуқи маъмурӣ ва давлатӣ, ки аз доираи қонунҳои қабилавӣ ё ҳуқуқи урфу одати қабилаҳои ориёӣ хеле берун рафтааст, ба мустаҳкам шудани давлат мусоидат кард. Маълум аст, ки андозу боҷҳои муқарраркардаи подшоҳони Ҳахоманишиҳо, ки махсусан дар охири давраи Ҳахоманишиҳо зиёд мешуд, барои мардуми меҳнаткаши кишварҳои мустамлика бори вазнин буд, дар баробари ин истисмори мардуми меҳнаткаш аз ҷониби ашрофони маҳаллӣ низ пурзӯр мегардид. Аммо тартиботи ҳуқуқӣ, андозҳои қатъии муқарраршуда, муомилоти ягонаи пулӣ, инкишофи нақлиёт ва алоқа – ҳамаи инҳо ба афзоиши тавонои қувваҳои истеҳсолкунанда, рушди маданият, савдо,

табодули арзишҳои модӣ ва маънавии байни халқҳои мухталифе, ки дар ҳайати ин империя буданд, мусоидат мекард [65, с. 5-38].

Хусусияти фарқкунандаи сиёсати Дориюш сиёсати фаъолона эълоншудаи қонуният буд, ки ба тобеоне, ки «қонун»-и дар давлат муқарраркардаи Дориюшро риоя мекунанд, ваъдаи ҳимоя медиҳад ва баръакс, ба онҳое, ки ин қонуниятро риоя намекунанд, ҷазо пешбинӣ мекунад. Дар як қатор катибаҳои Дориюши 1 омадааст, ки ӯ на ба ашроф ва на ба аввом зараре нарасонидааст, «қонун»-и ӯ ин аст, ки ашроф бар аввомзулм намекунад, аввомаз дасти ашроф азоб намекашад ва ашроф аз аввоми одӣ. Ҳарчанд то андозае чунин изҳорот танҳо баёния буданд, аммо дар маҷмуъ, дар соҳаи муносибатҳои иҷтимоӣ сиёсати Дориюши I, воқеан, барои нигоҳ доштани мувозинати иҷтимоӣ равона шуда буд [167, с. 12-35].

Афлотун дар китоби «Қонун» ба нақли қавли як донишманди афинагӣ ба нақши Дориюш дар бунёди қонунгузории Эрон ишора кардааст, ки ин қонун баробарии иҷтимоиро ба унвони принсипи бунёдӣ пазируфтааст [148].

Ин сиёсати иҷтимоии Дориюш, пеш аз ҳама, ба ҷомеаи форсӣ марбут буда, ба ҳифзи манофеъ ва аҳаммияти мардуми озоди форс, ки такягоҳи асосии ҳарбӣ ва иҷтимоии Ҳахоманишиҳоро ташкил медод, равона шуда буд. Дар катибаҳои Дориюши 1 ба ворисонаш дастуре ҳаст, ки агар нахоҳанд аз душманон битарсанд, бояд мардуми форсро ҳифз кунанд.

Дар тамоми давлатҳои пешазисломии эронӣ мақоми иҷтимоии руҳониёни дин, деҳқонон, хидматчиёни ҳарбӣ ва дертар ҳунарварону тоҷирон баланд буд, махсусан, руҳониён, ходимони давлатӣ ва ҳарбиву низомӣ ҳамеша аз дастгириҳои иҷтимоии давлат бархӯрдор буданд, таъминоти иҷтимоии онҳо бар уҳдаи давлат гузошта шуда буд.

Метавон хулоса кард, ки ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоӣ дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ аз ҷойгоҳ ва мавқеи хосса бархӯрдор буда, ҷанбаҳои алоҳидаи ҳаёти иқтисодиву иҷтимоии ҷомеаҳои он давра, ба

монанди таъминоти иҷтимоии оила ва занону кӯдакон, фаъолияти меҳнатӣ, музди меҳнат, таҳсил ва ғайраро танзим мекардааст.

Гузашта аз ин, дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ аввалин заминаҳои ҳуқуқии таъминоти иҷтимоии баъзе аз қишрҳои аз назари иҷтимоӣ ва иқтисодӣ осебпазири ҷомеа, ба монанди занони ҳомила, заноне, ки таваллуд кардаанд, кӯдаконе, ки берун аз никоҳи падару модар таваллуд шудаанд, ба таври мушаххас фароҳам оварда шудааст. Ин ҳолат гувоҳи он аст, ки дини зардуштӣ бар асоси қонунмандиҳои мушаххаси ҳаёт ва таҷриба таҷрибаи бевоситаи зиндагии мардум фармудаҳои меъёриву ахлоқии худро ташаккул дода, пеш аз ҳама, барои фароҳам овардани шароити шоистаи зиндагӣ нигаронида шудааст [152, с. 90-112].

### 1.2.2. Ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон дар сарчашмаҳои ҳуқуқи исломӣ

Табиист, ки баъд аз ҳуҷуми арабҳо ва густариши дини ислом дар сарзамини Эрони бостон дар қатори дигар таҳаввулоти бузург низоми ҳуқуқӣ ҳам дучори дигаргуниҳои бесобиқа мешавад. Ҳуқуқи исломӣ батадриҷ ва вобаста ба тағйироти сиёсӣ ба низоми муайян ворид гардад.

Бояд гуфт, ки барои ворисони бешумори давлати Сосониён, ки таърихи тулонӣ дар соҳаи ҳуқуқ дар давраи тоисломиро доштанд, омадани ислом низ заминаи ислоҳоти куллии низоми ҳуқуқӣ гардид. Ислом, ки дар як муддати кӯтоҳи зуҳури худ аз Мовароуннаҳр то Андалусия минтақаи васеъро фаро гирифт, барои тамоми мусулмонон, аз ҷумла эрониён, шароити бесобиқаеро барои ошноӣ бо фарҳангҳои дигар омода кардааст. Ин оғози ҳаракати мусулмонон ба сӯйи ҳамгироии нисбӣ дар низоми ҳуқуқӣ дар баробари ҳамгироии динӣ буд. Ин омил дар баробари тағйироте, ки дар сохти иҷтимоии Эрон, ба монанди аз байн рафтани низоми синфҳои собиқ дар натиҷаи қабули ислом ба вуҷуд омадааст, эрониҳоро ба ин натиҷа оварда расонид, ки баъзе вижагиҳои ҷомеаи худро дар соҳаи ҳуқуқ ба шароити нави

фарҳангӣ номувофиқ дониста, аз онҳо даст кашиданд ва ба ин ҳамгироии ҳуқуқӣ моил шуданд.

Агар ба таври куллӣ тамоми давраи амали ҳуқуқи исломӣ дар Мовароуннаҳрро, ки аз ҳуҷуми аввали арабҳо дар соли 673 оғоз мешавад ва то барҳам хӯрдани Аморати Бухоро давом меёбад, ба назар бигирем, метавонем қонуниятҳои мушаххаси ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодиро шиносем. Аз замоне, ки Сомониён низоми идоракунии давлатиро мутамарказ намуда, онро ба вазоратҳои алоҳида қисмат кардаанд (дар он давра «девон» мегуфтанд), новобаста аз тағйири ҳукуматҳо, сулолаҳо ва давлатҳо ин низом то Аморати Бухоро фаъол буд.

Маълум аст, ки сарчашмаҳои ҳуқуқи исломӣ, пеш аз ҳама, Қуръон, баъдан ҳадисҳои Муҳаммад (с), фатвоҳои пешвоёни динӣ ва фиқҳи мазҳабҳои алоҳида ба ҳисоб мераванд. Бо таваҷҷуҳ ба ин, ки дар Мовароуннаҳр мардум таърихан пайравони мазҳаби ҳанафия буданд, фиқҳи исломӣ ҳам бар пояи ҳамин мазҳаб шакл гирифтааст. Шариат ба маънои аслии худ ҳамон догмаҳое буд, ки дар матнҳо ва суннатҳои динӣ ҳамчун қонуни Худо тафсир мешуданд. Аммо зарурати ба даст овардани тафсири ин матнҳо барои пайдоиши илми фиқҳ замина кушод, ки вазифааш тафсири ақидаҳои шариат аз матнҳои динӣ ва далелҳои дигар буд.

Ҳамин тавр, ақидаҳои шаръӣ дар доираҳои фиқҳ паҳн шудан гирифтанд ва дар тӯли асрҳои зиёд ҳамеша бо пайдо шудани далелҳои нави ҳуқуқӣ доираи мавзуъҳои онҳо фарох мешуд. Бо таваҷҷуҳи зиёд бар ин нукта, ки илми фиқҳ дар тули мавҷудияти худ ҳамчун қонуни шаҳрвандӣ вазифаи тафсири матнҳои диниро анҷом додааст ва ин дар мавзуъҳои тиҷорӣ ва мубодила баръало зоҳир шудааст, метавон гуфт, ки фиқҳи исломӣ ҳамеша бо таъмини қонунҳои динӣ, ки ба қонунҳои шаҳрвандии ҷомеа мувофиқанд, пеш рафтааст. Муносибати он ба қонуни шаҳрвандӣ, агар ба принсипҳои асосии шариати исломӣ мувофиқ бошад, боиси тағйир ва пурра таъмин шудани он бо эҷоди зарурати динӣ барои татбиқи он мегардад.

Аз он ҷо, ки ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодии инсон бахшҳои мушаххаси зиндагии фардро фаро мегиранд, дидгоҳи ҳуқуқи исломиро ба ҳар яке аз онҳо мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

Агар мафҳум ва мундариҷаи ҳуқуқи иҷтимоиву иқтисодии муосирро, ки пеш аз ҳама, ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ, ҳуқуқ ба меҳнат, ҳуқуқ ба манзил, ҳуқуқ ба ҳифзи саломатӣ ва ёрии тиббӣ, ҳуқуқ ба муҳити солими атроф ва монанди инҳоро дар бар мегирад, ба назар гирем, Қуръон ва ҳадисҳои паёмбари ислом дар ин мавридҳо ишораҳои андаке доранд. Зеро дар аввалҳои ислом ниҳоди давлатдорӣ набудааст ва умуман арабҳои қабилавӣ аз низоми давлатдорӣ огоҳ набудаанд. Аммо бисёре аз нишонаҳои ба худи ислом хоси ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ дар сарчашмаҳои исломиро дарёфтан мумкин аст.

Дар сарчашмаҳои ҳуқуқи исломӣ таъминоти иҷтимоӣ на аз тарафи ниҳоди давлатӣ ё идорӣ, балки аз тарафи тоҷирон, сарватмандон ва шахсони саховатпеша ва аъзои оила амалӣ мешавад. Масалан, касоне, ки молу сервати онҳо ба як нишондиҳандаи мушаххас расидааст, бояд 2,5%-и онро бевосита ба ниёзмандон пардохт кунанд, ки ин амр дар ислом закот номида мешавад [58, с. 370]. Қуръон ва ҳадисҳои паёмбар закотро аз фаризаҳои ислом, яъне амале, ки мусулмон бар анҷом додани он вазифадор аст, ба ҳисоб овардаанд. Аммо агар ин фармуда дар солҳои аввали интишори ислом то андозае дуруст ба иҷро мерасида бошад, баъдан закот ба унвони андози алоҳидаи давлатӣ бар муқобили фармудаҳои Қуръон ва фиқҳи исломӣ бештар аз мардуми нодор, деҳқонон, муздурон ва ҳунармандон ситонида мешуд ва албатта, ба дасти табақоти ниёзманд намерасид ва ба моликияти давлат мубаддал мегашт.

Ҳамчунин, дар қатори закот садақа ё хайрия ҳам дар ислом маъмул буд, ки бахшидани молу маблағ ба касони ниёзмандро дар назар дошт. Ислом новобаста аз ҳаҷму миқдори сервату доройӣ ҳамаи табақоти ҷомеаро даъват мекунад, ки то ҳадди имкон ба касони фақиртар аз хеш дасти ёрӣ дароз кунанд. Масалан, ҳадисҳои паёмбар мусулмононро ба сарпарасти ятимон

будан, ба ниёзмандон ёрӣ расонидан, ба нигоҳубини пиронсолон ва бевазанон даъват мекунанд: «Касе, ки дар хидмати ятимон ва бевазанон бошад, монанди муҷоҳиди фисабилиллоҳ аст ва ё монанди касе аст, ки шабро то субҳ намоз мехонад ва рӯзро рӯза мегирад» [70, с. 536].

Мувофиқи фармудаҳои Муҳаммад (с), ҳар андоза ки падару модар дар тарбия ва ба воя расонидани кӯдакон масъуланд, ҳамон андоза фарзандон ба нигоҳубини волидайни барҷомондаи худ вазифадор карда шудаанд. Қуръон дар сураи Луқмон ҳукм мекунад, ки: «Ва Мо ба одамӣ ҳукм кардем, ки дар ҳаққи падару модари худ некӣ кунад» [83]. Амалан, дар давраи амали ҳуқуқи исломӣ падару модаре, ки фарзандонашон аз нигоҳубини онҳо даст кашидаанд, метавонистанд ба қозӣ муроҷиат кунанд.

Ҳамчунин, Қуръон дар ояти 34-уми сураи Нисо сарпарастии занонро бар уҳдаи мардон ниҳодааст ва дар ин бора чунин оварда мешавад: «Мардон сарпарасту нигаҳбони занонанд, ба хотири бартариҳое, ки Худованд (аз назари низоми иҷтимоӣ) барои баъзе нисбат ба баъзе дигар қарор додааст...» [83, с. 567]. Яъне аз назари таъминоти иҷтимоӣ мардон вазифадор мешаванд, ки ниёзҳои иқтисодии занон – ҳамсарон, модарон, хоҳарон ва духтарони худро бароварда созанд.

Ҳамчунин, дар Қуръон ва ҳадисҳо мавриди ҳарими хусусӣ будани манзили шахс мушаххасан ишора шудааст. Дар ояти 27-и сураи Нур омадааст, ки «Эй касоне, ки имон овардаед, ба хонаҳое ҷуз хонаҳои худ ворид нашавед, магар ин ки иҷозат бигиред ва бар аҳли он [хона] салом кунед» [83, с. 678]. Ҳамин аст, ки дар даврони амали ҳуқуқи исломӣ манзил ва хонаҳои мардум моликияти хусусии онҳо эътироф мешуд.

Тавре дида мешавад, сарчашмаҳои исломӣ таъминоти иҷтимоиро бар дӯши ҷомеа ниҳода, табақоти дороро ба кумак ва пуштибонии табақоти нодор ва бесарпаноҳ ташвиқ кардааст. Чунин ба назар мерасад, ки дар ҳуқуқи исломӣ чизе ба маънои андоз ва молиёт дида намешавад, аммо давлатҳои феодалии исломӣ агарчи таъминоти иҷтимоии мардуми худро бар уҳда намегирифтаанд, аммо ситонидани андоз ва молиётро аз мардум дар

баъзе ҳолатҳо ба ягона манбаи даромади ҳукуматҳои худ табдил дода буданд.

Дар Қуръон ва ҳадисҳои паёмбар фақат ишора шудааст, ки мусулмонон аз ғайримусулмононе, ки дар шаҳри онҳо иқомат ихтиёр кардаанд, бояд миқдори маблағеро ба унвони ҷизя талаб кунанд. Аммо дар амал бошад, дар давраи ҳукуматҳои феодалӣ молиёт яке аз бахшҳои муҳимми сиёсати иқтисодии давлатҳо будааст, ки аз давраи Сомониён расман ба навъҳои гуногун ҷудо карда шудааст. Бояд гуфт, ки қисмати зиёди андозҳо дар даврони феодализм маҳз ба уҳдаи табақаи нодори ҷомеа, яъне деҳқонону ҳунармандон рост меомад. Бисёре аз шӯришҳои мардумӣ, ки дар даврони ҳукуматҳои сулолаҳои алоҳида сар задаанд, маҳз дар натиҷаи андозбандиҳои бераҳмона ва ноодилона сар мезаданд. Масалан, машҳуртарин шӯриши мардумӣ дар таърихи тоҷикон – шӯриши Восеъ, маҳз дар пайи ҷорӣ намудани андозҳои беасос ва сершумор сар задааст [122, с. 240].

Шояд ягона дастоварди давраи амали ҳуқуқи исломӣ дар сарзамини тоҷикон дастрас ва таҳти ҳимояи давлат қарор доштани ҳуқуқ ба таҳсил бошад. Тавре маълум аст, баъд аз юришҳо ва забткориҳои бераҳмонаи арабҳо ва ба эътидол омадани вазъи сиёсӣ, ки асосан, баъди ба қудрат расидани Сомониён имконпазир шудааст, таваҷҷуҳ ба илм ва маориф ва пуштибонӣ аз муассисаҳои таълимӣ то барҳам хӯрдани Аморати Бухоро ҳамеша пойдор мондааст. Дар тамоми ин давра ҳама қишрҳои ҷомеа (ғайр аз ғуломон), бо вуҷуди нобаробариҳои шадиди иҷтимоӣ, ба таҳсил ҳуқуқи баробар доштанд. Ҳеҷ кас аз таҳсил манъ карда намешуд. Ягона истисно таҳсили занон дар мадрасаҳо буд.Бухоро ба пойтахти илмии сарзамини Мовароуннаҳр табдил ёфт. Мадрасаҳои бузург дар тамоми шаҳрҳо фаъолият доштанд, масҷидҳои маҳаллаву деҳот макони таълиму тарбияи ибтидоии мардон ба ҳисоб мерафтанд. Дар давраҳои ҳукумати Сомониён ва Темуриён на танҳо шумораи мадрасаҳо афзудааст, балки ҳимояи модӣ ва молии ниҳодҳои илмӣ аз ҷониби ин ҳукуматҳо дар сатҳи баланд қарор доштааст.

Масалан, ҳавзаи илмии Ҳирот дар давраи салтанати Ҳусайн Бойқаро бинобар пояи пажӯҳишоти Фредерик Старр бузургтарин маркази илмии ҳамон давра дар тамоми ҷаҳон будааст [107, с. 549-552]. Духтарон дар хонаҳои омӯзгорони зан ба таҳсил фаро гирифта мешуданд.

Бо вуҷуди ин ки дар мадрасаҳо низоми таҳсил бар пояи назариёти исломӣ ташаккул ёфта буд, вале дастовардҳои таърихии тоҷикон дар улуми нуҷум, риёзӣ, фалсафа, мантиқ ва тиб гувоҳи он аст, ки нақши мадрасаҳои исломӣ дар пешрафти илми тоҷикон калидӣ аст.

Аз миёни ҳуқуқҳои иқтисодӣ дар сарчашмаҳои исломӣ фақат дар мавриди тиҷорат ва мерос андешаҳои ҳуқуқӣ баён карда шудаанд. Қуръон дар оятҳои 11-12 ва 176-и сураи Нисо тартиб ва қоидаҳои меросбариро ба таври зерин таъйин намудааст: «Худованд дар бораи фарзандонатон ба шумо супориш мекунад, ки саҳми (мероси) писар ба андозаи саҳми ду духтар бошад ва агар фарзандони шумо (ду духтар ва) беш аз ду духтар бошад, ду севуми мерос аз они онҳост ва агар яке бошад ниме (аз мерос) аз они ӯст. Ва барои ҳар як аз падару модари ӯ як шашуми мерос аст, агар (майит) фарзанде дошта бошад. Ва агар фарзанде надошта бошад ва (танҳо) падару модар аз ӯ ирс баранд, барои модари ӯ як севум аст (ва боқӣ аз они падар аст). Ва агар ӯ бародароне дошта бошад, модараш як шашум мебарад (панҷ шашуми боқимонда барои падар аст). (Ҳамаи инҳо) баъд аз анҷоми васияте аст, ки ӯ карда ва баъд аз адои қарз аст» [83].

Сураи Нисо, ояти 12: «Ва барои шумо нисфи мероси занатон аст, агар онҳо фарзанде надошта бошанд ва агар фарзанде дошта бошанд, як чаҳорум аз они шумост, пас аз анҷоми васияте, ки кардаанд ва адои қарз (-и онҳо). Ва барои занони шумо як чаҳоруми мероси шумост, агар фарзанде надошта бошед ва агар барои шумо фарзанде бошад, як ҳаштум аз они онҳост, пас аз анҷоми васияте, ки кардаед ва адои қарз. Ва агар марде бошад, ки калола (хоҳар ё бародар) аз ӯ ирс мебарад ё зане, ки бародар ё хоҳаре дорад, саҳми ҳар кадом як шашум аст, (агар бародарону хоҳарони модарӣ бошанд) ва агар беш аз як нафар бошанд, онҳо дар як севум шариканд, пас аз анҷоми васияте,

ки шуда ва адои қарз, ба шарти он ки (аз тариқи васият ва иқрор ба қарз) баонҳо зарар назанад. Ин супориши Худост ва Худо Доно ва Бурдбор аст» [83, с. 678].

Сураи Нисо, ояти 176: «Агар марде аз дунё биравад, ки фарзанд надошта бошад ва барои ӯ хоҳаре бошад, нисфи амволеро, ки ба ҷо гузоштааст, аз ӯ (ирс) мебарад ва (агар хоҳаре аз дунё биравад ва ворисӣ ӯ як бародар бошад), ӯ тамоми молро аз он хоҳар ба ирс мебарад, дар сурате, ки (майит) фарзанд надошта бошад ва агар ду хоҳар (аз ӯ) боқӣ бошанд, ду севуми амволро (ирс) мебаранд ва агар бародарону хоҳарон бо ҳам бошанд, (тамоми амволро миёни худ тақсим мекунанд ва) барои ҳар мард ду баробари саҳми зан аст» [83, с. 745].

Чунонки дида мешавад, Қуръон падару модар, фарзандон, ҳамсарон, хоҳарон ва бародарони шахси фавтидаро ба унвони меросбарони қонунӣ эътироф карда, ҳаққи онҳоро ҳам ба таври мушаххас муайян кардааст.

Дар мавриди кори тиҷорат ҳам Қуръон ва ҳадисҳои паёмбар қоидаҳои муайянеро баён кардаанд. Аммо ин қоидаҳо бештар ба ҳалол ё ҳаром будани анвои тиҷорат, молҳои фурӯшӣ, манъи рибохӯрӣ ва қоидаҳои бастани шартномаҳои молӣ ва шоҳидон ва монанди инҳоро дар бар мегиранд ва ҷанбаҳои ҳуқуқи иқтисодии онҳо ба фаҳмиши муосири ин истилоҳ ночиз ба назар мерасанд.

Дар давраи амали ҳуқуқи исломӣ ҳуқуқҳои иқтисодӣ то андозае беҳтар аз ҳуқуқҳои иҷтимоӣ риоя мешуданд, зеро ҳукуматдорон тоҷирон ва савдогаронро пуштибони худ медонистанд. Ҳунармандӣ дар ҳама давраҳои амали ҳуқуқи исломӣ дар давлатҳои тоҷикон ривоҷ дошт. Мардум ба касбу кори гуногун шуғл меварзиданд ва фаъолияти онҳо аз ҷониби ҳукуматҳо, асосан, фақат аз ҷанбаи пардохти молиёт ва андоз ба танзим дароварда мешуд. Аммо, чунончи пештар ҳам ишора рафт, гоҳо ҳамин андозбандиҳои гарон ва ғасби моликияти шахсӣ аз ҷониби ниҳодҳои ҳукуматӣ боис мегашт, ки эътирозоти мардум ба шӯришу балво табдил ёбанд. Фаъолиятҳо ва ё равишҳои тиҷорат, ки дар аҳкоми исломӣ мамнуъ буд, расман иҷозат дода

намешуд, вале амалан ҷо дошт. Масалан, истеҳсол ва фурӯши шароб ё рибохӯрӣ дар ислом мамнуъ буд, вале дар амал ин фаъолиятҳо равнақи комил доштанд.

Албатта, вақте дар мавриди ҳуқуқи исломӣ сухан меравад, аксаран донишмандон ба сарчашмаҳое ғайр аз Қуръону суннат, ба мисли рисолаҳои сиёсии Низомулмулки Тусӣ, Муҳаммади Ғаззолӣ, Аҳмади Дониш ва ё афкори сиёсиву ҳуқуқии бузургони фарҳангу таърих, ба монанди Фирдавсӣ, Мавлоно, Ҷомӣ ва дигарон муроҷиат мекунанд. Аммо ба сифати сарчашмаи ҳуқуқи исломӣ пазируфтани ин даста аз адабиёт набояд сарфи назар аз чанд нуктаи муҳим сурат бигирад.

Аввал ин ки, афкори сиёсиву ҳуқуқии ин даста аз бузургон вазъи воқеии ҳуқуқӣ-сиёсӣ ва иҷтимоии ҳамон давраро бозгӯ намекунад, балки танҳо баёнгари дидгоҳҳои муаллифон дар робита ба равишҳои беҳтари идоракунии давлат ва ҷомеа аст. Маълум аст, ки афкори онҳо бар пояи донишҳо ва донистаҳояшон аз улуми мухталиф, мисли фалсафа, дин, таърих, адабиёт ташаккул меёбад ва дар натиҷа бар ҳамон аҳкоме поягузорӣ шудааст, ки мо ё дар сарчашмаҳои ҳуқуқи пешазисломӣ ва ё ҳуқуқи исломӣ вомехӯрем.

Нуктаи дуюм ин аст, ки бештари рисолаву осори сиёсӣ ба манзури насиҳати подшоҳон ва ҳукуматдорон навишта мешаванд ва мутаносибан низоми сиёсиву ҳуқуқиеро пешкаш месозанд, ки баръакси низоми ҷории замони худ аст. Ба иборати дигар, бо таълифи чунин осор муаллифон мекӯшиданд, ки вазъи ҳуқуқиву сиёсиро беҳтар кунанд. Яъне вақте мо ин асарҳоро ба сифати сарчашмаҳои ҳуқуқи исломӣ баррасӣ мекунем, бояд донем, ки онҳо бозгӯкунандаи вазъи ҳақиқӣ ва воқеии шароити сиёсиву ҳуқуқии давраи худ нестанд.

Ҳамин тавр, дар мавриди давраи амали ҳуқуқи исломӣ мо ба ду воқеият рӯ ба рӯ ҳастем: яке вазъи воқеии ҳуқуқӣ, аз ҷумла ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, дигаре назарияи ҳуқуқи исломӣ, ки дар сарчашмаҳои он – Қуръону суннат, мактабҳои мазҳабу равияҳои исломӣ дида мешаванд. Вазъи воқеии ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон баъди ба миён омадани давлати

Сомониён то барҳам хӯрдани Аморати Бухоро дар умум тағйироти ҷиддие надидааст: ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ аз ҷониби ҳукуматҳо комилан ҷой надошт, ҳукуматҳо аз мардум андозу молиётеро, ки бештар вақт ғайриинсондӯстона буданд, меситониданд, ҳуқуқ ба моликияти шахсӣ аз дахлнопазирӣ бархӯрдор набуд, меҳнати маҷбурӣ, ноадолатиҳои иҷтимоӣ ҷой доштанд ва монанди инҳо.

Дар муқобил, сарчашмаҳои ҳуқуқи исломӣ ҳимоя ва дастгирии қишри осебпазири ҷомеаро бо таъйини закот ва садақа ба дӯши қишри сарватманди ҷомеа вогузор мекард, ҳуқуқи инсонҳоро ба моликият, мерос, таъмини оила, тарбияи кӯдак ва таҳсил эътироф менамуд.

Ҳамин тавр, аз баррасии вазъи ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодии инсон дар давраи амали ҳуқуқи исломӣ бармеояд, ки новобаста аз вуҷуд надоштани фаҳмиши муосири ин мафҳумҳо дар он давра баъзе вижагиҳои онҳо дар танзими иҷтимоиву иқтисодии рӯзгори мардум аз тарафи ҳукуматҳои феодалӣ ба чашм мерасанд. Агарчи сарчашмаҳои танзимкунандаи ҳуқуқи исломӣ Қуръону ҳадис ва фиқҳ эътироф шуда бошанд ҳам, дар амал давлатҳои феодалӣ гоҳо баръакси фармудаи ин сарчашмаҳо амал мекардаанд ва ё муқаррароти онҳоро ба нафъи худ тағйир медодаанд. Аз ин ҷост, ки бо вуҷуди таҳти ғамхории ислом қарор доштани қишри осебпазири ҷомеа, онҳо тули таърих мавриди ноадолатиҳо, андозбандиҳои гарон қарор мегирифтанд ва барои ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои худ амалан пуштибоне надоштанд.

### 1.2.3. Ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва вазъи амалисозии онҳо дар Тоҷикистони шуравӣ

Эътироф ва таҳкими конститутсионӣ, ҳамчунин таъмини категорияи ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ хидмати бетардиди давлати Шуравӣ буд, ки аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф гардида, дар рушди муқаррароти Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ва дигар санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон саҳми бориз гузоштааст.

Идеологҳои шуравӣ ҳамеша ҳуқуқи шаҳрванд ба меҳнатро дар ИҶШС ба ҳуқуқҳои мутаносиби конститутсияҳои кишварҳои буржуазӣ муқоиса карда, таъкид науданд, ки бар хилофи Иттиҳоди Шуравӣ ин ҳуқуқ дар Ғарб амалан таъмин карда нашудааст. Конститутсияи ИҶШС фақат аз соли 1977 номгӯйи мукаммалтарин ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандонро дар тамоми таърихи давлати Шуравӣ муқаррар кард, зеро то ин дам низоми ҳуқуқу озодиҳо, категорияҳои ҳуқуқу озодиҳои иҷтимоиву иқтисодӣ, сиёсӣ ва шахсӣ муқаррар нашуда буданд [30].

Дар мавриди Конститутсия ва санадҳои меъёрии ҶШС Тоҷикистон, ки ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодиро танзим мекарданд, бояд бигӯем, ки онҳо, асосан, такрори санадҳои ИҶШС буданд ва фарқияти чашмгире надоштанд. Бинобар ин, дар ин бахши кор вазъи ҳуқуқҳои марбута дар таърихи шуравии Тоҷикистон бо такя ба Конститутсияи ИҶШС баррасӣ мешавад.

Ҳуқуқ ба меҳнат номгӯйи ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодиро кушода, бо ҳамин аҳаммияти онро дар байни дигар ҳуқуқу озодиҳо таъкид менамуд. Мувофиқи моддаи 40-и Конститутсияи ИҶШС (соли 1977) ҳуқуқ ба меҳнат кори кафолатдодашуда бо музди меҳнат мувофиқи миқдор ва сифати он ва на камтар аз ҳадди ақали музди меҳнати муқарраргнамудаи давлатро пешбинӣ мекард [30].

Дар муқоиса бо моддаи 118-уми Конститутсияи соли 1936 [31], ки бори аввал дар сатҳи конститутсионӣ ҳуқуқ ба меҳнатро таъмин кардааст, моддаи 40-уми Конститутсияи соли 1977 мазмуни ин ҳуқуқро васеъ кардааст, аз ҷумла дар он ҳуқуқи интихоби касб ва машғулият ва кор мувофиқи касб, қобилият, омодагии касбӣ, таҳсилро васеъ кардааст.

Ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ натиҷаи инкишофи таърихии қонунгузории конститутсионии дохилии замони шуравӣ гардиданд. Конститутсияҳои якуми шуравӣ, ки шомили Конститутсияҳои ҶШФСР ва дигар ҷумҳуриҳои иттифоқӣ аз солҳои 1918 ва 1925, ҳамчунин Конститутсияи ИҶШС аз соли 1924 буданд, бинобар далелҳои мушаххаси сиёсати

коллективизм категорияҳои ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоии фардиро дар бар намегирифтанд. Ҳамчунин, адами ин категорияи ҳуқуқу озодиҳоро метавон барвазъи душвори ҳокимияти Шуравӣ дар солҳои аввали ташкили сохтори давлатдорӣ рабт дод. Аз як тараф, талафоти азиме, ки Ҷанги якуми ҷаҳонӣ ба иқтисодиёти Руссияи подшоҳӣ расонида буд вааз тарафи дигар, сиёсати коммунизми ҷангӣ давлати навташкилро ба таназзули иқтисодӣ кашонида буд. Албатта, мантиқӣ ба назар мерасид, ки бо чунин ҳол сабти ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ дар конститутсия ва муҳимтар аз он, ба таври ҳақиқӣ таъмин, ҳифз ва ҳимоя кардани онҳо дар давраи ҳараҷу мараҷи сиёсӣ-идеологӣ имконнопазир буд. Аммо бояд ин нуктаро ҳам тазаккур дод, ки масъалаи ворид кардани ҳуқуқу озодиҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ҳангоми омодасозии лоиҳаи Конститутсияи соли 1918 дар ҶШФСР мавриди баррасӣ қарор дошт [116, с. 17].

Дар аввали солҳои 30-юм бо мақсади аз ҷиҳати моддӣ таъмин сохтани ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодии синфи коргар ҳукумати шуравӣ иқдоми созмондиҳии фондҳои ҷамъиятии истеъмолиро рӯйи даст гирифт, ки аз ҳисоби моликияти давлатӣ таъмин мешуданд. Ин амр дар қатори дигар паёмадҳояш заминаи воридсозии ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ баКонститутсияи соли 1936-ро фароҳам овард, ки ба ин гурӯҳи ҳуқуқҳои санади мавриди назар И.Е. Фарбер инҳоро дохил кардааст: ҳуқуқ ба меҳнат (моддаи 118) ва ҳуқуқҳои ба он марбути ҳуқуқ ба истироҳат (моддаи 119) ва таъминоти модӣ (моддаи120); баробарҳуқуқии занон бо мардон (моддаи 122); ҳуқуқ ба таҳсил (моддаи 121); ҳуқуқ ба моликияти шахсӣ ва меросбарии он (моддаҳои 7 ва 10) [116, с. 17].

Ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодии шаҳрвандон боби X-и Конститутсияро фаро мегирифт, ки ба ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шаҳрвандони шуравӣ бахшида шудааст. Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ ва сиёсии шуравӣ далели пеш аз дигар ҳуқуқу озодиҳои инсон ҷойгир кардани ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодиро бо идеологияи марксистӣ-ленинӣ шарҳ медоданд, ки бар пояи он танҳо

мавҷудияти ҳуқуқҳои иқтисодӣ бояд шарти ҳатмӣ барои мавҷудияти дигар ҳуқуқҳои шаҳрвандон, аз ҷумла ҳуқуқҳои сиёсӣ, фарҳангӣ ва шахсӣ метавонад бошад. Мувофиқи ин андеша, маҳз ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ озодии сухан, матбуот, маҷлисҳо ва гирдиҳамоиҳо, раҳпаймоиву намоишҳои хиёбонӣ, дахлнопазирии шахс ва манзил, дахолатнопазирии мукотиба ва ғайраро кафолат медиҳанд [116, с. 24]. Ин бархӯрд дар Конститутсияи ИҶШС аз соли 1977 низ нигоҳ дошта шуда буд.

Албатта, ин воқеиятро набояд нодида гирифт, ки бо вуҷуди афзалият додан ба ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ дар Конститутсия ва шарҳу тавзеҳоти расмии чунин бархӯрд таъмину амалисозии онҳо дар ҳаёти воқеӣ, махсусан дар давраи 1936-1950 ба мушкилоту душвориҳои ҷиддӣ рӯ ба рӯ буданд.

Агарчи И.В. Сталин дар робита ба муҳокимаи умумихалқии лоиҳаи Конститутсия қайд карда буд, ки «ҳоло ҷомеаи мо танҳо аз меҳнаткашони озоди шаҳру деҳот – коргарон, деҳқонон ва равшанфикрон, иборат аст» [87], вале дар асл, ҳатто бинобар меъёрҳои амалкунандаи Конститутсия мавқеи шаҳрвандони шуравӣ комилан нобаробар буд. Аз ҳуқуқу озодиҳои конститутсионӣ на ҳама гурӯҳҳои иҷтимоӣ баҳравар шуда метавонистанд. Масалан, меъёрҳои ҳуқуқ ба истироҳат (моддаи 119) ва таъминоти моддӣ (моддаи 120) бевосита ба коргарону хизматчиён нигаронида шуда буданд, аҳолии меҳнаткаши деҳот, коркунони колхозҳо, ки аксарияти кулли аҳолии шуравиро дар он солҳо ташкил медоданд, наметавонистанд аз ин ҳуқуқҳо баҳраманд шаванд. Чунин воқеият аз он бармеомад, ки давлати Шуравӣ ғояи барпо намудани диктотураи пролетариатро солҳои зиёд канор нагузошт. Гузашта аз ин, давраҳои пешазҷангӣ, ҷангӣ ва баъдиҷангӣ воқеияти сиёсӣ-иҷтимоӣ кору фаъолияти ғайримеъёриро талаб мекард. Дар чунин шароите, ки тамоми захираҳои корӣ ва меҳнатӣ сафарбар шуда буданд, ба таври воқеӣ таъмин кардани ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ номумкин буд.

Беҳтар аст сараввал чӣ гуна таъмин кардани яке аз ҳуқуқҳои асосӣ дар ин марҳала – ҳуқуқи меҳнатро дида бароем, ки мубаллиғони низоми шуравӣ

аз он ҳамеша ифтихор мекарданд ва онро дар баробари ҳуқуқи меҳнат дар кишварҳои буржуазӣ мегузоштанд. Дар таблиғоти шуравӣ ин иддао пайваста такрор мегашт, ки ҳуқуқ ба меҳнат дар конститусияҳои давлатҳои буржуазӣ таъмин намешавад. Гуфта мешуд, ки дар иқтисодиёте, ки низоми капиталистӣ ба роҳ мондааст, бартараф кардани падидаи бекорӣ ғайриимкон аст ва дар чунин вазъият миллионҳо шаҳрвандони ин давлатҳо тарс доранд, ки ҷойи кори худро аз даст медиҳанд. Дар муқобили ин гуфтаҳо аз низоми хоҷагидории нақшавии сотсиалистӣ тавсиф мешуд ва ин воқеияти таърихӣ таъкид мегардид, ки дар ҷомеаи шуравӣ шуруъ аз нимаи солҳои 1930 шумораи ҷойҳои кории холӣ ба таври муназзам зиёд шуда, дар муқобил норасоии қуввай корӣ эҳсос мешавад.

Агар ба ин омор ба таври ҷиддӣ диққат диҳем, дармеёбем, ки дар низоми ҳуқуқии шуравӣ ба меҳнат на ҳамчун ҳуқуқи шаҳрвандӣ, балки ҳамчун як навъ уҳдадорӣ, ё қарзи шаҳрвандӣ назар карда мешуд. Ҳамин нигоҳи сиёсӣ замина мешавад, ки дар меёрҳои қонунгузории ин давраи шуравӣ, ки ба фаъолияти меҳнатии шаҳрвандон марбут буданд, инҳирофи чашмгир аз муқаррароти конститутсионӣ ҷой дошт ва бо вуҷуди чунин номутобиқатӣ бетағйир боқӣ монданд.

Дар солҳои 40-уми асри гузашта давлати шуравӣ аз таҳрики моддӣ ҳамчун чораи асосии ҳавасмандгардонии ҳосилнокӣ ва сифати меҳнат даст мекашад ва сармояҳои аз ин роҳ сарфашударо барои дигар барномаҳои сиёсиву иқтисодӣ масраф мекунад. Ба ҷойи таҳрики моддии кормандон, махсусан коркунони колхозҳо ва тамоми соҳаи кишоварзӣ ду усули комилан мутафовит – ҳавасмандсозии маънавӣ ва чораҳои ҷазодиҳӣ, пеш гирифта шуд.

Тақдими сипосномаву ифтихорномаҳо, овехтани суратҳо дар тахтаи фахрӣ, супоридани тантанавии нишонҳо (вымпелҳо, байраққо) барои дастовардҳои меҳнатӣ дар давраи муайян, масалан, дар охири сол аз ҷумлаи равишҳои ҳавасмандгардонии маънавии меҳнат ба шумор мерафтанд.

Ҳамчунин, мукофотҳои давлатӣ – ордену медалҳо, ҷорӣ карда шуданд. Унвони «Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ», медалҳои «Барои шуҷоати меҳнатӣ» ва «Барои пешсафӣ дармеҳнат» таъсис дода шуданд.

Албатта, чунин чораҳо таъсири муайяне доштанд, вале чораҳои ҷазодиҳӣ, ки дар асоси санадҳои қонунгузории амалкунанда ба роҳ монда шуда буданд, коромадии бештаре доштанд. Ин санадҳо, аз як тараф, маҳдудиятҳои иловагиро дар робита ба интихоби кору меҳнат ҷорӣ мекарданд ва аз тарафи дигар, барои ҳуқуқвайронкуниҳои интизомӣ ҷазоҳои мухталифро пурзӯр месохтанд. Яке аз чунин санадҳо, ки 26-уми июни соли 1940 бо фармони Раёсати Шурои Олии ИҶШС қабул карда шуд, «Дар бораи гузаштан ба рӯзи кории ҳаштсоата, ба ҳафтаи ҳафтрӯзаи кор ва дар бораи манъи тарки худсаронаи меҳнаткашон ва ходимони корхонаю муассисаҳо» унвон дошта, бар хилофи муқаррароти моддаи 119-и Конститутсияи ИҶШС дарозии рӯзи кории коргарон ва ходимони ҳамаи корхонаю муассисаҳоро дар як моҳ ба ҳисоби миёна 33 соат зиёд ва тарки худсаронаи корро манъ кард. Барои тарки худсаронаи кор ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ гардид. Аз як ҷойи кор ба ҷойи дигар гузаштан ҳам манъ карда шуд [33].

Аз ҷумлаи паёмадҳои нохуши ин фармон, ки ба таври қатъӣ риоя мешуд, ин буд, ки самаранокии фаъолияти маъмурияти тамоми корхонаву коргоҳҳо аз шумораи нафароне вобаста буд, ки барои риоя накардани меъёрҳои муқарраршуда ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб шудаанд. Фақат дар моҳи июли соли 1940 аз рӯйи ин фармон боз шудани зиёда аз 200 ҳазор парванда, ки беш аз 192 ҳазорашро судҳои халқӣ баррасӣ кардаанд, далели гуфтаҳои болост. А.Я. Кодинтсев бо овардани оморҳои зиёд тазаккур медиҳад, ки дар давоми тамоми даҳсолаи 1940 бештар аз нисфи ҳама парвандаҳои судҳои халқӣ ҷиноятҳои меҳнатиро ташкил медоданд [150, с. 66].

Вазъияти сангини солҳои ҷанг тақозо мекард, ки бисёре аз ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодии аҳолӣ ба таври чашмгир маҳдуд карда шаванд. Ҳанӯз аз 26-уми июни соли 1941 фармони Раёсати Шурои Олии ИҶШС «Дар бораи

реҷаи вақти кори коргарон ва ходимон дар замони ҷанг» [34] пешбинӣ мекард, ки кормандон сарфи назар аз соати корӣ ҳар рӯз метавонанд ба меҳнати маҷбурӣ ба муддати то 3 соат ҷалб карда шаванд. Ин ҳолат ва ҳамчунин нарасидани коргарон ба далели ҷалби қувваи асосии корӣ ба сафи артиши шуравӣ сабаб мегардад, ки давомнокии рӯзи корӣ ба 11 соат дар шабонарӯз рафта расад. Бар илова, рӯзҳоиистироҳат бекор карда шуданд (нақзи моддаи 119-и Конститутсияи ИҶШС).

Дар чунин шароит худ аз худ маълум аст, ки шаҳрвандон наметавонистанд аз ҳуқуқҳои худ ба меҳнат ва истироҳат бархӯрдор шаванд, чун санадҳои амалкунандаи ин давра ба таври қатъӣ ҳуқуқу озодиҳои иҷтимоиву иқтисодии онҳоро маҳдуд карда буданд.

Дар давраи баъдиҷангӣ ҳукумати шуравӣ чораҳои фавқулодаи меҳнати маҷбуриро зина ба зина бекор кард ва заминаҳои ҳуқуқии таъмини ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодиро тавсеа дод. Аз ҷумла, рухсатии ҳарсола барқарор ёфт, ҷубронпулиҳо барои идҳое, ки дар солҳои ҷанг истифода нашуда буданд, пардохта шуд, меҳнати иҷбории берун аз соатҳои корӣ бекор гардид. Мувофиқи фармони Раёсати Шурои Олии ИҶШС аз 25-уми апрели соли 1956 «Дар бораи бекор кардани ҷавобгарии судии коргарон ва хизматчиён барои худсарона аз корхонаю муассисаҳо рафтан ва бе сабабҳои узрнок ба кор наомадан» [35] ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон кардани интизоми меҳнатӣ барҳам дода шуда, ҷавобгарии интизомӣ ҷорӣ гардид.

Дар ин давра моликияти хусусӣ аз ҷониби давлат қариб комилан барҳам дода шуда, низоми хоҷагидорӣ ва муносибати коллективӣ ба тамоми моликияти сотсиалистӣ ҷавҳари иқтисоди Шуравиро шакл медод. Чунин вазъият имконият фароҳам овард, ки муқаррароти моддаи 120-и Конститутсия бори аввал ҳуқуқи шаҳрвандони шуравиро ба таъминоти моддӣ дар пиронсолӣ, ҳангоми беморӣ ва маъюбӣ таъмин намояд (моддаи 4).

Бо вуҷуди ин натиҷаи таҳқиқ нишон медиҳад, ки меъёрҳои моддаи 120 мисли бисёре аз меёрҳои ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон дар

Конститутсияи пешини ИҶШС хусусияти таблиғотӣ-эъломиявӣ доштанд. Аз ҷумла, ба сабаби комилан нокифоя будани нафақаи пиронсолӣ дар солҳои аввал шаҳрвандон маҷбур мешуданд, ки кор карданро аз нафақа баромадан авлотар шуморида, талош мекарданд, ки то фурсати охирин ба нафақа гуселонида нашаванд. Далели ин гуфтаҳо метавонад омори соли 1940 вобаста ба фаъолияти шаҳрвандон бошад, ки мувофиқи он дар хоҷагии халқ 34 миллион нафар фаъолият мекарданд ва танҳо 0,2 миллион кас нафақа мегирифтанд [82].

Суғуртаи иҷтимоии коргарон ва ходимон, ки аз он ҳам коркунони колхоз – нимаи зиёдӣ аҳолӣ, комилан маҳрум буданд, ягона кафолати ҳуқуқи шаҳрвандон ба таъминоти моддӣ дар айёми пиронсолӣ, инчунин дар сурати беморӣ ва маъюб шудан ба ҳисоб мерафт.

Маълум аст, ки Фонди суғуртаи иҷтимоии коргарон ва ходимон бинобар низоми сотсиалистии шуравӣ ба моликияти давлатӣ мутааллиқ мегардад. Аз тарафи дигар, тамоми корхонаю муассисаҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ муваззаф буданд, ки ба фонди суғуртаи иҷтимоӣ ҳиссаи муқарраргаштаи худро бисупоранд ва дар ин амр ҳеч ҳолати истисноӣ пешбинӣ нагардида буд.

Дар робита ба ҳифзи иҷтимоии коркунони колхоз дар асоси банди «в»-и моддаи 9-и Оинномаи намунавии гурӯҳи хоҷагии қишлоқ, ки бо қарори ШуроиКомиссарони Халқии ИҶШС ва КМ ҲКШ (б) аз 17-уми феврали соли 1935 Фондҳои ёрии моддӣ ба колхозчиёни қобилияти корӣ надошта – маъюбон, пиронсолон ва шахсоне, ки қобилияти меҳнатии худро муваққатан гум кардаанд, таъсис меёбад. Бояд гуфт ки ин фондҳо дар ҳар як колхоз бояд мустақилона ва танҳо ба андозаи на бештар аз ду фоизи маҳсулоти умумии колхоз ташкил карда мешуданд [37].

Чунин ҳолат то солҳои 1956, яъне то қабули Қонуни ИҶШС «Дар бораи нафақаҳои давлатӣ» боқӣ мемонад, ки бо қабули ин қонун таъминоти нафақа аз ҳисоби маблағҳои колхозӣ ба роҳмонда мешуд.

Солҳои баъдӣ дар асоси қарорҳои махсуси Ҳукумати ИҶШС (қарорҳои Шурои Вазирони ИҶШС аз 08.07.1957, №946; аз 20.07.1964, №622; аз

11.01.1966, №23; аз 15.06.1967, №540) додани нафақаҳои пиронсолӣ ба баъзе аз аъзои колхозҳо (раисон ва мутахассисони дорои маълумоти олӣ ва миёнаи махсус, сармуҳосибон ва механизаторон, баъзе кормандони эҷодӣ) шуруъ мешавад [115, с. 63-64].

Ҳамин тавр, моро лозим меояд, ки вазъи ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ дар даврони шуравиро дастикам ба ду давра – то ва баъд аз миёнаҳои солҳои 50-ум, ҷудо намуда, онҳородар алоҳидагӣ баррасӣ кунем. Чунки сатҳи таъмини ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодии шаҳрвандони шуравӣ дар давраи аввал ниҳоят паст буда, ин ҳолат ба омилҳои объективӣ, масалан, ҳолати низомии ИҶШС ва субъективӣ, ки бештар аз зовияи идеологияи коммунистӣ зуҳур мекарданд, вобастагӣ дошт. Сар аз соли 1956 бо қабули санадҳои мухталиф, аз як тараф, эътирофи ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодии шаҳрвандони шуравӣ, махсусан деҳқонони колхозӣ ба сатҳи тоза расид ва аз тарафи дигар кафолату таъмини давлатии онҳо пурзӯр карда шуд. Бо вуҷуди ин, танҳо бо қабули Конститутсияи ИҶШС дар соли 1977 тамоми қишри коркунони колхозӣ аз рӯйи ҳуқуқҳои конститутсионӣ ба синфи коргар комилан баробар карда шуданд. Метавон гуфт, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии ИҶШС баъд аз қабул аз ин Конститутсия аз назари муҳтаво ва мундариҷа ба санадҳои имрӯза шабоҳати бисёр наздик доштанд.

Метавон чунин натиҷагирӣ кард, ки муносибати Иттиҳоди Шуравӣ ба ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ бо идеологияи сиёсии он зич алоқаманд буд. Конститутсияи соли 1936-и ИҶШС, ки аксар вақт онро «Конститутсияи Сталинӣ» меноманд, доираи васеи ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, аз ҷумла ҳуқуқ ба меҳнат, истироҳат, таҳсил ва таъминоти иҷтимоиро эълон кардааст. Ин ҳуқуқҳо барои инъикоси уҳдадории давлат барои таъмини некӯаҳволии шаҳрвандони худ пешбинӣ шудаанд. Аммо татбиқи амалии ин ҳуқуқҳо аксаран ноком ва бештар ба афзалиятҳои давлатӣ вобаста буд. Масалан, ҳуқуқ ба меҳнат дар сатҳи конститутсионӣ кафолат дода мешуд, вале ин аксар вақт чунин маъно дошт, ки давлат одамонро бе назардошти интихоби

шахсӣ ба кор таъин мекард. Ба ҳамин монанд, гарчанде давлат соҳаи маориф ва тандурустиро таъмин мекард, аммо сифат ва дастрасии ин хизматрасониҳо дар минтақаҳо ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ ба таври назаррас фарқ мекарданд. Сабаби асосии ин ҳолат, пеш аз ҳама, дар он буд, ки ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодии инсон дар қаринаи хеле махсуси идеологӣ ва фарҳангӣ вуҷуд доштанд ва қисми муҳимми маънои шуравӣ буданро муайян мекарданд. Ин маънои онро дошт, ки давлат метавонад ин ҳуқуқҳоро бо салоҳдиди худ аксар вақт ба баҳонаи суботи сиёсӣ ё зарурати иқтисодӣ маҳдуд ё бекор кунад. Дар натиҷа, гарчанде Иттиҳоди Шуравӣ дар соҳаи саводнокӣ ва нигоҳдории тандурустӣ муваффақиятҳои калон ба даст оварда бошад ҳам, вазъи умумии ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ бо маҳдудиятҳо ва нобаробариҳои калон рӯ ба рӯ мешуданд.

### 1.3. Таърихи байналмилалии ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ

Заминаи таърихии ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ нисбат ба ҳуқуқу озодиҳои инсон камтар мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтааст. Амалан ҳамаи низомҳои динӣ ва таълимоти ахлоқиву маънавии таърихи башарият пуштибонӣ аз табақоти ниёзманди ҷомеаро ташвиқ карда, ғамхорӣ дар баробари камбағалон, мазлумон ва онҳоеро, ки наметавонанд ниёзҳои иҷтимоиву иқтисодии худро бароварда созанд, шарти асосии камолоти инсонӣ медонистанд [51, с. 242]. Асосҳои дунявӣ барои ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ одатан аз интихоб ва ҳифзи маҷмуи ниёзҳо, неъматҳо ё қобилиятҳои асосии инсон вобаста аст. Дар назарияи сиёсӣ ва фалсафӣ ғояҳо ва назарияҳои Томас Пэйн, Карл Маркс, Иммануил Кант ва Ҷон Роулс дар ташаккули ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ саҳми назаррас гузоштаанд. Барномаҳои сиёсии асри XIX, ки ғояҳои давлати муосир ва рифоҳи умумиро муаррифӣ мекунанд, барои ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ низ замина гузоштанд [51, с. 148].

Дар солҳои 1880-ум садри аъзами Олмон Отто фон Бисмарк барномаҳои суғуртаи иҷтимоиро барои пиронсолӣ, садамаҳои истеҳсолӣ ва хароҷоти

тиббӣ роҳандозӣ кард. Сотсиалистҳои Фабиан дар Британияи Кабир ҳангоми ташкили давлати рифоҳи умумӣ дар аввали солҳои 1900 қисман аз барномаи Бисмарк истифода карданд. Дар ИМА «Дилерҳои нав» дар солҳои 1930 ва 1960 барномаҳои бузурги рифоҳи умумиро эҷод карданд [50, с. 257]. Ба унвони мисол, Конститутсияи Мексика аз соли 1917, Конститутсияҳои якум ва минбаъдаи ИҶШС ва Конститутсияи Ҷумҳурии Веймар аз соли 1919 аввалин собиқаҳои конститутсионии ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ҳастанд [51, с. 242].

Моҳияти уфуқии ҳуқуқи байналмилалӣ метавонад тааҷҷубовар ба назар расад, хусусан вақте ки кас робитаи зичи ҳуқуқи дохилӣ ва ҳуқуқи байналмилалиро бо ахлоқ ва қонуни фитрӣ баррасӣ мекунад. Бо вуҷуди ин, тули асрҳои зиёд он чизе, ки дар ҳудуди як давлат рӯй медод, танҳо дар доираи салоҳияти дохилӣ баррасӣ мешуд ва давлатҳо аз вазъияти дигар кишварҳо хеле кам изҳори нигаронӣ мекарданд ва ин ҳолат шарҳи худро дошт. То ба наздикӣ ҳуқуқи байналмилалӣ бо ҳуқуқҳое, ки ҳаёти шахсиро танзим мекарданд, ба ҳам мувофиқат надоштанд [49, с. 127]. Нигарониҳо дар бораи шаҳрвандони давлати дигар бо монеаҳои зиёд рӯ ба рӯ мешуданд, зеро ҳама маълумот тавассути низоми давлатӣ ва манобеи дипломатӣ ба даст меомад. Нақзи он чизе, ки дар ҳуқуқшиносии байналмилалии муосир ҳамчун ҳуқуқи инсон эътироф шудааст, ё берун аз ҳудуди ҳамон кишвар маълум набуд, ё агар маълум буд, дигар кишварҳо бо як изҳори таассуф ба ваҷҳи муҳтарамона ва дипломатӣ кифоят мекарданд. Арзишҳои инсонӣ масъалаи асосии дипломатия набуданд. Дар ин бобат дахолат ба корҳои дохилии як кишвари дигар баҳсталаб буд. Илова бар ин, шумораи ками кишварҳо норизоятии ахлоқӣ доштанд ва ё ҳуқуқҳои инсонии мардуми худро эътироф мекарданд. Бинобар ин, поймолкунии ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ ва болотар аз инҳо, ҳуқуқҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ амалан берун аз марзҳои давлатӣ боиси суитафоҳум намегаштанд [49, с. 127].

Аммо манфиатҳои шахсони алоҳида ҳеҷ гоҳ аз доираи ҳуқуқи

байналмилалӣ ё низоми сиёсии байналмилалӣ комилан хориҷ нашудаанд. Пас аз Ҷанги якуми ҷаҳонӣ ғамхорӣ дар бораи мардум дар як қатор барномаҳои Лигаи Миллатҳо, масалан, дар робита ба ҳифзи коргарони ақаллиятҳо тасдиқ карда шуд. Созмони Байналмилалии Меҳнат як қатор барномаҳоро таъсис дод ва онҳо роҳандозӣ шуданд, ки дар байни онҳо стандартҳои ҳадди ақали шароити меҳнат ҷо доштанд. Аммо шубҳаовар аст, ки ин кӯшишҳо натиҷаи ҳама гуна ғамхории ҳақиқӣ нисбат ба ҳуқуқи инсон буда бошанд. Эҳтимол дорад, ки давлатҳо ба он чизе, ки дар дохили давлатҳои дигар рӯй медиҳад, ба шарти ин ки чунин рухдод ба манфиатҳои сиёсӣ ва иқтисодии онҳо низ дахл мекард, аҳаммият медоданд. Қонунҳои ҷанг ғамхории давлатҳо нисбати шаҳрвандони худ дар ҷангҳо ва шояд омодагии онҳо барои рафтан ба ҷангро инъикос мекарданд.

Бо рушди меркантилизм давлатҳои тавоно мехостанд, ки ҳангоми содироти одамон, мол ва сармоя ба дигар кишварҳо амнияти шаҳрвандон ва моликияти худро таъмин кунанд. Муносибати бад бо ақаллиятҳо ба сулҳи ҷаҳон таҳдид мекард, аммо ин қоидаҳо танҳо аз ҷониби давлатҳои тавоно нисбат ба миллатҳое, ки дар ҷанг шикаст хӯрда буданд, барои ҳифзи шаҳрвандони худ ҳангоми дар он қаламрав буданашон истифода мешуданд. Беҳтар кардани шароити кор посух ва дифои капитализм аз паҳншавии идеологияҳои сотсиализм буд, ки дар натиҷаи инқилоби Россия дар Аврупо ҷойгоҳи худро пойдор карда буданд [49, с. 127]. Зиёда аз ин, агар ҳукуматҳо шароити меҳнатро дар кишвари худ беҳтар кардани мешуданд, онҳо ин корро карда наметавонистанд, агар дигар кишварҳо ба он пайравӣ накунанд, зеро ин арзиши аслии маҳсулотро баланд мебардорад ва ба ҳамин роҳ қобилияти истеҳсолии онҳоро кам мекунад. Ин андеша бепоя нест, ки на ангезаҳои башардӯстона, балки ангезаҳои сиёсӣ ва иқтисодии давлатҳо қувваи пешбарандаи рушди қаблии шахсият ҳамчун субъекти ҳуқуқи байналмилалӣ будааст [49, с. 127-128].

Ғояҳои ҳуқуқ, ки дар давраи Эҳё дар асрҳои XIV-XVI ба вуҷуд омадаанд

ва аз ҷумла дар андешаҳои Локк ва Руссо ифода ёфтаанд, ба рушди ҳуқуқи инсон таъсири амиқ доштанд. Аммо ин ақидаҳо конститутсионализм ҳисобида мешуданд ва дар навбати аввал ба масъалаи истифодаи аз ҳад зиёди ваколатҳои давлатӣ дахл доштанд. Ин идеологияҳо ба воқеияти дохилӣ нигаронида шуда буданд, аз ин рӯ, онҳо дар аввал ба рушди дохили давлатҳои алоҳида таъсир расониданд. Дар он замон ғояҳо ба осонӣ ба низоми сиёсӣ ва ҳуқуқии байналмилалӣ интиқол намеёфтанд. Аз ин рӯ, дар арсаи байналмилалӣ муддате соҳибихтиёрии давлатӣ ҳукмфармо буд.

Бо назардошти муҳтавои мубоҳисаҳои ҳимояи ҳуқуқӣ ва чӣ гуна рушд ёфтани доктринаи ҳуқуқи башар, ки асосан, баъди аз таъсиси СММ воқеъ шудааст, бештари нозирони динҳо ва фарҳангҳои гуногун ба ин боваранд, ки ҷунбиши ҳимоят аз ҳуқуқи башар, ки фардро ҳамчун субъекти асосии ҳуқуқ эътироф кардааст, аз анъанаи либералии афкори ғарбӣ сарчашма гирифта, бо давлати либералӣ зич алоқаманд аст. Ба андешаи Локк, вақте ки одамон ба ҷомеаи шаҳрвандӣ муттаҳид шуданд, тибқи шартномаи иҷтимоӣ ҳифзи ҳуқуқҳои инсонӣ (ҳуқуқҳои табиӣ, ки аз ҷониби табиат дода мешавад), аз қабили ҳаёт, озодӣ ва моликият вазифаи ҳукумат буд. Ҳимояи ҳуқуқҳои табиии мардум ягона далели мавҷудияти ҳокимияти сиёсӣ шинохта мешуд [127, с. 11-12]. Ҳамин тариқ, унсури асосии анъанаи либералӣ таъкиди он ба озодӣ, шаъну шараф, мустақилият ва ҳуқуқи худшукуфоии шахсият мебошад [51, с. 361-362].

Ин мазмуни таърихии ҳуқуқи инсон аксар вақт барои осон кардани тавсифи баъзе ҳуқуқҳо ҳамчун ҳуқуқҳои *манфӣ* (ё ҳуқуқ ба озодӣ) истифода мешавад. Он сиёсати дахолат накардан ба идоракуниро талаб мекунад, зеро ҳукуматҳо набояд ба ҳаёт ва доираи ҳаёти инсон дахолат кунанд. Ҳуқуқҳои манфӣ ба ҳуқуқҳои *мусбат* (ё ҳуқуқҳои некуаҳволӣ), ки аз ҷониби ҳукуматҳо амали мусбатро талаб мекунад, мухолифанд. Ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ манфӣ ва ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ мусбат дониста мешаванд. Ҳол он ки ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ аз ҳукумат ба ҷуз ба ҳоли худ гузоштани мардум ҳеҷ амалеро тақозо намекарданд, масалан, ҳуқуқҳои иҷтимоиву

иқтисодӣ ба харҷи молӣ вобаста ва аз ин рӯ, ба молияи давлат вобаста буд [51, с. 181]. Тақсим ба ҳуқуқҳои мусбат ва манфӣ аксар вақт бо мақсади нишон додани бартарии ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ аз ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ оварда мешавад ва ин андеша пешниҳод мегардад, ки танҳо ҳуқуқҳои манфӣ ҳуқуқи ҳақиқӣ мебошанд. Аз ҳамин ҷиҳат, чун доктринаи ҳуқуқи башар таҳаввул ёфт, ба ин тафовут аҳаммияти калон дода шуда, тамаркузи аслӣ ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ дода шуд. Бисёриҳо бар ин назаранд, ки таъкид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, на сиёсӣ, муносибати ғаразнок ба манфиати кишварҳои сарватманди Ғарбро инъикос мекунад. Шояд таваҷҷуҳи солҳои охир ба ҳуқуқҳои сиёсӣ нигаронида шуда бошад, зеро онҳо бештар бо ҳукумати маҳдудинавъи идораи «laissez faire»[2] [159], ки пас аз суқути коммунизм дар арсаи байналмилалӣ таблиғ шуда буданд, мувофиқат мекарданд. Барои баъзеҳо ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ сохтори либералиро, вақте онҳо дахолати бештари давлатро талаб мекунанд, зери шубҳа мегузоранд.

Дар мавриди анъанаи сиёсии либералӣ бояд гуфт, ки он беш аз як шакли ҳукуматро имконпазир месозад. Истилоҳи «либералӣ» аксар вақт бо мактаби иқтисоди либералӣ, ки ба принсипи дахолат накардан асос ёфтааст, алоқаманд аст. Бо вуҷуди ин, анъанаҳои гуногуни либералӣ шаклҳои гуногуни ҳукуматро дастгирӣ мекунанд, ки аксар вақт давлати фаъолтареро дар бар мегиранд, ки дар он ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ё некуаҳволӣ дар баробари ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ дар давлати ба истилоҳ танзимкунандаи муосири рӯ ба рифоҳ решаҳои амиқ доранд [51, с. 362]. Чунин давлатҳои рӯ ба рифоҳ бояд ба фард имкони худшукуфоиро фароҳам оваранд, ки ҳам консепсияҳои манфӣ, ҳам мусбати озодиҳо ва ҳуқуқҳо ва ҳамчунин, ҷомеаи гуногунандеширо тақозо мекунанд [51, с. 363].

Тарафдорони давлати рифоҳи умумӣ бар ин ақида ҳастанд, ки таъминоти иҷтимоии неъматҳое, ба монанди хӯрок, манзил, ҷойи кор, таҳсил,

---

[2] Рӯйкарди иқтисодие, ки тибқи он муносибатҳои иқтисодии миёни мардум бояд аз ҳама гуна дахолати ҳукумат озод бошанд.

нафақа, хадамоти тиббӣ ва монанди инҳо набояд ҳамчун амали хайр ва накукорӣ, балки бояд ҳамчун ҳуқуқи ҳар як узви ҷомеа пазируфта шавад [50, с. 257]. Ҳамин тавр, агарчи мафҳуми ҳуқуқ бар пояи ақидаҳои либералҳои классикии давраи равшанфикрӣ дар ибтидо ду вазифа – қонунӣ кардани ҳукумат ва назорат аз болои онро адо мекард, мафҳуми ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ дидгоҳи васеътар ба нақши ҳукумат дар зиндагии шаҳрвандонро инъикос мекунад. Ба иборати дигар, ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ татбиқи барномаҳои таъминоти иҷтимоиро аз тарафи давлат пешбинӣ мекунанд [50, с. 368].

Дар ҳуқуқи байналмилалӣ хатти оғози амалисозии ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ таъсиси Созмони Байналмилалии Меҳнат буд, ки ҳадафи он пешбурди ҳуқуқи коргарон, кафолат додани «шароитҳои одилона ва инсондӯстонаи меҳнат» пешбинӣ гардид. СБМ стандартҳои ҳадди ақалро оид ба доираи васеи масъалаҳое, аз қабили вақти корӣ, ҳуқуқи ташкили иттифоқҳои касаба, меҳнати маҷбурӣ, синни ҳадди ақали меҳнатӣ, истироҳати ҳарҳафтаина, муҳофизат аз беморӣ ва суғуртаи ҳолатҳои нохуш қабул кардааст, ки акнун ҳамчун ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ шинохта мешаванд. Рукуди бузурги солҳои 1930-юм талаботро барои ҳифзи иҷтимоии бекорон ва роҳандозии сиёсатҳои фарогири шуғли аҳолӣ ба вуҷуд овард, ки рушди минбаъдаи ҳуқуқу озодиҳои иҷтимоиву иқтисодии инсонро дар қонунгузории кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла собиқ Иттиҳоди Шуравӣ, ки Тоҷикистон дар ҳайати он буд, таъмин намуд [50, с. 367].

Марҳилаи дигари инкишофи ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон дар доираи СММ сурат гирифтааст. Аз замони таъсисёбӣ ин созмон лоиҳаҳои гуногуни ҳуқуқиро ҳавасманд ва ташвиқ кардааст. Аҳаммияти созмонро дар пайдоиш ва рушди стандартҳои ҳуқуқи башар, аз ҷумла ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ арзёбӣ кардан кори содае нест.

Оинномаи СММ дар соли 1945, ки ба пешгузаштаҳои мурофиаҳои Нюрнберг такя мекунад, ба ҳаракати ҳуқуқи башар такони пурқувват

бахшид [51, с. 137]. Дар Оиннома дар бораи ҳуқуқҳои инсон хеле кам гуфта шудааст, аммо истинодҳои парокандае, ки дар тамоми матн оварда шудаанд, ҳамчун нуқтаи ибтидоӣ барои тамоми ҳуқуқҳои инсон аҳаммияти калон доранд. Ҳуқуқҳои инсон дар Оиннома ҳамчун ҳадафҳо ва орзуҳои СММ ифода ёфтаанд, ки ба зиммаи давлатҳои аъзо ҳеҷ гуна уҳдадорӣ намегузоранд [51, с. 137-138].

Дар Оинномаи СММ якчанд ҳадафҳои иҷтимоиву иқтисодӣ оварда шудаанд. Масалан, ҳадафи СММ пешгирии ҷанг, мусоидат ба пешрафти иҷтимоӣ ва беҳтар кардани шароити зиндагӣ дар озодии бештар, истифода бурдани механизми байналхалқӣ барои пешрафти иқтисодӣ ва иҷтимоии ҳамаи халқҳо мебошад [36]. Ҳангоми таҳияи Оиннома пешниҳодҳои гуногун дар мавриди ба унвони уҳдадории ҳамаи давлатҳои узв эътироф кардани таъмини аҳолӣ ба шуғли пурра садо доданд ва дастгирии ҳамаҷониба ёфтанд. Дар ниҳоят, тавофуқ сари моддаи 55-и Оиннома ба даст омад, ки дар он гуфта мешавад: «Бо таваҷҷуҳ ба зарурати эҷоди шароити собит ва рифоҳ барои таъмини равобити мусолиматомез ва дӯстонаи байни миллатҳо бар асоси эҳтиром ба асли баробарҳуқуқӣ ва худмухтории миллатҳо СММ умури зеринро ташвиқ хоҳад кард:

А) боло бурдани сатҳи зиндагӣ, фароҳам сохтани кор барои ҳосил кардани шароити тараққӣ ва тавсеа дар низоми иқтисодӣ ва иҷтимоӣ.

Б) ҳалли масъалаҳои байналмилалии иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва беҳдоштӣ, масъалаҳои марбут ба онҳо ва ҳамкории байналмилалии фарҳангӣ ва омӯзишӣ [36].

Бояд тазаккур дод, ки дар он давра ИМА ба ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ мухолифат надошт. Воқеан, президент Ф. Рузвелт соли 1941 дар суханроние ба унвони «Вазъият дар кишвар» пуштибонии худро аз ин ҳуқуқҳо нишон дод ва баъдан номгӯйи чунин ҳуқуқҳоро барои пешниҳод ба СММ номбар кард, ки дар таҳияи лоиҳаи якуми Эъломияи умумиҷаҳонӣ дар соли 1947 таъсири калон расонд [51, с. 243].

Талошҳо барои ҷо додани лоиҳа дар бораи ҳуқуқҳо ба Оиннома

бенатиҷа буданд ва дар ивази он тахмин мерафт, ки чунин лоиҳае рӯйи кор хоҳад омад. Бо ин мақсад соли 1946 Шурои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ Комиссияи ҳуқуқи инсонро таъсис дод. Соли 1948 Комиссия эъломияи ҳуқуқро ба Ассамблеяи Генералӣ пешниҳод кард, ҳамон қонунеро, ки ҳамчун Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ҳамон сол аз ҷониби 48 давлат аз миёни 56 давлати узв қабул шудааст. Ин як санади сиёсӣ ва ахлоқӣ буд, зеро кӯшишҳои аз ҷиҳати қонунӣ ҳатмӣ кардани он ноком шуданд [51, с. 138]. Дар баъзе ҷиҳатҳо он конститутсияи тамоми ҷунбишҳо барои ҳуқуқи башар аст вабуда, санади ягонаи пуриқтибосшуда ва паҳншудатарини ҳуқуқи башар боқӣ мемонад, ки руҳияи идеалистӣ ва хушбинӣ дорад. Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, инчунин ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодиро дар бар мегирад (моддаи 22 ва ғайра). Ҳадафи созмон ин буд, ки Эъломияро ҳамчун асоси дигар шартномаҳое, ки мушаххастаранд ва унсурҳои ҳатмӣ доранд, истифода баранд, аммо ин шартнома то эътибор пайдо кардани чунин шартномаҳо ҳадди ақал 18 сол дар танҳоӣ амал кард. Ниҳоят, соли 1966 Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ ва Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ аз ҷониби Ассамблеяи Генералӣ пазируфта шуд ва танҳо соли 1976, вақте ки шумораи зарурии тасдиқномаҳо ба даст омад, онҳо эътибор пайдо карданд [51, с. 139].

Дар аввал ҳадаф эҷоди шартномаи ягонаи ҳуқуқӣ буд ва миёни солҳои 1949 ва 1951 Комиссия барои таҳияи лоиҳаи ягона кор мекард. Аммо ихтилофи назарҳо Комиссия ва Ассамблеяи Генералиро водор карданд, ки дар соли 1951 муқарраротро ба ду санад тақсим кунанд [51, с. 244-245].

Тарафдорони таҳияи Паймони ягона таъкид мекарданд, ки ҳама ҳуқуқҳои инсон бояд мақоми баробар дошта бошанд, ба таври баробар ҳифз ва пешбарӣ карда шаванд. Ҳуқуқҳо ба ҳам вобастаанд, бо ҳам алоқамандии бевосита доранд ва аз ин рӯ, онҳоро ба таври дақиқ гурӯҳбандӣ кардан ё дар силсиламаротиби арзишҳо ҷойгир кардан ғайриимкон аст. Ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ бидуни ҳуқуқҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ночиз хоҳанд буд

ва дар навбати худ, ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиро ҳам бидуни ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ ба даст овардан ғайриимкон хоҳад буд. Тарафдорони таҳияи ду санади алоҳида изҳор медоштанд, ки азбаски маҷмуи ҳуқуқҳо вижагиҳои ба худ хосе доранд, дар сатҳи миллӣ онҳо ба шаклҳои мухталифи амалисозӣ ниёз доранд. Ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ табиати «мутлақ» ва таҳти ҳифзу ҳимояи судӣ қарор доранд, бинобар ин, онҳо метавонанд фавран амалӣ шаванд. Аз тарафи дигар, ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ чунин хусусият надоранд ва бояд тадриҷан татбиқ шаванд. Ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ ҳуқуқҳои шахс дар баробаридавлат ва зидди амалҳои ғайриқонунӣ ва ноодилонаи давлат ҳастанд. Ба ибораи дигар, инҳо ҳуқуқҳои «манфӣ» мебошанд, ки шарти татбиқи онҳо танҳо дахолат накардан ба татбиқи онҳо, монеъ нашудан ба он аз ҷониби дигар шахсони воқеӣ ва давлат мебошад. Дар ҳоле ки ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ аз давлат анҷоми амалҳои мушаххасеро талаб мекунанд. Яъне инҳо ҳуқуқҳои мусбат ҳастанд, ки бо кумаки давлат ва ё ҳатто танҳо тавассути фаъолияти он амалӣ мешаванд. Дар ҳоле ки ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ ҳуқуқҳои «қонунӣ» ҳастанд ва аз тариқи таъсиси кумитаи хадамоти хуб амалӣ карда мешаванд, ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ бояд ҳамчун ҳуқуқҳои «барномавӣ» баррасӣ карда шаванд ва беҳтар ин аст, ки тавассути таъсиси низоми ҳисоботҳои даврӣ амалӣ карда шаванд, ҳатто агар эътироф карда шавад, ки ин тақсимот наметавонад барои ҳама ҳуқуқҳо дар ҳама низомҳои ҳуқуқӣ эътибор дошта бошад [45]. Аксари далелҳо дар бораи он ки ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсиро фавран амалӣ кардан мумкин аст, дар ҳоле ки ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ танҳо тадриҷан амалӣ карда мешаванд, ба хароҷоти давлатӣ дахл доранд. Гарчанде риояи аввалӣ барои ҳукуматҳо хароҷоти назаррасро талаб намекард (яъне танҳо худдории давлатҳоро аз амал кардан талаб мекард), дуюмӣ ҳазинаи муайян ва қобили таваҷҷуҳеро дар назар мегирифт [48, с. 711].

Онҳое, ки тарафдори ду Паймони алоҳида буданд, изҳор доштанд, ки

мумкин аст бисёр давлатҳо Паймони байналмилалии ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсиро тасдиқ кунанд, аммо Паймони байналмилалии ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангиро не. Бо тақсим кардани ҳуқуқҳо ба ду санад давлатҳое, ки дар татбиқи ҳуқуқҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мушкилот доштанд, метавонанд тасмим гиранд, ки танҳо санади ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва сиёсиро ба тасвиб расонанд. Албатта, гузашти замон собит сохт, ки ин як фарзияи нодуруст будааст, зеро қариб ҳама давлатҳои узв ҳарду паймонро тасвиб кардаанд [48, с. 713]. Ягона кишваре, ки метавонист танҳо Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсиро ба тасвиб расонад, ИМА мебошад. Ин як ҳолати махсусро инъикос мекунад, зеро ин кишвар ҳанӯз Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиро ба тасвиб нарасонидааст.

Баҳс дар бораи муносибатҳои ду маҷмуи ҳуқуқҳо ихтилофҳои идеологиро инъикос намуда, бархӯрди манфиатҳо ва муборизаҳои сиёсии байни давлатҳоро бо роҳҳои гуногун дар замонҳои гуногун ошкор намудааст. Аксар вақт ин бахше аз баҳсҳои васеътар дар бораи ҳуқуқҳои инсон ва рушд буд, ки пас аз конфронси якуми ҷаҳонии ҳуқуқи башар дар Теҳрон соли 1968 мавриди баррасӣ қарор гирифт. Масалан, дар як изҳороти конфронси Теҳрон гуфта мешавад, ки «...пешрафти устувор дар татбиқи ҳуқуқи башар ба сиёсатҳои солим ва муассири рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии миллӣ ва байналмилалӣ вобаста аст» [46]. Баҳс дар бораи муносибати байни ду маҷмуи ҳуқуқҳо бори зиёди идеологӣ дорад ва ба баъзе аз қарорҳои асосии сиёсии ҷомеа вобаста аст.

Иҷмои расмӣ дар бораи принсипи вобастагии байниҳамдигарӣ, воқеияти ин нукта, ки ҳар ду маҷмуи ҳуқуқҳо «тақсимнашаванда, ба ҳамдигар вобаста ва бо ҳам алоқамананд» ва пас аз қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи башар аҳаммият пайдо кард, асоси доктринаи ҳуқуқи инсонро ташкил медиҳад. Ҳам муқаддимаи Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ ва ҳам Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва

фарҳангӣ эълон мекунанд, ки мувофиқи Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, «идеали одамони озод, ки аз тарсу ҳарос озоданд, танҳо дар сурати фароҳам овардани шароите ба даст оварда мешавад, ки ҳар кас метавонад аз ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии худ, инчунин аз ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсии худ истифода барад». Аз он вақт инҷониб ин мавқеъ дар қатънома ва санадҳои бешумор тасдиқ карда шудааст ва тамоми ҳукуматҳо онро дар сатҳи суханрониҳо дастгирӣ мекунанд. Аммо ин иҷмои расмӣ ихтилофоти амиқ ва доимиро дар бораи вазъи дурусти ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ пӯшида нигоҳ медорад [51, с. 237].

Пеш аз қабули ниҳоии Эъломияи умумии ҳуқуқи башар баҳс дар бораи муносибатҳои байни ду маҷмуи ҳуқуқҳо қурбонии ҷанги сард гардид. Давлатҳои коммунистӣ аз овоздиҳӣ дар мавриди қабули онҳо дар Ассамблеяи Генералӣ ба ин баҳона, ки муқаррароти иҷтимоиву иқтисодӣ нокифоя ҳастанд, худдорӣ карданд [51, с. 238]. Дар давраи ҷанги сард баҳсҳо байни демократияҳои ғарбӣ ва давлатҳои коммунистӣ идома доштанд [51, с. 367-368]. Пеш аз ҳама, давлатҳои ғарбӣ ва созмонҳои ғайриҳукуматӣ ҷаҳони коммунистиро ба поймол кардани ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ айбдор мекарданд, масалан, ба далели он ки равандҳои судӣ ва интихоботии онҳо нокифоя ё фишороваранд. Иттиҳоди Шуравӣ ва давлатҳои коммунистӣ ҷавоб медоданд, ки онҳо фикр мекунанд, ки ҳуқуқҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, аз қабили тандурустӣ, маориф, шуғл ва адолати иқтисодӣ муҳимтар аз ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ ҳастанд. Давлатҳои коммунистӣ бо истифода аз далелҳои релятивизми фарҳангӣ изҳор доштанд, ки фаҳмиши онҳо дар бораи ҳуқуқи инсон бинобар сохторҳои гуногуни сиёсӣ ва идеологӣ мутафовит аст. Онҳо мунаққидони ғарбии худро муттаҳам мекарданд, ки мехоҳанд стандарти «универсалӣ»-ро пешниҳод кунанд, ки дар асл ҷомеаҳои ғарбии ҷаҳони аввал бо як низоми сиёсии бисёр рушдкарда ва дар айни замон дорои нобаробарии бузурги иқтисодиро инъикос мекунад. Давлатҳои ғарбӣ иддао мекарданд, ки назарияи худмеҳвариро, ки нуқтаи назари

коммунистиро ба ҳуқуқи инсон инъикос мекунад ва ҳуқуқҳои сиёсӣ дар муқоиса бо манфиатҳои иқтисодиро ночиз медонад, на онҳо, балки худи Шуравӣ пешниҳод кардааст. Бар ин ҳол ҳар як ҷониб дигареро ба он айбдор мекард, ки стандарти чоруми умумиҷаҳонии ҳуқуқҳои бунёдиро муқаррар карданист, дар ҳоле ки ин ҳуқуқҳо дар асл худмеҳвар буданд, аз ин рӯ, барои ҳама ғайри қобили татбиқ ва беътибор мебошанд [48, с. 711]. Маълум аст, ки бо фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ аксари баҳсҳо дар ин шакл фурӯгузор шуданд.

Ба ҷуз аз ин баҳсҳои дуқутбӣ, ҳамчунин, аз солҳои 1970-ум то инҷониб баҳс дар бораи муносибатҳои ду маҷмуи ҳуқуқҳо дурнамои муҳимми шимолу ҷанубро байни кишварҳои пешрафта ва камтар рушдкардаи Ғарб фаро гирифтааст [51, с. 238]. Дар ин замина релятивизми фарҳангӣ низ вуҷуд дорад. Барои як релятивист воситаҳои ҳуқуқи инсон ва даъвои онҳо ба умумибашарӣ буданашон ғурури империализми фарҳангии ғарбиро бо назардошти кӯшиши анъанавии ӯ барои ҷаҳонӣ кардани идеологияи сиёсӣ ва либерализм ошкор мекунад. Пас аз истеъморзудой, ки дар охири солхои 60-ум ба авҷи худ расид, талабҳои худмухторӣ риоя ва бо талабҳои нав барои ҳадафҳои рушди иқтисодӣ пайваста шуданд. Ин иддаоҳоро як гурӯҳи аз ҷиҳати шумора бартаридоштаи кишварҳои рӯ ба тараққӣ дар садри рӯзномаи байналмилалӣ қарор доданд. Нафрат аз таҷрибаи мустамликадорӣ ва муқовимати давлатҳои мустамликадор барои ба уҳда гирифтани масъулият ва эътирофи уҳдадориҳои боқимонда дар назди халқҳои манфиатдор, вақте ки ин тарсу ҳарос ба талаби таваҷҷуҳи бештар ба ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ табдил ёфт, ҳеҷ гоҳ аз сархати рӯзномаҳо берун нарафт. Дар робита ба ин изҳорот, ҳамчунин, талаб карда шуд, ки мустамликадорӣ ҳамчун нақзи дағалонаи ҳуқуқи байналмилалӣ эътироф гардида, ҳамкорӣ барои рушд на ҳамчун амали хайрия, балки ҳамчун ҳуқуқ дониста шавад [125, с. 218-219]. Аксари давлатҳои ғарбӣ ба ин иддао, ки СММ ба ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ таваҷҷуҳи кофӣ намедиҳад, розӣ

шуданд, аммо нафаҳмиданд, ки ин то чӣ андоза дар таҷрибаи онҳо, масалан, ҳангоми ташаккули уҳдадориҳои ҳуқуқӣ оид ба таъмини интиқоли сармоя, технология ва дигар молу хидматрасониҳо аҳаммият дорад. ИМА дар замони роҳбарии Картер барои бисёр талабу ҳадафҳо, инчунин баъзе воситаҳое, ки дар талаботи муқаррар кардани тартиботи нави иқтисодии байналмилалӣ ҷо доштанд, ҷиҳати ҳамкорӣ таваҷҷуҳи чашмгир зоҳир кард [125, с. 219].

Зери шиори «Стратегияи рафъи ниёзҳои асосӣ» Ғарб, ки шумораи зиёди давлатҳои ҷаҳони сеюм онро дастгирӣ мекарданд, агар аз рӯйи таҷрибаи худ набошад, пас ҳадди ақал аз нуқтаи назари доктринаи ҳуқуқи инсон дар заминаи СММ дар солҳои 70-ум масъалаҳои адолат ва тақсимотро ба миён гузоштанд. Созмони Байналмилалии Меҳнат, Бонки Ҷаҳонӣ ва дигар ниҳодҳо ин стратегияро, ки дидгоҳи мушаххаси ҳуқуқҳои иқтисодӣ ва иҷтимоиро дар бар мегирад ва на ҳамеша бо стратегияи дигар давлатҳои ҷаҳони сеюм мувофиқат дорад, пазируфтанд ва пешбарӣ карданд. Илова бар ин, ҳамаи давлатҳои ғарбӣ бар ин ақида пофишорӣ доштанд, ки риояи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ барои ноил шудан ба рушди инсонӣ зарур аст [125, с. 216-257].

Солҳои 1980-ум маъмурияти Рейган ба ҷойи президент Картер нишаст ва фавран ба талабҳои кишварҳои ҷаҳони сеюм мавқеи қатъӣ гирифт ва ба консепсияи ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ мухолифат кард. Кишварҳои Аврупои Шарқӣ қатъиян бар ақидаи худ пофишорӣ доштанд ва ин ҳолат рақобати Ғарбу Шарқро пурзӯр намуд. Кишварҳои шимолии Ғарб изҳор доштанд, ки масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ бояд ҷиддӣ гирифта шаванд, аммо ба ҳар ҳол розӣ набуданд, ки ин барои сиёсатҳои онҳо дар қиболи ҷаҳони сеюм, бахусус дар робита ба кумак ва тиҷорат ягон оқибате ба миён оварад, дар ҳоле ки ҷануб ба гузаштҳои шимол розӣ шуд, аммо намехост, ки ба ҳеҷ гуна маҳдудият дар озодии амалиёти худ муқовимат кунад [125, с. 220].

Дар хотима тазаккур медиҳем, ки ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон дар сатҳи байналмилалӣ дар ҷойи холӣ пайдо нашудаанд. Марҳилаҳои

мушаххаси алоҳида, ба мисли фалсафаи ҳуқуқ, ба миён омадани муносибатҳои байналмилалӣ, ташаккули созмонҳои байналмилалӣ ва монанди инҳоро бояд ҳамчун муқаддимаи эътирофи байналмилалии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, аз ҷумла ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ шинохт. Ҳама санадҳои меъёрие, ки стандартҳои муосири ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоиро ташкил медиҳанд ва асосан, то соли 1991 қабул шудаанд, маҳсули муборизаҳои сиёсии ҷаҳони дуқутба дар симои ИҶШС ва ИМА мебошанд, ки аввалӣ сотсиализмро тарғиб мекард ва дуюмӣ тарафдори низоми ҷаҳонии сармоядории муосир боқӣ мондааст. Илова бар ин, чунин мешуморем, ки имрӯз мо дар марҳалаи нави рушди стандарти байналмилалии ҳуқуқи башар қарор дорем, ки тамоюли он дар муколамаи баробарҳуқуқ ва боэҳтироми давлатҳо бо назардошти хусусиятҳои миллӣ, динӣ, фарҳангӣ ва таърихӣ, сатҳи рушд ва вазъи иҷтимоию иқтисодии онҳо зоҳир мешавад.

# БОБИ 2. АСОСҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚӢ ВА КАФОЛАТИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ИҚТИСОДИВУ ИҶТИМОИИ ИНСОН ДАР ҶТ

## 2.1. Асосҳоимеъёрии ҳуқуқии ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон дар ҶТ

Бо таваҷҷуҳ ба ин ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолӣ дар роҳи бунёди давлати соҳибихтиёр ва иҷтимоӣ раванди қонунгузорӣ ва ҳуқуқэҷодкунии худро бар пояи таҷрибаи давлати Шуравӣ, низомҳои демократии аврупоӣ ва созмонҳои байналмилалии ҳуқуқӣ ба роҳ мондааст, имрӯз меъёрҳо, принсипҳо ва асосҳои ҳуқуқии ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодии инсон ва шаҳрванд дар шумори бисёре аз қонунҳои амалкунанда дарҷ ёфтаанд. Воситаи муҳимми таъмини ҳуқуқу озодиҳои иҷтимоиву иқтисодӣ фаъолияти пурқуввати мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва дигар мақомоти ваколатдор дар қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқие мебошад, ки барои танзими муносибатҳои ҷамъиятии намуди дахлдор дар дохили давлат пешбинӣ шудаанд.

Дар ҷараёни эҷоди қонун субъектҳои дахлдор вазифадоранд, ки дар таъмини самараноки ҳуқуқи инсон, аз ҷумла ҳуқуқу озодиҳои иҷтимоиву иқтисодӣ саҳм гузоранд, инчунин муносибатҳои воқеии дар ҷомеа мавҷудбуда, шароитҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва монанди инҳоро мадди назар бигиранд. Ҳуқуқэҷодкунии дуруст ташкилшуда бояд қабули меъёрҳои ҳуқуқиеро, ки ба муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи таъмини ҳуқуқи инсон, аз ҷумла ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоӣ таъсир мерасонанд, таъмин намояд.

Ҳам фаъолияти дахлдори меъёрэҷодкунӣ ва ҳам санадҳои бевоситаи ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳифзи иҷтимоиву иқтисодӣ ба ғояҳои роҳнамо, принсипҳои бунёдие асос ёфтаанд, ки хусусиятҳо ва арзишҳои асосии низоми ҳуқуқии Тоҷикистонро ба таври консептуалӣ ифода мекунанд, мундариҷа ва самти танзими ҳуқуқии таъминоти иҷтимоиву иқтисодӣ, муносибатҳоимурофиавӣ дар соҳаи ҳифзи иҷтимоиву иқтисодиро ба миён меоранд. Ғояи таъмини

волоияти қонун дар низоми принсипҳои дахлдор то андозае мавқеи марказиро ишғол мекунад, ки аҳаммияти асосии он дар танзими муносибатҳои ҷамъиятии ҳар як соҳа дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ эътироф карда мешавад.

Дар навбати худ, чунонки Р.Ш. Шарофзода тазаккур медиҳад, волоияти қонун ҳамчун як принсипи бунёдӣ тавассути як қатор унсурҳои таркибии он амалӣ мегардад [105, с. 427]. Тавассути онҳо мундариҷаи принсипи волоияти қонун дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, аз ҷумла дар қарори №1597-и Ассамблеяи парлумонии Шурои Аврупо оиди «Принсипи волоияти қонун», қарори Шурои вазирони Ҳелсинки, таҳти №7108 дар бораи «Таҳкими минбаъдаи волоияти қонун дар минтақаи САҲА», «Дастрасии баробар ба адолати судӣ ва волоияти қонун», инчунин дар Гузориши волоияти қонуни Комиссияи Венетсия баён карда мешавад. Яке аз унсурҳои муайянкунандаи волоияти ҳуқуқ, ки самаранокӣ ва ҳадафи ҳуқуқии онро бештар фардӣ мекунад, қатъияти ҳуқуқӣ (Legal certainty) мебошад.

Ба андешаи мо, маҳз риояи талаботи асосии принсипи қатъияти ҳуқуқӣ дар раванди таҳкими меъёрии ҳуқуқу озодиҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ба эҷоди механизми муассири таъмини он мусоидат мекунад ва имкон медиҳад, ки низоми устувори санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба вуҷуд оварда шавад, шаффофият ва демократия дар қабули қарорҳои мақомоти ваколатдор ва субъектҳои ҳифзи иҷтимоӣ дар асоси қонуният таъмин гардад, инчунин боиси таъсиси таҷрибаи ягонаи судӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон барои гирифтани навъҳои алоҳидаи ҳифзи иҷтимоиву иқтисодӣ мегардад, ки бо мақсади пешгирӣ, рафъ ё кам кардани таъсири манфии хатарҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва мутобиқ шудан ба шароити нави зиндагӣ амалӣ мешаванд [207, с 38].

Бо эътирофи нақши калидии ин талаботҳо дар раванди ташкили механизми муассири таъмини ҳуқуқи инсон ба ҳифзи иҷтимоиву иқтисодӣ, ба андешаи мо, беҳтар аст, ки принсипи қатъияти ҳуқуқӣ дар қонунгузории ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ тавассути принсипҳои роҳнамое ифшо карда

шаванд, ки талаботи асосии раванди ташаккули меъёрэҷодкунииии соҳавиро бо мақсади таъмини устувории вазъи ҳуқуқии инсон муайян мекунанд.

Принсипи қатъияти ҳуқуқӣ аксар вақт аз ҷониби Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон татбиқ карда мешавад. Масалан, ҳангоми баррасии парвандаи Крюслен бар зидди Фаронса суд зикр мекунад, ки танҳо дар қонуни миллӣ мавҷуд будани заминаи қонунӣ барои дахолат ба ҳаёти хусусӣ ва оилавии шахс маънои онро надорад, ки давлат моддаи 8-и Конвенсияи Аврупо оид ба ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсонро риоя мекунад. Нақши асосиро дар ин самти санҷиши сифати чунин қонун мебозад, ки бояд ба принсипи волоияти қонун мувофиқат кунад, ки дар он истифодаи муқаррароти ба қадри кофӣ возеҳ ва фаҳмо пешбинӣ шудааст. Он ба шаҳрвандон имкон медиҳад, ки маълумоти дахлдор дар бораи ҳолатҳо ва шартҳои (дар доираи як ҳолати мушаххас) дахолати мақомоти давлатӣ дар татбиқи ҳуқуқи шахс ба эҳтиром ба ҳаёти хусусӣ ва мукотибаро ба даст оранд [39].

Ҳамин тариқ, мувофиқи арзёбии ниҳоди судии аврупоӣ, аз ҷониби давлат риоя шудани уҳдадориҳои дар Конвенсия оид ба ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон муайянгардида на мазмуни аслии санадҳои ҳуқуқии миллӣ, балки хусусияти сифатии муқаррароти ҳуқуқӣ муҳим аст.

Тавре А.П. Александрова қайд мекунад, «сифати меъёрҳои ҳуқуқӣ сатҳи такмили фаннӣ ва технологии онҳоро инъикос мекунад ва мувофиқан қобилияти таъсиррасонӣ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад» [179, с. 21].

Дар навбати худ В. Афанасев меъёрҳо ва талаботҳои зерини умумиро ба мазмуни қонунгузорӣ, ки сифати онро тавсиф мекунанд, муайян мекунад: «мувофиқати меъёрҳои ҳуқуқ ба манфиатҳо ва ниёзҳои ҷамъиятии мунтазам инкишофёбанда; дурустии муайян кардани зарурати танзими ҳуқуқии баъзе муносибатҳои ҷамъиятӣ; қонунӣ будани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, мутобиқати онҳо ба меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, муқаррароти конститутсионӣ ва дигар санадҳои аз рӯйи тартиби зинавӣ болотар; мувофиқати меъёрҳои ҳуқуқ ба меъёрҳои ахлоқии дар ҷомеа қабулшуда,

урфу одатҳо, ғояҳои некӣ, адолат, инсондӯстӣ, арзишҳои умумибашарӣ; равшан, фаҳмо, дастрас будани меъёрҳои ҳуқуқӣ; дурустии муайян кардани сатҳи танзими ҳуқуқӣ; мавҷуд набудани зиддият байни меъёрҳои ҳуқуқӣ; ба низом даровардан, мавҷуд будани стандартҳои зарурии хидматрасонӣ ва характери ҷазои ҳуқуқӣ» [55, с. 210].

Ба андешаи А.М. Диноршоҳ, «айни замон низоми амалисозӣ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангии инсон дар ҶТ дар марҳилаи шаклгирӣ қарор дорад» [186, с. 429]. Аз ин ҷост, ки ба андешаи муҳаққиқ, дар қонунгузории кишвар консепсияи нави ҳуқуқҳои мазкур ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ташаккул ёфта истодааст ва «барои ин бояд дастурҳои илмӣ ва ба ҷиҳатҳои иҷтимоӣ такякунанда таҳия ва бо воситаҳои сиёсиву ҳуқуқии стратегияи умумии рушди иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон таъмин карда шаванд» [186, с. 358].

Бояд гуфт, ки санадҳои ҳуқуқии ҶТ, ки ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоииинсон ва механизмҳои татбиқ, ҳифз ва ҳимояи онҳоро ба таври меъёрӣ муқаррар мекунанд, аз назари сифат то андозаи муайян ба меъёрҳои дар боло зикршуда ҷавобгӯ мебошанд. Суханро аз он оғоз менамоем, ки мувофиқи Конститусияи ҶТ ҳуқуқ ва озодиҳои иҷтимоию иқтисодии шаҳрвандони Тоҷикистон инҳоянд:

– ҳуқуқ ба фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ (моддаи 12);

– ҳуқуқ ба моликият (моддаи 32);

– ҳуқуқ ба меҳнат (моддаи 35);

– ҳуқуқ ба манзил (моддаи 36);

– ҳуқуқ ба истироҳат (моддаи 37);

– ҳуқуқ ба ҳифзи саломатӣ (моддаи 38);

– ҳуқуқ ба ҳифзи иҷтимоӣ (моддаи 39);

– ҳуқуқ ба таҳсил (моддаи 41) [1].

**Ҳуқуқ ба фаъолияти соҳибкорӣ**. Ин ҳуқуқи иқтисодии инсон дар банди дуюми моддаи 12-и Конститутсия мустаҳкам гардида, рӯйхати ҳуқуқҳои

конститутсионии баррасишавандаро боз мекунад. Дар Тоҷикистон муқаррароти асосии ин ҳуқуқ дар ҚҶТ «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» сабт шудаанд.

Фаъолияти соҳибкорӣ ҳамчун ташаббуси мустақил ва мунтазам бо таваккали худ, фаъолият оид ба истеҳсоли маҳсулот, иҷрои кор, хизматрасонӣ ва машғул шудан ба савдо бо мақсади ба даст овардани фоида фаҳмида мешавад.

Муқаррароти асосӣ дар бораи моҳияти ҳуқуқ ба фаъолияти соҳибкорӣ, ки дар қонуни зикршуда омадаанд, ба таври зерин аст:

– ҳар кас ҳуқуқ дорад ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шавад, ки қонун манъ накардааст;

– мақоми ваколатдори давлатӣ уҳдадор аст, ки ҳифзи рақобатро дар фаъолияти соҳибкорӣ таъмин намояд;

– давлат ба фаъолияти ташкилотҳои ҷамъиятии истеъмолкунандагон мусоидат мекунад.

Ба андешаи мо, қонуни мазкур аз назари мундариҷа ва фарогирии масоили танзими ҳуқуқиву давлатии соҳибкорӣ бисёр фарогирбуда, ҷанбаҳои воқеӣ ва ҳаётии фаъолияти соҳибкориро дар бар гирифтааст. Бо вуҷуди ин, метавон бо такмили баъзе аз ҷанбаҳои техникии он амали қонуни мазкурро муассиртар сохт. Масалан, дар он аз ваколати мақоми ваколатдори давлатӣ сухан рафтааст, вале уҳдадориҳои давлат дар баробари таъмини ҳуқуқ ба фаъолияти соҳибкориро комилан фурӯгузор кардааст. Аз тарафи дигар, дар банди дуюми моддаи 11, ки «Ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» унвон гирифтааст, асосан, ба ҷанбаҳои гуногуни бақайдгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣба монанди андозбандӣ, иҷозатномадиҳӣ, санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ ва ғ. таваҷҷуҳ гардидааст. Дар ҳоле, ки чунин амалҳо амри зарурӣ барои қонунӣ гардонидани фаъолияти соҳибкорӣ ба ҳисоб рафта, наметавонанд ифодакунандаи ҳимоя ва дастгирии соҳибкорӣ бошанд, балкиаз назари моҳият аслан ба уҳдадориҳои давлатӣ наздиктар ҳастанд. Давлат бақайдгирии соҳибкорӣ, андозбандӣ,

иҷозатномадиҳӣ ва иҷозатдиҳӣ, санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ, бақайдгирии молу мулк, ҳисоботдиҳӣ, танзими зиддиинҳисориро наметавонад ҳамчун ҳимоя ва дастгирии соҳибкорӣ ба назар бигирад. Ин амалҳо паҳлуҳои ҳатмии бақайдгирии субъектҳои соҳибкорӣ барои фаъолияти қонунӣ ба ҳисоб меравант ва сарфи назар кардани онҳо маънои фаъолияти ғайриқонунии соҳибкориро дорад, на фаъолияти соҳибкорие, ки бидуни ҳимоя ва дастгирии давлатӣ сурат мегирад.

Аз тарафи дигар, ҳимоя ва дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ бояд чунон ба роҳ монда шавад, ки натиҷаи он тамоми субъектҳои соҳибкориро дар роҳи расидан ба нишондиҳандаи беҳтари иқтисодӣ, ҳар чи муассиртар ва ҳадафмандтар амалӣ намудани сиёсатҳои иқтисодиву иҷтимоии давлатӣ, фаро гирифтани имкониятҳои нави бозори иқтисодӣ ва шакл додани фазои мусоиди фаъолиятҳои сармоягузорӣ кумак намояд.Бо назардошти ин гуфтаҳо, пешниҳод мешавад, ки банди дуюми моддаи 11-и қонуни мазкур дар моддаи алоҳида таҳти унвони «Уҳдадориҳои давлатӣ оид ба фаъолияти соҳибкорӣ» дар таҳрири зайл оварда шавад:

«Уҳдадориҳои давлатӣ оид ба фаъолияти соҳибкорӣ.

Уҳдадориҳои давлатӣ оид ба фаъолияти соҳибкорӣ дар шакли ҳуқуқӣ, ташкилӣ, молиявӣ, иттилоотӣ ва дигар шаклҳо амалӣ шуда, ба беҳтар намудани шароити соҳибкорӣ ба низоми зерин асос меёбад:

– бақайдгирии соҳибкорӣ;

– андозбандӣ;

– иҷозатномадиҳӣ ва иҷозатдиҳӣ;

– санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ;

– бақайдгирии молу мулк;

– ҳисоботдиҳӣ;

– суғуртакунӣ; (ҚҶТ аз 02.01.20 с., № 1684)

– танзими зиддиинҳисорӣ;

– сода намудани амалиёти воридотию содиротӣ бо назардошти санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон».

Дар навбати худ, моддаи 11-и қонуни мавриди баррасӣ бояд дар таҳрири зерин муқаррар гардад:

«Моддаи 11. Ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ

5. Ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомотиҳокимияти давлатӣ, мақоми ваколатдори давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ амалӣ карда мешавад.

6. Бо мақсади дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ давлат ба фароҳамсозии шароитҳои мусоиди ташкилию иқтисодӣ дар асоси барномаҳои зерин мусоидат мекунад:

– ташкили хидматрасониҳои моддию техникӣ ва иттилоотӣ-таълимӣ;

– омодасозӣ ва бозомӯзии кадрҳо тавассути барномаҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ;

– ҳавасмандсозии субъектҳои соҳибкорӣ бо истифода аз фишангҳои иқтисодӣ (субсидияҳои мақсаднок, имтиёзҳои андозсупорӣ ва ғ.)

– додани имтиёзҳои махсус барои навсозии технологияҳо, фаъолиятҳои навоварона, азхудкунии навъҳои нави маҳсулот ва хидматрасониҳо;

– додани қарзҳои мақсаднок ва имтиёзнок;

– мораторияи санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ;

– пешниҳоди дигар намуди ҳимоя ва дастгириҳо».

Ҳамин тавр, ҳуқуқ ба фаъолияти соҳибкорӣ дар ҶТ ҳамчун ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандон имкониятҳои рушди иқтисодии ҷомеаро ба таври ҷиддӣ фарох сохтааст.

**Ҳуқуқ ба моликият ва мерос.** Моддаи 32-и Конститутсия, ки ҳуқуқи шахсро ба моликият ва мерос дарҷ кардааст, ҳамчунин муқаррар месозад, ки «ҳеҷ кас ҳуқуқ надорад ҳуқуқи шахсро ба моликият бекор ва маҳдуд кунад. Молу мулки шахсро барои эҳтиёҷоти ҷамъият фақат дар асоси қонун ва

розигии соҳиби он бо пардохти арзиши пуррааш давлат гирифта метавонад» [1].

Азбаски дар қонунгузории амалкунанда якчанд шаклҳои моликият – моликияти давлатӣ, моликияти коммуналӣ, моликияти коллективӣ, моликияти хусусӣ пешбинӣ шудааст, пас, сухан, асосан, дар бораи моликияти хусусӣ, моликияти дар навбати аввал шахси муайян ва дар бораи ҷиҳатҳои алоҳидаи истифодаи моликияти давлатӣ, коммуналӣва моликияти шаҳрвандӣ бо мақсади бароварда сохтани ниёзҳои худ меравад.

Бояд тазаккур диҳем, ки мутаассифона, моҳияти ҳуқуқи конститутсионӣ ба моликият дар қонунгузории кишвар бисёр печида ва номукаммал буда, дар як қонуни алоҳида муқаррар карда нашудааст. Ин дар ҳолест, ки ҳуқуқ ба моликият яке аз ҳуқуқҳои бунёдии иҷтимоиву иқтисодии инсон ба ҳисоб меравад. Ба назари мо, моҳияти ҳуқуқ ба моликият мазмунҳои зеринро дар бар мегирад:

– ҳуқуқ ба моликияти хусусӣ бо тартиби муқаррарнамуда ва устувори қонун ба даст омадааст;

– ҳуқуқ ба моликияти шахсӣ дахлнопазир аст;

– истифодаи моликият набояд ба ҳуқуқ, озодиҳо ва шаъну шарафи шаҳрвандон, ба манфиатҳои ҷамъият зарар расонад, вазъи экологӣ ва сифатҳои табиии заминро бадтар кунад.

– шаҳрвандон метавонанд барои қонеъ гардондани эҳтиёҷоти худ объектҳои моликияти давлатию коммуналиро мувофиқи қонун истифода баранд;

– маҷбурӣ гирифтани объектҳои ҳуқуқ ба моликияти хусусӣ бо пардохти пурраи арзиши онҳо танҳо дар шароити вазъияти ҷангӣ ё вазъияти фавқулода иҷозат дода мешавад;

– ҳеҷ касро ғайриқонунӣ аз ҳуқуқи моликият маҳрум кардан мумкин нест;

– молу мулки шахсро барои эҳтиёҷоти ҷамъият фақат дар асоси қонун ва розигии соҳиби он бо пардохти арзиши пуррааш давлат гирифта метавонад.

Бо назардошти ин нуктаҳо, пешниҳод мешавад, ки ба моддаи 32-и Конститутсияи ҶТ тағйирот дар таҳрири зерин ворид карда шавад:

«Моддаи 32. Ҳар кас ҳуқуқ дорад соҳиби моликият ва мерос бошад, онҳоро истифода барад ва ихтиёрдорӣ намояд.

Ҳеҷ кас ҳуқуқ надорад ҳуқуқи шахсро ба моликият бекор ва маҳдуд кунад. Молу мулки шахсро барои эҳтиёҷоти ҷамъият фақат дар асоси қонун ва розигии соҳиби он бо пардохти арзиши пурраашдавлат гирифта метавонад.

Товони зарари моддӣ ва маънавие, ки шахс дар натиҷаи амали ғайриқонунии мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, дигар шахсони ҳуқуқӣ ва ё шахсони алоҳида мебинад, мувофиқи қонун аз ҳисоби онҳо рӯёнида мешавад.

Мусодираи молу мулк танҳо бо қарори суд дар ҳолатҳо, ҳаҷм ва тартиби муқаррарнамудаи қонун татбиқ карда мешавад.

Истифодаи моликият набояд ба ҳуқуқ, озодиҳо ва шаъну шарафи шаҳрвандон, ба манфиатҳои ҷамъият, ба вазъи экологӣ ва сифатҳои табиии замин таъсири манфӣ расонад».

**Ҳуқуқ ба меҳнат.** Унсурҳои асосии ин ҳуқуқҳои конститутсионӣ муқаррароти зерин мебошанд:

– давлат барои пурра амалӣ намудани ҳуқуқи шаҳрвандон ба меҳнат шароит фароҳам меоварад;

– давлат имкониятҳои баробарро дар интихоби касб ва фаъолияти меҳнатӣ кафолат медиҳад;

– давлат барномаҳои таълимии касбӣ, омодасозӣ ва бозомӯзии кадрҳоро мутобиқи талаботи иҷтимоиву иқтисодӣ амалӣ менамояд;

– дар Тоҷикистон истифодаи меҳнати маҷбурӣ манъ аст;

– ҳар кас ба шароити дурусту бехавф ва солими корӣ, ба музди меҳнатина камтар аз ҳадди ақали музди меҳнат, ки қонун муқаррар мекунад, ҳуқуқ дорад;

– дар корҳои вазнин, зеризаминӣ ва шароити меҳнаташон зарарнок истифодаи меҳнати занон ва ноболиғон манъ аст;

– ба шаҳрвандон ҳимоя аз ҳолатҳои ғайриқонунӣ аз кор озод кардан кафолат дода мешавад;

– сари вақт гирифтани музди меҳнат тариқи қонун кафолат дода мешавад.

Бояд тазаккур дод, ки дар Конститутсияи кишвар ҳолатҳое, ки меҳнат маҷбурӣ ҳисоб карда намешавад, муқаррар карда нашудаанд. Аммо мувофиқи қонунгузории ҶТ дар ҳолатҳои зерин меҳнати шахс маҷбурӣ ҳисобида намешавад:

– хизмати ҳарбӣ;

– меҳнат ё хизмате, ки шахс тибки ҳукм ё қарори дигари суд иҷро кардааст;

– кор ё хизмате, ки шахс тибки қонунҳои вазъияти харбӣ ва вазъияти фавқулода анҷом додааст.

Дар моддаи 37-и Конститутсияи Тоҷикистон сабт шудааст, ки ҳаршаҳрванд ҳуқуқи истироҳат дорад. Ин ҳуқуқ бо роҳҳои зерин кафолат дода мешавад:

1) таъмини рӯзҳои истироҳатии ҳарҳафтаина (як ё ду рӯзи истироҳат, чун қоида, шанбе ва якшанбе);

2) додани рухсатии ҳарсолаи пардохтшаванда;

3) муқаррар намудани ҳафта ва рӯзи корӣ;

Барои амалӣ намудани муқаррароти конститутсионӣ дар бораи ҳуқуқ ба меҳнат ва истироҳат дар Тоҷикистон маҷмуи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дорои эътибори ҳуқуқии гуногун, ки қонунгузории меҳнати Тоҷикистонро ташкил медиҳанд, қабул карда шудааст ва амал мекунад. Дар ин маврид зикри санадҳои зерин зарурӣ ба назар мерасад:

– Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи меҳнат»;

– Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ»;

– Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид»;

**Ҳуқуқ ба таҳсил.** Моддаи 41-и Конститутсияи Тоҷикистон ба шаҳрвандони Тоҷикистон ҳуқуқ ба таҳсилро кафолат медиҳад. Дар он гуфта мешавад, ки «ҳар шахс ҳуқуқ ба таҳсил дорад». Муқаррароти асосӣ дар сатҳи конститутсионӣ чунин муқаррар карда шудаанд, ки моҳияти ин ҳуқуқро ошкор мекунанд:

– таълими умумии асосӣ ҳатмист (яъне падару модар вазифадоранд, кифарзандони худро ба мактаб фиристанд);

– давлат таълими умумии асосии ҳатмии ройгонро дар муассисаҳои таълимии давлатӣ таъмин менамояд;

– дар доираи муқаррарнамудаи қонун, дар муассисаҳои таълимии давлатӣ ҳар шахс метавонад ба таври ройгон таълими миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ ва олии касбӣ гирад.

– давлат инкишофи шаклҳои гуногуни таълимро таъмин менамояд.

Тамоми ҷанбаҳои ҳуқуқии ҳуқуқ ба таҳсилро Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф» ба танзим медарорад. Чунин санади меъёрӣ мутаносибан ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шаҳрвандони Тоҷикистонро оид ба татбиқи ҳуқуқ ба таҳсил муфассал шарҳ дода, инчунин механизми татбиқи ин ҳуқуқро муайян мекунад.

**Ҳуқуқ ба манзил.** Моддаҳои 22 ва 36-и Конститутсияи Тоҷикистон ба ҳар кас ҳуқуқ ба манзилро кафолат медиҳанд. Тибқи муқаррароти конститутсионӣ моҳияти ин ҳуқуқи шаҳрвандон чунин аст:

– дахлнопазирии манзили шахсро давлат кафолат медиҳад;

– ин ҳуқуқ бо роҳи сохтмони манзили давлатӣ, ҷамъиятӣ, кооперативӣ ва хусусӣ таъмин карда мешавад;

– ба манзили шахсӣ зӯран даромадан манъ аст;

– касеро аз манзил маҳрум кардан манъ аст, ба истисноии мавридҳое, ки қонун муқаррар кардааст.

Ҷузъиёти ҳуқуқи манзилии шаҳрвандон дар Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст.

**Ҳуқуқ ба ҳифзи иҷтимоӣ.** Ҳамчунин, мутобиқи Конститутсияи ҶТ шаҳрвандони Тоҷикистон ҳуқуқ ба ҳифзи иҷтимоӣ доранд. Махсусиятҳои ин ҳуқуқ чунинанд:

1) ҳуқуқ ба ҳимояи иҷтимоӣ ҳангоми бекорӣ;

2) кафолати таъмини иҷтимоӣ дар пиронсолӣ, ҳангоми беморӣ, маъюбӣ, гум кардани қобилияти кор, маҳрум шудан аз сарпараст ва мавридҳои дигаре, ки қонун муайян кардааст;

Ҳуқуқ ба ҳифзи иҷтимоӣ дар сатҳи санадҳои меъёрии зерин кафолат дода мешавад:

– ҚҶТ «Дар бораи нафақаи суғуртавӣ ва давлатӣ»;

– ҚҶТ «Дар бораи стандартҳои иҷтимоии давлатӣ»;

– ҚҶТ «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон».

Мувофиқи ин қонунҳо кафолатҳои зерини ҳуқуқ ба ҳифзи иҷтимоӣ дар ҶТ амал мекунанд:

– таъйин ва пардохти нафақаи суғуртавӣ ба шаҳрвандони ҶТ, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванди ба таври доимӣ дар ҷумҳурӣ истиқоматдошта, ки дар низоми суғуртаи ҳатмии нафақавӣ ба қайд гирифта шудаанд;

– таъмини нафақаи давлатӣ ба шахсоне, ки ба онҳо меъёрҳои суғуртаи ҳатмии нафақавӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ нагардидаанд ва татбиқ намегарданд.

– таъмини нафақаи иҷтимоӣ ба шахсоне, ки тибқи қонуни мазкур ба нафақаи суғуртавӣ ҳуқуқ надоранд;

– роҳ надодан ба пастшавии сатҳи зиндагии шаҳрвандон ҳангоми таҳия ва татбиқи тадбирҳо оид ба рушди иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он;

– кафолати сатҳи зарурии ҳифзи иҷтимоӣ, таъмини дастрасии тавонбахшии тиббӣ, иҷтимоӣ ва касбӣ;

– дастрасӣ ва баробарҳуқуқии маъюбон дар баробари дигар шаҳрвандон ба ҳифзи саломатӣ, таҳсил, истироҳату саёҳат ва интихоби озоди намудҳои фаъолият, аз ҷумла фаъолияти меҳнатӣ;

– ҳамкории мақомоти давлатӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва дигар ташкилотҳое, ки дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии маъюбон фаъолият мекунанд.

**Ҳуқуқ ба ҳифзи саломатӣ.** Моддаи 38-и Конститутсияи Тоҷикистон ҳуқуқ ба ҳифзи саломатиро ифода мекунад. Муқаррароти ҳамин моддаи Конститутсия ва моҳияти ҳуқуқии онро Кодекси тандурустии ҶТ чунин таъйин кардааст:

– нигаҳдории тандурустӣ аз ҳисоби маблағгузории давлатии барномаҳои дахлдори иҷтимоиву иқтисодӣ, тиббию санитарӣ ва солимгардонию профилактикӣ таъмин карда мешавад;

– давлат барои расонидани ёрии тиббии самарабахш ва дастрас барои тамоми шаҳрвандон шароит фароҳам меорад;

– дар муассисаҳои нигаҳдории тандурустии давлатӣ ва коммуналӣ ёрии тиббӣ ройгон расонда мешавад;

– давлат ба инкишофи муассисаҳои тиббии ҳамаи шаклҳои моликият мусоидат мекунад;

– давлат барои рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш кор мебарад, беҳбудии санитарию эпидемиологиро таъмин менамояд.

Ҳамин тавр, дида мешавад, ки бештарини ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, ки дар Конститутсияи ҶТ кафолат дода шудаанд, фақат дар дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ шарҳу тафсил ёфтаанд. Ин ҳолат то андозае ба амалӣ кардани онҳо таъсири манфӣ мерасонад. Аз сӯйи дигар, баъзе ҳуқуқу озодиҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар Конститутсияи ҶТ комилан дарҷ нашудаанд. Дар зер бо овардани чунин ҳуқуқҳо пешниҳодоти худро ҷиҳати такмил додани санадҳои меъёрии ҳуқуқии кишвар дар бобати ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ манзур месозем.

Яке аз аввалин ҳуқуқи иҷтимоӣ, ки дар Конститутсияи ҶТ фурӯгузор шудааст, ҳуқуқ ба сатҳи шоистаи зиндагӣ мебошад. Чунонки маълум аст, ин ҳуқуқ яке аз ҳуқуқҳои муҳимми санадҳои байналмилалӣ мебошад, ки дар банди якуми моддаи 25-и Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, моддаи 11-и Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ, моддаи 27-и Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак, моддаи 28-и Конвенсия оид ба ҳуқуқи шахсони маъюб ва ғайра ба таври возеҳу равшан ифода ёфтааст.

Конститутсияи ҶТ агарчи моддаи махсус барои ин ҳуқуқро ҷудо накардааст, аммо ишораҳои кӯчак дар ин робита дар моддаҳои 1 (банди 3) ва 39 ҷой доранд. Дар мисоли аввал эълон мешавад, ки «Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад» [1]. Аммо дар ин маврид маълум аст, ки сухандар бораи фароҳам овардани чунин шароит меравад, на кафолати сатҳи зиндагии арзанда. Моддаи 39 бошад, фақат кафолати таъмини иҷтимоиро дар мавридҳои мушаххас додааст, ки он наметавонад ҳамчун таъмини сатҳи зиндагии арзанда қабул карда шавад [1].

Илова бар ин, бояд қайд кард, ки бештари хатарҳои иҷтимоӣ, ки бо оқибатҳои иқтисодӣ алоқаманданд ва пайдо шудан ё таҳдиди пайдоиши онҳо ҳуқуқу озодиҳои иҷтимоиву иқтисодиро ба миён меоваранд, дар талаф ё кам шудани даромад (музди меҳнат) ва зарурати хароҷоти иловагӣ барои пешбурдизиндагӣ зоҳир мешаванд. Барои рафъи ноамнии иқтисодӣ, ки аз хавфҳои иҷтимоӣ ба вуҷуд меоянд, пеш аз ҳама, пардохтҳои нақдӣ ҳамчун як шакли ҳифзи иҷтимоӣ пешбарӣ карда мешаванд. Маҳз кумакпулиҳои давлатӣ, нафақа, таъминоти модӣ дар низоми суғуртаи ҳатмии давлатии иҷтимоӣ ба он хотир пешбинӣ шудаанд, ки ба шахси дар вазъияти душвори зиндагӣ қарордошта имкони таъмин кардани худ ва аъзои оилаашро, пеш аз ҳама, ба маҳсулоти зерин фароҳам оваранд: маҷмуи маҳсулоти хӯрокворӣ, ки барои фаъолияти муътадили организми инсон ва нигаҳдории саломатии он

лозиманд, маҷмуи маҳсулоти ғайриозуқа ва хизматрасониҳо, ки барои қонеъ кардани ниёзҳои асосии иҷтимоӣ ва фарҳангӣ заруранд.

Қобили зикр аст, ки сатҳи зиндагӣ, ки бояд давлат ба ҳар кас ҳамчун ҳадафи сиёсати умумимиллии иҷтимоӣ кафолат диҳад, дар давлатҳои гуногуни собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ба таври конститутсионӣ муқаррар карда шудааст. Ҳамзамон, барои муайян кардани он мафҳумҳои гуногун, аз қабили «сатҳи зиндагии арзанда» (Озарбойҷон, Беларус, Молдова), «сатҳи кофии зиндагӣ» (Арманистон), «сатҳи кофии зиндагӣ» (Украина), «ҳаёти арзанда» (Федератсияи Россия) истифода мешаванд [77]. Ҳуқуқи мазкур дар сатҳи байналмилалӣ низ муқаррар шудааст, ки дар боло зикр намудем.

Ҳамин тариқ, барои муайян кардани вазъи таъмини инсон бо ҳама чизҳои зарурӣ дар сатҳи байналмилалӣ ва сатҳи миллӣ ду мафҳум – «сатҳи шоистаи зиндагӣ» ва «сатҳи кофии зиндагӣ», истифода мешавад, ки ба назари мо, мазмуну мундариҷаи гуногун доранд.

Чунин ба назар мерасад, ки сатҳи кофӣ танҳо зинда мондани фард ё оила, яъне қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти ибтидоии инсониро таъмин мекунад. Маҳз фаҳмишест, ки масалан, дар Конститутсияи Украина ба мундариҷаи ҳадди ақали зиндагӣ муқаррар шудааст, ки ба ҷуз аз ғизо, либос ва манзил дар сатҳи конститутсионӣ ҳеҷ гуна ниёзҳои дигари инсониро дар бар намегирад. Дар баробари ин, сатҳи зиндагӣ бояд на танҳо мавҷудият, балки рушди ҳам маънавӣ ва ҳам физиологии инсонро таъмин намояд. Чунонки М. Шумило дуруст тазаккур медиҳад, истилоҳи «сатҳи кофии зиндагӣ» хеле мазмуни маҳдуд дорад [176, с. 245]. Сатҳи кофӣ ин шароите аст, ки ба инсон имкон медиҳад зинда монад ва сатҳи шоиста шароитест, ки ба шумо имкон медиҳад зиндагӣ кунед ва ҳуқуқу уҳдадориҳои худро пурра амалӣ созед. Аз ин рӯ, категорияҳои «шоиста» ва «кофӣ» аз ҷиҳати мазмун гуногунанд. Зиндагии шоиста ба андозаи бештар моҳияти давлати иҷтимоиро инъикос мекунад, ки мавҷудияти он бидуни татбиқи талаботи адолати иҷтимоӣ ғайриимкон аст.

Далели қолиб он аст, ки бо вуҷуди он ки Конститутсияи ҶумҳурииТоҷикистон кафолати сатҳи зиндагии кофӣ ё арзандаро надодааст, ба ҳар ҳол, муқаррароти муайяни қонунгузории миллӣ аз таваҷҷуҳи давлат ба таъмини ҳаёти инсон, ки сазовори арзишҳои волои иҷтимоӣ аст, шаҳодат медиҳанд.

Мутаассифона, принсипҳои ташаккули маҷмуи маҳсулоти хӯроквори, маҳсулоти ғайриозуқа ва хизматрасонӣ дар ҚҶТ «Дар бораи ҳадди ақали зиндагӣ» аз 15-уми майи соли 2009 [13] тамоман муқаррар карда нашудаанд. Аз тарафи дигар, ин қонун ниҳоят ба таври фишурда ва умумӣ омода шудааст, ки ҳамагӣ шомили 10 модда буда, муҳимтарин муқаррароти танзими ҳадди ақали зиндагиро фурӯгузор кардааст. Бо таваҷҷуҳ бар ин нукта, таҷдид ва такмили қонуни мазкурро бо назардошти вазъи ҳуқуқӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии кишвар лозим дониста, ҳамчунин қайд мекунем, ки принсипҳои ташаккули маҷмуи маҳсулоти хӯроквори, маҳсулоти ғайриозуқа ва хизматрасонӣ бояд дар таҳрири нави ин қонун ба таври зайл муқаррар карда шаванд: меъёрҳои илман асоснокшудаи талаботи ҳадди ақали гурӯҳҳои иҷтимоиву демографии аҳолӣ ба маводи ғизоӣ, инчунин таркиби кимиёвӣ ва арзиши ғизонокии маҳсулоти озуқа; қонеъгардонии талаботи ҳадди ақали ҳаётан муҳимми гурӯҳҳои асосии иҷтимоию демографии аҳолӣ ба маҳсулоти ғайриғизоӣ бо назардошти хусусиятҳои ҷинсиву синнусолӣ ва либос, инчунин барои ташкили чорабиниҳои маданию маишӣ; қонеъ намудани талаботи ҳадди ақали аҳолӣ ба хизматрасонии манзилию коммуналӣ, маишӣ, нақлиётӣ ва алоқа.

Яъне, аслан дар асоси муқаррароти қонун музди меҳнати зиндагӣ, ки дар Тоҷикистон бо сатҳи мувофиқи зиндагӣ муайян карда шудааст, бояд на танҳо талаботи ҳадди ақали инсон, балки рушди шахсияти ӯро низ таъмин кунад ва хароҷоти ғизо, либос, манзил, таҳсил, хизматрасонии тиббӣ ва беҳтар намудани шароити зиндагониро дар бар гирад. Агар чунин мазмуни ҳадди

ақали зиндагӣ (сатҳи кофӣ/арзандаи зиндагӣ) роҳандозӣ шавад, комилан ба меъёрҳои байналмилалӣ мувофиқат хоҳад кард.

Ҳамчунон бояд гуфт, ки хулосаҳои дахлдор хеле назариявӣ мебошанд, зеро онҳо дар асоси баҳодиҳии ҳамаҷонибаи муқаррароти қонунгузории миллӣ, самти умумии он, ки дар таҷрибаи татбиқи меъёрҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор роҳандозӣ нашудаанд, бароварда шудаанд.

Бо назардошти зарурати воқеии қонеъ гардондани манфиатҳои инсон, бояд дарояндаи наздик маҷмуи маҳсулоти хӯрокворӣ, маҳсулоти ғайриозуқа ва хизматрасонӣ бо роҳи пешбинӣ кардани таъмини хароҷоти инсони муосир (на инсони миёнаи асри XX) барои қонеъ кардани ниёзҳои асосии ӯ тасдиқ карда шаванд. Ба ин бояд экспертизаи илмӣ ва ҷамъиятии маҷмуи маҳсулоти хӯрокворӣ, маҷмуи маҳсулоти ғайриозуқа ва маҷмуи хизматрасонӣ оид ба муқаррар кардани ҳадди ақали зиндагӣ мусоидат кунанд.

Баррасии сабади истеъмолӣ ва ба он дохил кардани маҳсулоти хӯрокворӣ, молҳо ва хизматрасоние, ки одами муосир худро, воқеан, бо он таъмин менамояд, бешубҳа, ба афзоиши ҳадди ақали зиндагӣ ва дар натиҷа афзоиши ҳаҷми аксари пардохтҳои нақдӣ ҳамчун як шакли ҳифзи иҷтимоӣ оварда мерасонад, ки имкони воқеии қонеъ кардани ниёзҳои асосии инсонро фароҳам меорад.

Вобаста ба гуфтаҳои боло, пешниҳод менамоем, ки ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйирот бо илова кардани моддаи алоҳида дар бораи ҳуқуқи шахс ба сатҳи шоистаи зиндагӣ ворид карда шавад ва бояд дар таҳрири зайл ифода гардад:

«Ҳар кас ба сатҳи шоистаи зиндагии барои ҳифзи саломатӣ ва некуаҳволии худ ва оилааш муносиб, аз ҷумла ба ғизо, либос, хидматрасонии зарурии иҷтимоӣ ва ба таври қатъӣ беҳтар кардани шароити зиндагӣ ҳуқуқ дорад».

Гузашта аз тамоми масоиле, ки дар ин маврид баррасӣ кардем, андешаи В. Тарасенко бисёр амиқ ба назар мерасад, ки менависад: «Дар шароити

муосир тақрибан 150 намуди пардохтҳо, андозҳо, ҷамъовариҳо ва ғайра ба андозаи ҳадди ақали зиндагӣ вобаста аст, аз ҷумла: андози сайёҳӣ, алимент, ҳаққи иҷозатнома, хизматрасонии маъмурӣ, боҷи давлатӣ, боҷи судӣ, ҷарима, маош, маоши мансабӣ, стипендия, кумакпулии сафар, пардохтҳои иҷтимоӣ, имтиёзҳои иҷтимоӣ» [168, с. 22].

Илова бар ин, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати моро ҳамчун давлати соҳибихтиёр ва мустақил, демократӣ, ҳуқуқбунёд ва иҷтимоӣ (моддаи 1) эътироф намуда, бо ин роҳ дар назди худ вазифаҳои асосии фароҳам овардани шароит барои татбиқи ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии инсон, таъмини ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандонро гузоштааст. Муқаррароти дахлдор бо роҳи таъмини самти иҷтимоии иқтисодиёт, ки асоси татбиқи ҳуқуқҳои иҷтимоии шаҳрвандон ва оилаҳои онҳо, аз ҷумла ба ҳифзи иҷтимоӣ ва сатҳи муносиби зиндагӣ мебошад, ба амал бароварда мешавад.

Бо Фармони Президенти кишвар «Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ барои солҳои 2018-2028» аз 6-уми феврали соли 2018, №1005 қабул шудааст, кианҷоми корҳои зеринро дар соҳаи ҳуқуқи иҷтимоӣ зарур медонад:

«Таъмини самаранокии танзими ҳуқуқии муносибатҳои таъминоти иҷтимоӣ бо назардошти мутаносибии байни сабади истеъмолӣ ва нархҳои воқеии бозорӣ; ҷорӣ намудани механизми таъминоти иҷтимоӣ ҷиҳати барқарор намудани қобилияти корӣ ҳангоми ба рухсатии меҳнатӣ баромадани корманд; амалигардонии рушди низоми ғайридавлатии таъминоти нафақа бо дастгирии бевосита ва назорати доимии давлатӣ; таҳия ва ҷорӣ намудани механизмҳои амалии суғуртаи ҳатмии тиббӣ ва рушди тадбирҳои оммавӣ оид ба ташаккули тарзи ҳаёти солим; бунёд ва ҷорӣ намудани низоми «равзанаи ягона» дар раванди бақайдгирӣ ва бурдани шаклҳои алоҳидаи ҳифзи иҷтимоӣ, таҳия ва ҷорӣ намудани механизмҳои муносиби маблағгузории таъминоти иҷтимоӣ; аз байн бурдани маҳдудиятҳо ҳангоми пардохти нафақапулиҳои суғуртавӣ (меҳнатӣ), ҷорӣ намудани механизмҳои озодона ихтиёрдорӣ намудани андӯхти нафақавӣ, мероси

нафақа аз ҷониби шахси нафақагир; ҳифзи иҷтимоии оилаҳо ва кӯдакони дар вазъи мушкили ҳаётӣ қарордошта тавассути пешниҳоди кумакҳои унвонии иҷтимоӣ ва хизматрасонии иҷтимоӣ дар асоси арзёбии дараҷаи ниёзмандӣ, таҳия ва ҷорӣ намудани стандартҳои минималии хизматрасониҳои иҷтимоӣ; бо мақсади беҳтар намудани вазъи иҷтимоии заноне, ки дар рухсатии нигоҳубини кӯдак қарор доранд, таҷдиди назар намудани андозаи кумакпулӣ вобаста ба нигоҳубини кӯдак; ба таври дахлдор ба роҳ мондани хизматрасонии таълимӣ ва тиббии ройгон ба қишри камбизоати аҳолӣ» [6].

Ҷузъи муҳимми татбиқи муқаррароти мазкур таъмини ҳуқуқии ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ мебошад, зеро онҳо дар танзими муносибатҳои ҷамъиятие, ки дар ҷараёни амалисозии ҳуқуқи субъективии инсон ба вуҷуд меоянд, аҳаммияти аввалиндараҷа доранд.

Ин ҳадафҳои Консепсия ошкор мекунанд, ки низоми мавҷудаи ҳифзи иҷтимоӣ ба таври кофӣ ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ нест. Ҳангоми таъмини ҳуқуқу озодиҳои иҷтимоиву иқтисодӣ талаботи махсуси категорияҳои алоҳидаи шаҳрвандон ба қадри зарурӣ ба назар гирифта намешавад. Илова бар ин, вазъи иқтисодии қишри бузурги ҷомеаи тоҷик, ки дар пайи муноқишаҳои ҳарбии Русия ва Украина ба камбуди даромади оилавӣ дучор шудаанд, вазъро дар соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ боз ҳам бадтар мекунад. Вобаста ба ин, қонунгузорӣ дар ин соҳа бояд ба фароҳам овардани имкониятҳо барои таъмини сатҳи муносиби зиндагӣ ва ҳифзи иҷтимоии муносиби шаҳрвандон нигаронида шавад [6].

Илова бар ин, дар мавриди «амалӣ намудани ҳуқуқу озодиҳои иҷтимоиву иқтисодӣ дар асоси имкониятҳои иқтисодии давлат», ки дар Эъломияи умумии ҳуқуқи башар аз соли 1948, Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии соли 1966 истифода шудааст, бояд хотиррасон намуд, ки санадҳои ҳуқуқии байналмилалии зикршуда зиёда аз 50 сол пеш қабул шудаанд ва ба қадри кофӣ наметавонанд талаботи ҳадди ақалро нисбат ба ҳуқуқи инсон, аз ҷумла ҳуқуқ ва озодиҳои иҷтимоию

иқтисодӣ, ки сиёсати иҷтимоии давлати муосири асри XXI бояд ба онҳо мувофиқат кунад, инъикос намоянд.

Аз дигар ҳуқуқҳои муҳимми иҷтимоиву иқтисодии инсон, ки дар Конститутсияи ҶТ дида намешавад, вале дар Кодекси меҳнат ба таври умумӣ муқаррар карда шудааст, ҳуқуқ ба корпартоӣ мебошад.

Бояд тазаккур дод, ки ҳуқуқ ба корпартоӣ тақрибан дар қонунгузории ҳамаи кишварҳои дорои иқтисоди бозаргонии саноатӣ муқаррар карда шудааст. Ин дар ҳолест, ки барои муқаррар кардани чунин ҳуқуқ усулҳои гуногуни ҳуқуқӣ истифода мешаванд.

Ҳуқуқ ба корпартоӣ бевосита дар Конститутсияҳои Фаронса, Испания, Шветсия ва Украина сабт шудааст, ё аз ҳуқуқи конститутсионии иттиҳодия, масалан, дар Олмон, Канада, Швейтсария гирифта шудааст, ё дар қонуни алоҳидаи махсус қайд карда шудааст (ИМА, Зеландияи Нав) ё асос ёфтааст, аз рӯйи принсипҳои умумии ҳуқуқ, аз ҷумла аз рӯйи принсипи «он чӣ мамнуъ набошад, иҷозат дода мешавад» (Финляндия, Норвегия), ё ба санадҳои байналмилалӣ (Нидерландия) асос ёфтааст [72]. Дар баробари таъмини ҳуқуқ ба корпартоӣ инчунин шартҳое пешбинӣ карда шудаанд, ки корпартоиро маҳдуд ва ё манъ мекунанд ва ба муқобили корпартоиҳои ғайриқонунӣ нигаронида шудаанд.

Маълум аст, ки корпартоӣ яке аз шаклҳои муборизаи меҳнаткашон барои ҳуқуқҳои худ мебошад. Мазмуни ҷамъиятиву сиёсии корпартоӣ аз он иборат аст, ки дар як ва ё якчанд корхона муташаккилона бо мақсади маҷбур кардани корфармоён ба иҷрои талабҳои коргарон ҷараёни кор қатъ карда мешавад.

Дар Тоҷикистон танҳо коргарон ҳақ доранд корпартоӣ кунанд. Ин ҳуқуқ барои ҳифзи манфиатҳои иқтисодиву иҷтиомии онҳо истифода мешавад.

Ҳангоми истифода бурдани ҳуқуқи шаҳрвандон ба корпартоӣ ҳолатҳои зерин бояд ба назар гирифта шуда, таъмин гарданд:

– манифатҳои амнияти миллӣ;

– нигаҳдории тандурустии шахсони дигар;

– риояи ҳуқуқу озодиҳои шахсони дигар.

Ҳеҷ касро барои иштирок кардан ё накардан дар корпартоӣ маҷбур кардан мумкин нест. Манъи корпартоӣ танҳо дар асоси қонун ва ҳукми суд имконпазир аст.

Бо назардошти шароитҳои муосири иқтисодӣ, шуғли аҳолӣ ва нуфузи ҳарчи бештари ширкатҳои бузург ба ҷараёнҳои бозори меҳнат, ки вазъи коргарон ва кормандони одиро дар ҳимояи манфиатҳои иҷтимоиву иқтисодии вобаста ба фаъолияти кориашон мушкилтар месозад, ба назари мо, таҳкими ҳуқуқ ба корпартоӣ дар Конститутсияи кишвар, аз як тараф, ба таҷдид ва такмили қонунгузории ҷорӣ, аз тарафи дигар, ба пурзӯр шудани механизми ҳимояи ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ, ки ба фаъолияти меҳнатӣ марбутанд, мусоидат менамояд.

## 2.2. Кафолати ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон дар қонунгузории Тоҷикистон

Ҳар як давлат, сарфи назар аз сатҳи рушди иқтисодӣ, ҷойгиршавии ҳудудӣ ва асосҳои таърихии пайдоиш вазифадор аст, ки арзишҳои умумибашариро риоя намояд. Давлате, ки худро демократӣ медонад, дар баробари эътирофи чунин арзишҳо бояд ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон ва шаҳрвандро дар сатҳи қонунгузорӣ муқаррар намуда, татбиқи онҳоро кафолат диҳад.

Дар моддаи 1-уми Конститутсияи кишварамон Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ эълон карда шудааст ва ин маънои онро дорад, ки давлат барои рушди ҳамаҷонибаи шахсият шароити мувофиқ фароҳам меоварад, ба ҳар кас ва барои ҳар оила сатҳи муносиби зиндагиро муҳайё месозад. Аммо дар шароити имрӯза вазъияте ба амал омадааст, ки дар он мустаҳкам намудани ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ маънои бечунучаро иҷро шудани онҳоро надорад.

Дар вазъи кунунии иқтисодӣ ва иҷтимоию сиёсии кишвар танҳо таҳкими ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ мавқеи асосӣ дошта метавонад. Дар баробари

ин, кафолатҳои таъмини ин ҳуқуқҳо аҳаммияти бештар пайдо мекунад. Маҳз омӯзиши кафолатҳои ҳуқуқии ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодӣ яке аз самтҳои асосии рушди ҳуқуқи миллӣ буда, бояд асоси ислоҳоти муносибатҳо дарҳалли мушкилоти иқтисодиву иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар Тоҷикистон гардад [192, с. 87]. Ин вазъ ба зудтар ба даст овардани натиҷаи танзими ҳуқуқӣ бо роҳи муносибу судманд, ба кафолати ҳаҷми таъминоти иҷтимоӣ, ҳифзи сатҳи таъминот, рафъи монеаҳо ва қонуншиканиҳо бо мақсади барқарор ва ба эътидол овардани ҳуқуқу уҳдадориҳои иҷтимоиву иқтисодӣ равона карда шудааст.

Аҳаммияти кафолатҳои ҳуқуқи инсон барои механизми таъмини онҳо аз ҷониби А.М. Диноршоҳ низ таъкид шудааст. Донишманд изҳор доштааст, ки «маҳз кафолатҳо ҷузъи асосии механизми амалисозии ҳуқуқ, озодиҳо ва уҳдадориҳо мебошанд» [186, с. 401]. Дар маҷмуъ, ӯ ироаи кафолатҳои ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодии дорои чунин аҳаммиятро дуруст медонад. Бо вуҷуди ин, ба андешаи мо, онҳо на танҳо ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи механизми татбиқи ҳуқуқи мавриди омӯзиш қарор доранд, балки ҳимоя ва ҳифзи ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодиро низ ногузир таъмин мекунанд ва аз ин рӯ, категорияи илми ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ ҷанбаи бештар пайдо мекунад.

Пеш аз ошкор кардани мазмуни кафолатҳои ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодӣ мафҳуми «кафолат»-ро мушаххас кардан лозим аст. Калимаи «кафолат» дар тарҷума аз арабӣ маънои «замонат, таъмини чизе» мебошад. Ин падидаи иҷтимоист, ки ба даст овардани натиҷаи мушаххасро таъмин мекунад ва барои фаъолияти муносибатҳои муайяни иҷтимоӣ шароит фароҳам меорад.

О.Ф. Скакун таҳти мафҳуми кафолати ҳуқуқ, озодӣ ва уҳдадориҳои инсон ва шаҳрванд низоми шароитҳои иҷтимоиву иқтисодӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ, тарзувоситаҳоеро мефаҳмад, ки амалӣ, ҳифз ва ҳимояи боэътимоди ҳуқуқу озодиҳоро таъмин мекунанд [101, с. 203].

Таърифи ба ин дидгоҳ наздикро дар осори Л.П. Гарчева ва О.М. Ярмиш низ дидан мумкин аст, ки чунин менависанд: «кафолатҳои ҳуқуқу озодиҳои асосии шаҳрвандон маҷмуи меъёрҳо, принсипҳо, шартҳо ва талаботеанд, ки риояи ҳуқуқ, озодиҳо ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандонро таъмин мекунанд» [64, с. 128].

М.И. Матузов ва Е.В. Малко чунин мешуморанд, ки кафолатҳо «падидаи иҷтимоию сиёсӣ ва ҳуқуқие мебошанд, ки мазмуни онҳо бо се аломат муайян карда мешавад: 1) маърифатӣ, ки имкон медиҳад донишҳои назариявии фанниро дар бораи объекти таъсири онҳо баррасӣ намуда, дониши амалӣ оид ба сиёсати иҷтимоию ҳуқуқии давлат ба даст ояд; 2) идеологӣ, ки қудрати сиёсиро ҳамчун воситаи пешбурди ғояҳои демократӣ дар дохили давлат ва берун аз он тавсиф мекунад; 3) амалӣ – ҳамчун воситаи кафолати ҳуқуқшиносӣ ва шарти асосии қонеъ гардонидани манфиатҳои иҷтимоии шахс» [112, с. 35].

Б.И. Сташков дар робита ба мафҳуми кафолатҳои ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ таърифи зеринро пешкаш мекунад: «низоми пешшартҳои ба ҳам алоқаманди иқтисодӣ, сиёсӣ, идеологӣ, иҷтимоӣ ва ташкилиро дар бар мегирад, ки дар сурати мавҷуд будани онҳо воситаҳои махсус (ҳуқуқӣ) имкониятҳои ҳуқуқӣ барои амалисозии воқеии навъи мушаххаси ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодии шахсро фароҳам меоранд» [108, с. 44-46].

Бидуни баҳс дар мавриди дурустии мафҳуми категорияи ҳуқуқии мавриди назар, ки Сташков муқаррар кардааст, бояд қайд намуд, ки дар асоси таърифи зикргардида мафҳуми «кафолатҳои ҳуқуқи инсон» маҷмуи тадбирҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, идеологӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ аст, ки барои нигоҳ доштани тартибот ва муҳити мувофиқ барои зиндагӣ ва фаъолияти муътадили аҳолӣ равона шудаанд. Ба ибораи дигар, кафолат шароити беҳтари татбиқи воқеиро таъмин мекунад, то мақоми ҳуқуқии шахс, ҳуқуқу озодиҳои ӯ ба воқеияти амалии ҳар як узви ҷомеа табдил ёбанд.

Бидуни кафолатҳои зарурӣ ҳуқуқҳо ва озодиҳое, ки дар қонуни конститутсионӣ эълон шудаанд, наметавонанд пурра татбиқ шаванд ва, дар асл, ба маънои холӣ табдил меёбанд. Аз ин рӯ, татбиқи ҳуқуқу озодиҳои муқарраргардида на танҳо шароити мусоидро талаб мекунад, балки фаъолияти пайвастаи мақомоти давлатӣ, созмонҳои ҷамъиятӣ ва шаҳрвандонро низ барои ташкили воситаҳои самарабахши ҳифзи ин арзишҳо дар бар мегирад.

Бо муайян намудани мазмун ва ҳаҷми ҳуқуқҳо ва озодиҳои инсон, давлат уҳдадор мешавад, ки иҷрои ин вазифаҳоро кафолат диҳад. Аз ин лиҳоз, кафолатҳо метавонанд ҳамчун низоми шароит, воситаҳо ва усулҳое баррасӣ шаванд, ки имкониятҳои баробарро барои эътироф, ба даст овардан ва татбиқи ҳуқуқу озодиҳо таъмин менамоянд.

Ба таври умум, зери мафҳуми «кафолат» маҷмуи омилҳои объективӣ ва субъективӣ фаҳмида мешавад, ки барои татбиқи пурра ва ҳифзи ҳамаҷонибаи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, бартараф намудани сабабу шароитҳое, ки татбиқи онҳо ба таври дуруст амалӣ намегарданд, инчунин ҳимоя аз вайроншавии ин ҳуқуқҳо равона шудаанд.

Дар назарияи ҳуқуқ то ҳол дар бораи таснифи мафҳуми кафолатҳои ҳуқуқи инсон баҳси илмӣ идома дорад. Дар умум, нуқтаи пайванде, ки миёни дидгоҳои мухталифи ҳуқуқшиносон дида мешавад, ин аст, ки кафолат маҷмуи омилҳои объективӣ ва субъективиро дар бар мегирад, ки ба амалӣ намудани ҳуқуқу озодиҳо, рафъи монеаҳои эҳтимолӣ дар роҳи татбиқи пурра ё дурусти онҳо нигаронида шудаанд.

Аксари муҳаққиқон кафолатҳои ҳифзу ҳимояи ҳуқуқу озодиҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо мекунанд: умумии иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ.

Ба кафолатҳои умумии иҷтимоӣ инҳо дохил мешаванд: иқтисодӣ, сиёсӣ ва маънавӣ-идеологӣ.

Кафолатҳои махсус бошанд, инҳо мебошанд: меъёрҳои ҳуқуқии аз ҷониби давлат муқарраршуда, ки ба таъмини ҳуқуқҳои инсон равона

шудаанд; фаъолияти амалӣ оид ба татбиқи ин меъёрҳо; санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор.

**Кафолатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ** мавқеи хеле муҳимро дар низоми танзими конститутсионӣ ишғол мекунанд. Онҳо муҳит ва заминаи моддиеро пешбинӣ мекунанд, ки қобили таъмини истифодаи ҳуқуқҳои додаашуда мебошанд.

**Кафолатҳои сиёсӣ** ҳолати ниҳодҳои демократӣ ва шаклҳои онҳо, инчунин истифодаи воқеии ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон, соҳибихтиёрӣ ва ҳокимияти халқ, озодии интихобот, плюрализми сиёсӣ, баробарҳуқуқии ҳизбҳо ва созмонҳои сиёсӣ, авлавияти шахсиятро дар асоси волоияти қонун дар бар мегиранд.

**Кафолатҳои сиёсӣ** барои таъмини ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандони ҶТ бо чунин роҳҳо дастгирӣ карда мешаванд:

- **Ҳокимияти қонунгузорӣ** – МО, ки механизмҳои воқеии татбиқи ҳуқуқ ва озодиҳоро таъмин мекунад ва фаъолияти Ваколатдори ҳуқуқи инсонро роҳбарӣ менамояд;
- **Ҳокимияти иҷроия** – Президент ҳамчун кафили Конститутсияи ҶТ амал мекунад, дар ҳоле ки Ҳукумати ҶТ ҳамчун мақоми олии ҳокимияти иҷроия барои ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ҳам мустақиман ва ҳам тавассути мақомоти марказӣ ва маҳаллии иҷроия масъул аст;
- **Ҳокимияти судӣ** – ҳамчун воситаи самарабахши ҳимояи ҳуқуқу озодиҳо амал мекунад.

**Кафолатҳои идеологӣ (маънавӣ)** инҳоянд: плюрализми сиёсӣ, потенсиали фарҳангӣ, илмӣ ва эҷодии ҷомеа, набудани душмании нажодӣ, миллӣ ва динӣ, сатҳи баланди маърифати ҳуқуқӣ ва маънавии шаҳрвандон, гуногунрангии идеологӣ, озодии эҷод ва истифодаи арзишҳои маънавӣ аз ҷониби ҳама аъзои ҷомеа.

Кафолатҳои баррасишуда омили муҳим дар таъмини самаранокии ҳифзи иҷтимоӣ-ҳуқуқии ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон ба ҳисоб мераванд. Аммо

ин омил бидуни дастгирии ҳуқуқӣ наметавонад татбиқи комили ҳуқуқҳои мазкурро таъмин намояд.

**Кафолатҳои ҳуқуқӣ** воситаву усулҳои ҳуқуқие мебошанд, ки татбиқи ҳуқуқ ва озодиҳои шахс ва шаҳрвандро таъмин мекунанд. Ин воситаву усулҳо хеле гуногунанд, аммо як хусусияти муштарак доранд: ҳамаи онҳо дар қонунгузорӣ муқаррар шуда, бо татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ алоқамандананд.

Дар механизми ҳифзи иҷтимоӣ-ҳуқуқии ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон, кафолатҳои ҳуқуқӣ аҳаммияти мустақил доранд. Принсипи асосии ташкили низоми кафолатҳои ҳуқуқӣ ҳифзи умумии ҳуқуқ ва озодиҳо тавассути татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ мебошад. Аммо аз миёни тамоми меъёрҳои ҳуқуқӣ танҳо меъёрҳое кафолати ҳуқуқӣ маҳсуб мешаванд, ки воситаву усулҳои мушаххаси истифодаи бемамониатро барои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳо дар бар мегиранд ва барои барқарорсозӣ дар ҳолати нақзи онҳо мусоидат менамоянд.

Дар баробари таърифи кафолатҳои ҳуқуқии ҳуқуқи инсон меъёрҳои таснифоти онҳо мавзуи баҳси илмӣ боқӣ мемонад.

Ба ақидаи И.С. Окунев, кафолатҳои ҳуқуқии ҳуқуқи инсон аз инҳо иборатанд: «1) кафолатҳои амалишавии ҳуқуқ ва уҳдадориҳо; 2) кафолатҳои ҳифзи ҳуқуқии ҳуқуқҳо (ҳифз, ҳимоя ва ёрии ҳуқуқӣ)» [198, с. 15-16].

Тақсимоте, ки вобаста ба кафолатҳои ҳуқуқии ҳуқуқи инсон Окунев пешниҳод кардааст, дар пажуҳишоти дахлдори Сташков дар алоҳидагӣ гурӯҳбандӣ шудаанд. Муҳаққиқ вобаста ба самти функсионалиашон чунин намудҳои кафолатҳои ҳуқуқии ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодиро ҷудо сохтааст: 1) кафолатҳои татбиқӣ; 2) кафолатҳои амниятӣ; 3) кафолатҳои муҳофизатӣ [108, с. 87].

Бо ҳамандешӣ ба мавқеи зикргардидаи олимон, ба назари мо, вобаста ба сохтори механизми таъмини ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ самти функсионалии онҳо ва кафолатҳои ҳуқуқии ин ҳуқуқҳоро метавонба таври зерин гурӯҳбандӣ кард: 1) кафолатҳои татбиқи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳифзи иҷтимоиву иқтисодӣ; 2)

кафолатҳои ҳимояи ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ; 3) кафолатҳои ҳифзи ҳуқуқҳои мазкур.

Кафолатҳои ҳуқуқии татбиқи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи таъминоти иҷтимоиву иқтисодӣ ҳудуди ҳуқуқу уҳдадориҳои бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муайяншуда, инчунин ҳудуди татбиқи онҳо, воқеиятҳои ҳуқуқии марбут ба иҷрои онҳо, шаклҳои мурофиавии татбиқи ҳуқуқ ва уҳдадориҳо, тадбирҳо ва имтиёзҳо барои ҳавасмандгардонии татбиқи ташаббуси қонунии онҳоро дар бар мегирад.

Кафолатҳои ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ баробарии ҳама дар назди қонун, ногузирии ҷазо барои содир кардани ҳуқуқвайронкунӣ, тартиботи гуногуни назорат ва тафтиши қонунӣ будани рафтори субъектҳои ҳуқуқ бо мақсади ошкор намудани ҳуқуқвайронкуниҳои пешбинишуда; тартиби ҷавобгарии ҳуқуқӣ; чораҳои пешгирикунанда ва дигар тадбирҳои ҳифзи ҳуқуқ; шаклҳои мурофиавии татбиқи чораҳои ҳифзи ҳуқуқ; тадбирҳои пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳоро дар бар мегирад.

Пешгирӣ, ошкор ва бартараф намудани сабабҳои ҳуқуқвайронкуниҳо, такмили чораҳои пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо дар маркази диққати тамоми мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ қарор дорад, ки барои пурзӯр намудани ҳимояи ҳуқуқҳои субъектҳои ҳуқуқ, аз ҷумла ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ мубориза мебаранд [198, с. 16].

Кафолатҳои ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқи таҳқиқшаванда муқаррар намудани чораҳои ҳифз ва барқарорсозии он дар ҳолати эътироф накардан, рад намудан ё вайрон кардани он мебошад. Хато намешавад, агар бигӯем, ки қавитарин кафолати ҳифзи ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ имконияти ба суд шикоят кардани ҳар шахс аз қарор, амал ё беамалии мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, шахсони мансабдор, вазифаи дахлдори суд оид ба қабулу баррасии шикоят, қабули қарори қонунӣ, одилона ва асоснок бар зиммаи онҳост.

Дар чунин шароит кафолати ҳифзи ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ

уҳдадории давлат дар ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, аз ҷумла дар суд, ки қонун низ муайян кардааст, қобилияти мустақилона истифода бурдани ҳама роҳҳои имконпазири ҳифзи ҳуқуқи омӯхташаванда, ҳуқуқ ба ҳимояи қурбониёни ҷиноят ва суиистифода аз ваколат, таъмини дастрасии онҳо ба адолат ва ҷуброни зарари расонидашуда; ҳуқуқи ҳар кас ба ҷуброни зараре, ки аз амали (беамалии) ғайриқонунии мақомоти ҳокимияти давлатӣ, шахсони мансабдори онҳо расонида шудааст; кафолатҳо дар соҳаи адолат мебошад.

В.М Андреев нуқтаи назари Л.В. Кулачокро дастгирӣ намуда, вобаста ба шакли кафолатҳои ҳуқуқии ҳуқуқи инсон онҳоро ба кафолатҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ташкиливу ҳуқуқӣ ҷудо мекунад [180, с. 28]. Ба гуфтаи О.А. Тимошкина, «кафолатҳои ташкилию ҳуқуқии қонуни мавриди таҳқиқ қарордошта ба ҳуқуқи фаъолияти мақомоти дахлдори давлатӣ, корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо асос ёфта, ба фароҳам овардани шароити ташкилӣ, молиявӣ ва ҳуқуқӣ барои татбиқи ҳуқуқи инсон ба ҳифзи иҷтимоиву иқтисодӣ нигаронида шудааст» [207, с 122].

Дар баробари ин, бо назардошти вижагиҳои татбиқи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар доираи ҳифзи иҷтимоии давлатӣ ва ғайридавлатӣ эътироф намудани мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҳамчун субъекти фаъол ва мукаммали иҷтимоии уҳдадор дар соҳаи ҳифзи иҷтимоиву иқтисодӣ ва тавсеаи ваколатҳои онҳо дар соҳаи дахлдори муносибатҳои ҷомеа чунин ба назар мерасад, ки таърифи пешниҳодшуда нопурра аст.

Ҳамин тариқ, низоми кафолатҳои ташкилию ҳуқуқии ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ дар фаъолияти субъектҳои умумӣ ва махсус амалӣ карда мешавад.

Мазмуни кафолатҳои махсуси ташкилию ҳуқуқии ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ дар фаъолияти субъектҳои махсуси соҳаи ҳифзи иҷтимоиву иқтисодӣ инъикос меёбад. Ба инҳо Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Вазорати молия, Палатаи ҳисоб, Вазорати саноат ва технологияҳои нав, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва

нафақаи назди Ҳукумати ҶТ, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, шуъбаҳои ҳифзи иҷтимоии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, марказҳои хизматрасонии иҷтимоӣ ба оилаҳо, кӯдакон ва ҷавонон; субъектҳои ҳифзи иҷтимоии ғайридавлатӣ ва монанди инҳо дохил мешаванд. Маҳз фаъолияти ин ва дигар субъектҳо дар аксар мавридҳо имконияти татбиқи кафолатҳои ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодиро таъмин мекунанд, зеро онҳо ё роҳу воситаҳои мушаххаси таъмини қонуни омӯхташавандаро муайян мекунанд ё барои ин мақсадҳо чораҳои мушаххас меандешанд.

Кафолатҳои меъёрӣ-ҳуқуқии ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқӣ мебошанд, ки ҳуқуқи омӯхташавандаро муқаррар намуда, ваколатҳои ба сохтори он дохилшаванда, механизми татбиқ, ҳифз ва ҳимояи онро муайян мекунанд. Кафолатҳои асосии ҳуқуқии ҳуқуқҳои иқтимоиву иқтисодӣ конститутсионӣ (умумӣ ва махсус) мебошанд.

Кафолатҳои умумии конститутсионӣ ҳамчун таъмини татбиқи ҳама гуна ҳуқуқҳо фаҳмида мешаванд. Ба инҳо муқаррароти алоҳидаи Конститутсияи ҶТ, аз ҷумла муаррифии давлати Тоҷикистон ҳамчун кишвари соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд (банди 1) ва иҷтимоӣ (банди 3, моддаи 1); ҳамчун арзишӣ олӣ эътирофи кардани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва дахлнопазирии ҳаёт, қадр, номус ва дигарҳои ҳуқуқҳои фитрии ӯ (моддаи 5); таъмини ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд (моддаи 14); бартарии санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст ва қонунҳои ҷумҳурӣ (моддаи 10); кафолати ҳуқуқу озодиҳо қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк, кафолати баробарии ҳама дар назди қонун ва суд (моддаи 17); кафолати ҳуқуқ ба суди босалоҳият, мустақил ва беғараз, ки тибқи қонун асос ёфтааст (моддаи 19) ва ғайра дохил мешаванд [1].

Мақсади кафолатҳои махсуси конститутсионӣ таъмини бевоситаи ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ мебошад. Кафолатҳои махсуси конститутсионии ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ, асосан, дар моддаҳои 32

(ҳуқуқ ба моликият), 33 (ҳимояи давлат аз оила ҳамчун асоси ҷамъият), 34 (таҳти ҳимоя ва ғамхории махсуси давлат қарор доштани модару кӯдак), 35 (ҳуқуқ ба меҳнат ва ҳимояи иҷтимоӣ ҳангоми бекорӣ) 36 (ҳуқуқ ба манзил), 37 (ҳуқуқ ба истироҳат), 38 (ҳуқуқ ба саломатӣ), 39 (ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ дар мавридҳои мушаххас) ва 41 (ҳуқуқ ба таҳсил) таҳким ёфтаанд.

Кафолатҳои ҳуқуқии соҳавии ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ дар низомисанадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки барои татбиқи субъекти ҳуқуқи таъминоти иҷтимоиву иқтисодии манфиатҳо ҳангоми гирифтани намудҳои алоҳидаи ҳифзи иҷтимоиву иқтисодӣ барои пешгирӣ, бартараф ё кам кардани оқибатҳои манфии хатарҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ мутобиқшавӣ ба шароити нави зиндагӣ қабул шудаанд, муқаррар карда мешаванд. Ба ин гурӯҳ санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қонунҳои ҶТ «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» аз 25-уми марти соли 2011, «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ» аз соли 1997, «Дар бораи маориф» аз 14-уми марти соли 2014, «Дар бораи ҳадди ақали зиндагӣ» аз соли 2009, «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон» аз 17-уми декабри соли 2020, «Дар бораи тайёр намудани мутахассисон бо назардошти талаботи бозори меҳнат» аз 25-уми январи соли 2021, «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» аз соли 2003, Кодексҳои меҳнат, манзил, оила, инчунин санадҳои сершумори зерқонунии ҳуқуқӣ, ки кафолатҳои мурофиавии татбиқи ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоиро муайян мекунанд, дохил мешаванд.

Санадҳои меъёрии ҳуқуқии зикршуда чунин кафолатҳои ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодиро муқаррар мекунанд:

– кафолати манъи маҳдудсозии ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд дар муносибатҳои меҳнатӣ; афзалияти ҳаёт ва саломатии корманд нисбат ба натиҷаи фаъолияти истеҳсолӣ; таъмини ҳуқуқ ба музди мувофиқ барои меҳнат, на камтар аз андозаи ҳадди ақали музди меҳнат; таъмини ҳуқуқ ба истироҳат; кафолати таъминоти иҷтимоии кормандон; кафолати таъмини нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ; таъмини баробарҳуқуқии шаҳрвандон

барои гирифтани кумаки тиббии бехатар, самарабахш ва сифатнок;

– кафолати ҳифзи солимии модару кӯдак, васеъ намудани имкониятҳои ҷомеа оид ба масъалаҳои ҳифзи саломатӣ, иштироки иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини ҳуқуқҳои шаҳрвандон ба ҳифзи саломатӣ;

– кафолати таъмини ашхоси суғурташуда ҳангоми маҳрум гардидан аз музди меҳнат ё даромад дар натиҷаи беморӣ, осеби меҳнатӣ ё бемории касбӣ, маъюбӣ, ҳомиладорӣ ва таваллуд, пирӣ, бекорӣ, аз даст додани саробон, фавтидан ва дигар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби саҳми ҳатмии суғуртаи корфармоён ва шаҳрвандон;

– таъмини кафолати давлатии ҳуқуқи шахс ба таҳсил, фароҳам овардани кафолати ҳуқуқӣ барои фаъолият ва инкишофи озодонаи муассисаҳои таълимӣ ва ҳамоҳангсозии муносибатҳои онҳо бо дигар сохторҳои ҳаёти ҷамъиятӣ;

– кафолати ҳифзи иҷтимоии кӯдакон, модарон, маъюбон, ятимон; тавсеаи доимии кафолатҳои иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ нисбат ба кӯдакон, таъсиси муассисаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ барои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии кӯдак дар Тоҷикистон, таъмини ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдакон дар ҳолатҳои фавти падару модар, аз ҳуқуқи падару модарӣ маҳрум кардани онҳо, маҳдуд кардани ҳуқуқи падару модарӣ, инчунин ҳолатҳои дигари набудани парастории падару модар;

– кафолати ҳимояи ҳуқуқ ва таъмини фаъолияти озоди субъекти соҳибкорӣ, иштироки озоди субъектҳои соҳибкорӣ дар таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба манфиатҳои соҳибкорӣ дахлдошта, афзалияти рушди соҳибкории хурд ва миёна.

Кафолатҳои ҳуқуқии ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодиро вобаста ба ҳудуди тақсимот ба ҳуқуқҳои дохилӣ ва байналмилалӣ тақсим кардан мумкин аст [147, с. 110].

Кафолатҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон дар соҳаи ҳифзи иҷтимоиву иқтисодӣ, чунонки А.М. Лушников ва М.В. Лушникова зикр кардаанд, «воситаҳо ва усулҳои пешбининамудаи санадҳои ҳуқуқии байналмилалие

мебошанд, ки бо онҳо ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд дар соҳаи ҳифзи иҷтимоиву иқтисодӣ таъмин карда мешаванд» [86, с. 280]. Сарфи назар аз мушаххас набудани хусусият ва усулҳои муайян кардани кафолатҳои байналмилалии ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ, ки барои таъмини ҳуқуқи таҳқиқшаванда пешбинӣ шудаанд, ин олимон ба рӯйхати чунин кафолатҳо инҳоро дохил намудаанд: механизмҳои шарикии иқтисодиву иҷтимоӣ барои таъмини ҳуқуқ; фаъолияти мақомоти (ташкилотҳои) махсусгардонидашуда оид ба татбиқи барномаҳои махсуси байналмилалӣ, ки мақсади онҳо ҳифзи иҷтимоиву иқтисодӣ мебошад.

Нуқтаи назари ба ин монандро А.М. Абрамов ҳам пайгирӣ мекунад, ки бар асоси он «кафолатҳои байналмилалии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон маҷмуипринсипҳо, меъёрҳо, қоидаҳо ва расмиёт, ки дар сатҳи ҳуқуқи байналмилалӣ муқаррар гардида, аз ҷониби давлатҳо дар ҷараёни фаъолияти дохилию берунии худ дар соҳаи ҳуқуқи инсон риоя карда мешаванд, инчунин низоми ниҳодҳои байналмилалӣ мебошад, ки ҷиҳатимусоидат ба назорат, риояи ҳуқуқҳои инсон, ҳимоя ва таъмини онҳо пешбинӣ шудаанд» [178, с. 148].

Хусусияти кафолатҳои ҳуқуқии байналмилалии ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ дар он аст, ки онҳо бо кӯшиши муштараки давлатҳо дар асоси созишномаи тарафайн муқаррар ва дар санадҳои ҳуқуқии байналмиллалии дахлдор сабт карда мешаванд [199, с. 5]. Ин аст, ки яке аз аломатҳои кафолатҳои ҳуқуқии байналмиллалии ҳуқуқи инсон, ки онҳоро аз кафолатҳои миллӣ фарқ мекунад, ба қавли А.Р. Дашковская, умумибашарӣ будани онҳост [141, с. 47].

Барои таъмини татбиқи самараноки ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ дар сатҳи байналмилалӣ чунин механизмҳо заруранд: назорати байналмилалӣ, фаъолияти мақомоти судии байналмилалӣ, инчунин таъсиси мақомоти махсусгардонидашуда, ки шаклу роҳҳои мушаххаси ҳимояи ҳуқуқи дахлдорро татбиқ менамоянд.

Мисоли равшани назорати байналмилалии судӣ дар мавриди риояи ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ фаъолияти Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон мебошад. Ҳамин тариқ, ҳар як шахс ё гурӯҳи шахсоне, ки худро қурбони поймолкунии давлатии ҳуқуқҳои пешбинишуда дар Конвенсияи аврупоии ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон аз соли 1950 ё протоколҳои он мешуморанд, пас аз тамом шудани тамоми воситаҳои миллии ҳуқуқӣ метавонанд ба Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон муроҷиат намоянд.

Яке аз низомҳои мукаммали назорати риояи уҳдадориҳои давлатҳо ҳангоми тасвиби шартномаҳои байналмилалӣ фаъолияти дахлдори Созмони Байналмилалии Меҳнат мебошад. Ин низом аз ду ҷузъ иборат аст: мониторинги доимӣ, ки аз ҳисоботҳои даврии кишварҳои узви СБМ иборат аст; баррасии шикоятҳо ва аризаҳои мақомоти назоратии махсуси СБМ оид ба вайрон кардани стандартҳои байналмилалӣ, аз ҷумла ҳуқуқҳои иҷтимоӣ.

Низоми кафолатҳои байналмилалии ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ инчунин аз муассисаҳои махсус иборат аст, ки салоҳияти онҳо ҳалли масъалаҳои ҳифзи иҷтимоиву иқтисодиро дар бар мегирад.

Пӯшида нест, ки СММ дар ин маврид аз бузургтарин созмонҳои ҷаҳонист, ки ниҳодҳои зертобеъ ва дигар сохтори марбутаи он дар таъмини кафолати ҳифзу ҳимояи ҳуқуқу озодиҳо, аз ҷумла ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ саҳми бузург доранд. Суди байналмилалии СММ назорати иҷрои Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангиро ба дӯш дорад. Инчунин, дигар ниҳодҳои зертобеи СММ дар амалӣ сохтани кафолати ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои алоҳида ва мушаххаси иҷтимоиву иқтисодӣ фаъолият мебаранд.

Яке аз чунин ниҳодҳо Хазинаи кӯдакони СММ (ЮНИСЕФ) – сохтори махсуси СММ аст, ки 11-уми декабри соли 1946 таъсис ёфтааст. ЮНИСЕФ ниҳоди пешсафи ҷаҳонӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдакон ва оилаҳои онҳо буда, дар зиёда аз 190 кишвари ҷаҳон намояндагиҳои минтақавӣ дорад. Хазинаи кӯдакони СММ барои солимии кӯдакон, тавсеаи барномаҳои ҳифзи иҷтимоӣ тавассути ташкили таъминот, омӯзиш ва

машваратҳо тадбирҳоро фаъолона амалӣ мекунад. ЮНИСЕФ тарафдори авлавият додан ба фаъолият барои кумак ба кӯдакони осебпазир ва оилаҳое, ки аз хатарҳои махсуси иҷтимоӣ осеб дидаанд, мебошад. Бо дарки он ки некуаҳволии кӯдакон ба вазъи хуби модарон зич алоқаманд аст, ЮНИСЕФ ҷиҳати беҳтар кардани саломатӣ ва ҳифзи иҷтимоии модарон низ фаъолият мебарад.

Аксар вақт одамони табақаи миёна ба маблағгузории иловагӣ ба низоми таҳсилоти касбӣ ва таълим ниёз доранд. Аз сабаби набудани онҳо шуғли чунин субъектҳо одатан муваққатӣ аст. Дар баробари ин, азбаски шуғли муваққатӣ ё ноустувор аксаран музди ками маош ва таъмини корро пешбинӣ мекунанд, бояд таъминоти иҷтимоии онҳое, ки дар чунин ҷойҳо кор мекунанд, вусъат дода шуда, бо кор таъмин намудани онҳо ба таври васеъ тавассути шартномаи коллективӣ танзим карда шавад.

Дар шароити муосир ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ хеле маъмул аст, ки ин имкон медиҳад робитаҳо бо хадамоти иҷтимоӣ дар хориҷа барқарор ва мустаҳкам карда шуда, инчунин ҳуқуқи дахлдор дар сатҳи байналмилалӣ таъмин карда шавад.

Сарфи назар аз шумораи зиёди кафолатҳои ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ, ки дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалии зикршуда ва дигар санадҳо пешбинӣ шудаанд, масъалаи самаранокии онҳо ҳанӯз ҳам мубрам боқӣ мемонад. Масалан, танҳо дар сурати иҷро нашудан ё иҷрои номатлуби муқаррароти Конвенсияи аврупоии ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон аз соли 1950, ки тафсири он дар таҷрибаи ҳуқуқии Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон пешбинӣ шудааст, ба мақоми салоҳиятдори Аврупо муроҷит кардан мумкин аст.

Дар мавриди кафолатҳои ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодии дар санадҳои СБМ ва Шурои Аврупо пешбинишуда, мутаассифона, бояд бесамар будани онҳоро эътироф намуд. Ягон санади дар сатҳи байналмилалӣ қабулшуда барои иҷро накардан ё иҷрои номатлуби муқаррароти конвенсияҳои СБМ ва санадҳои Шурои Аврупоро ҷавобгарӣ пешбинӣ накардааст.

Механизми назорати риояи уҳдадориҳои аз ҷониби давлатҳо ҳангоми тасвиби санадҳои ҳуқуқии байналмилалии дахлдор ба зимма гирифташуда ба тартиби баррасии ҳисоботҳои миллӣ мутобиқи таҷрибаи ҳуқуқии байналмилалӣ асос ёфтааст. Аммо зарурати пешниҳоди ҳисобот аз ҷониби ҳукумат оид ба иҷрои муқаррароти санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ тасдиқшуда ва дар бораи тадбирҳое, ки ба тасвиби муқаррароти онҳо нигаронида шудаанд, кафолати самараноки иҷрои уҳдадориҳои дар доираи ин ҳуҷҷат ба зимма гирифтаи давлат буда наметавонад.

Ҳамин тариқ, аксарияти санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон, ки дар онҳо кафолатҳои ҳуқуқии ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ муқаррар шудаанд, бо чунин нуқсонҳо, ба монанди мавҷуд набудани механизми самараноки татбиқи онҳо тавсиф мешаванд. Бо вуҷуди дар шартномаҳои байналмилалӣ мустаҳкам шудани ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодӣ механизми татбиқи ин ҳуқуқҳо номукаммал боқӣ мемонад. Воситаҳои ҳуқуқии иҷрои уҳдадориҳои кишварҳои узви СММ, СБМ ва монанди онҳоро такмил додан лозим аст, вагарна кафолати таъмини ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ҳамчун эъломия боқӣ мемонад.

Ҳама кафолатҳои дар боло зикргардидаи ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ мазмуни хоси худро доранд, вале онҳоро як мақсади ягона – ҳамаҷониба таъмин намудани имконияти конеъ гардонидани манфиати шахс ба гирифтани маҷмуи неъматҳои моддӣ ва ё чораҳои ғайримоддӣ ҷиҳати пешгирӣ, бартараф ё кам кардани таъсири манфии хатарҳои иҷтимоӣ, мутобиқ шудан ба шароити нави зиндагӣ муттаҳид мекунад.

## 2.3. Ҳифзи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ дар низоми ҳуқуқҳоииқтисодиву иҷтимоӣ

Пеш аз он ки ба таҳқиқи мавзуъ бипардозем, лозим медонем ба ин суол ҷавоб диҳем, ки чаро аз миёни дигар ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ танҳо ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ дар диссертатсия мавриди пажӯҳиши алоҳида қарор мегирад? Агар аз асосноккунии дуру дарози чунин амалкард худдорӣ

карда, танҳо ба унсурҳои ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ, ки Кумитаи ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии СММ ҷудо кардааст, назар андозем, ҷавоби суоли боло равшан мешавад. Ҳамин тавр, мавҷудияти низоми таъминоти иҷтимоӣ; фарогирии 9 ҷанбаи асосии он (ҳифзи саломатӣ, беморӣ, пиронсолӣ, бекорӣ, ҷароҳати корӣ, таъминоти оила ва кӯдак, модар, маъюбӣ, бепаратсорӣ ва ятимӣ); кифоя будани имтиёзҳо аз рӯйи ҳаҷм ва давомнокӣ; дастрасӣ; муносибат бо дигар ҳуқуқҳо аз ҷониби ин Кумита ҳамчун унсурҳои ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ муқаррар гардидаанд. Аз рӯйхати ин унсурҳо бармеояд, ки ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ ба дигар ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ алоқамандии бевосита дошта, дар як андоза, шакл ва шароити муайян баъзе аз онҳоро фаро мегирад. Пас, мантиқан омӯзиши ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ дар як ҳадди муайян омӯзиши ҷанбаҳои алоҳидаи ҳамаи дигар ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоиро низ ногузир месозад ва аз ҳама муҳим, бо ин роҳ тарҳи вазъи куллии ҳуқуқҳои мазкур равшан мегардад.

Ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ яке аз ҳуқуқҳои асосии инсон дар низоми ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ мебошад [117, с. 280], ки аз лаҳзаи таваллуд ба ӯ тааллуқ дорад. Татбиқи дурусти ҳуқуқи субъективии дахлдор шарти нигоҳ доштани адолати иҷтимоӣ, суботи иқтисодӣ ва мувозинати сиёсӣ дар давлат мебошад. Дар шароити рушди имрӯзаи Тоҷикистон ҳамчун давлати демократӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ, таҳким ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон, ки вазифаи асосии ӯ мебошад, ҳифзи дурусти ҳуқуқ ба таъмини иҷтимоӣ кафолати муҳимми он аст ва аз ин ҷиҳат, дар рӯйхати ҳадафҳои сиёсати давлатӣ ҳамчун яке аз авлавиятҳо баромад мекунад.

Дар баробари ин, дар шароити муосир таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон яке аз арзишҳои асосиест, ки мазмуни муносибатҳои байналмилалиро муайян мекунад. Таъмини ин ҳуқуқҳо масъулияти на танҳо давлат, балки ҷомеаи ҷаҳонӣ низ мебошад. Дар шароити ҷаҳонишавии тартиботи ҷаҳонӣ,

равандҳои ҳамгироии иқтисодӣ ва сиёсӣ татбиқи ҳифзи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ дар сатҳи байналмилалӣ аҳаммияти махсус дорад.

Ш.Х. Ҳафиззода дар мавриди ҳифзу ҳимояи ҳуқуқ бар ин андеша аст, ки «сарфи назар аз хусусияти мустақилии ҳар як категория, мафҳуми ҳимоя ва ҳифзи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунӣ ба ҳамдигар алоқаманд мебошанд. Пеш аз ҳама, ин нукта дар он ифода меёбад, ки дар амал муносибатҳои ҳимояи ҳуқуқ пайдоиши муносибатҳои ҳуқуқии хусусияти ҳифзи ҳуқуқро ба вуҷуд меоранд» [174, с. 256].

Сарфи назар аз муайян кардани аҳаммияти ҳифзи ҳуқуқе, ки дар моддаи 36-и Конститутсияи ҶТ пешбинӣ шудааст, дар механизми таъмини он, дар назарияи ҳуқуқ баҳс дар бораи тартиб додани номгӯйи шаклҳое, ки дар ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ амалӣ карда мешаванд, идома дорад.

Масалан, Е.В. Краснов шаклҳои ҳифзи ҳуқуқро дар соҳаи таъмини иҷтимоӣ муайян намуда, онҳоро ба шаклҳои мустақим, ҷамъиятӣ, идоракунӣ, судӣ ва байналмилалӣ ҷудо мекунад [80, с. 20]. Аммо барои ҷудо кардани чунин шаклҳо ягон асос вуҷуд надорад.

Аксарияти олимон эътиқод доранд, ки ҳифзи ҳуқуқҳои субъективӣ дар ду шакл сурат мегирад: ҳуқуқӣ – бо иштироки мақомоти дорои ваколатҳои дахлдор; ғайриҳуқуқӣ, ки он аз ҷониби шахси ваколатдор бе муроҷиат ба мақомоти салоҳиятдор иҷро намудани амалҳои худ мебошад [185, с. 134].

Шакли ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ ҳамон вақт ба миён меояд, ки шахси ҳуқуқҳояш поймолшуда шахсан ва ё ба воситаи намояндаи қонунӣ, ваколатдор ё шартномавӣ ба мақомоти давлатӣ ё мақомоти дигари ваколатдор, ки салоҳияти истифодаи воситаҳои барқарор сохтан ва ё эътироф кардани ҳуқуқи поймолшуда, инчунин талаби ҷуброни зарареро доранд, ки дар натиҷаи амали ғайриқонунии иштирокчии дигари муносибатҳои ҳуқуқӣ-иҷтимоӣ расонида шудааст.

Вобаста аз қаламрави таҳти салоҳияти мақоми ваколатдор оид ба андешидани чораҳо оид ба барқарор ё эътироф кардани ҳуқуқ ба таъминоти

иҷтимоӣ, ки поймол шудааст, шакли ҳуқуқии ҳимоя метавонад ба миллӣ ва байналмилалӣ тақсим карда шавад.

Илова бар ин, ҳимояи байналмилалӣ ҳамчун шакли ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ метавонад дар сатҳи ҷаҳонӣ ва минтақавӣ (бо назардошти ҷойгиршавии ҷуғрофии Тоҷикистон – осиёӣ) амалӣ карда шавад. Ҳифзи ҷаҳонии ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ тавассути амалӣ намудани ваколатҳои онҳо аз ҷониби ниҳодҳои СММ, Созмони Байналмилалии Меҳнат, Иттиҳоди Аврупо ва Шурои Аврупо амалӣ карда мешавад.

Ниҳодҳои дахлдор ва ҳифзи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ, ки аз ҷониби онҳо амалӣ карда мешаванд, вобаста ба салоҳияташон метавонанд ба сохторҳои умумӣ, ки дар соҳаи ҳифзи тамоми ҳуқуқҳои инсон салоҳият доранд (ваколатдорони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон ва монанди инҳо) ва махсус, ки ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсонро дар соҳае дар оиннома ё дигар санадҳои ҳуқуқиашон (масалан, мақомоти СБМ) муқарраршуда амалӣ менамояд, тақсим карда шаванд.

Чунонки А.М. Лушников ва М.В. Лушникова тазаккур медиҳанд, механизми байналмилалии ҳифзи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ хусусияти назоратӣ дорад [85, с. 257]. Чунин хусусияти мавриди таҳқиқ аз он иборат аст, ки вазифаи асосии субъектҳои татбиқи механизми дахлдор назорат аз болои иҷрои уҳдадориҳои давлатҳо дар соҳаи ҳуқуқи инсон аст, ки ҳангоми бастани шартномаҳои байналмилалӣ ба зимма гирифтаанд.

Ҳарчанд таъмини риояи уҳдадориҳои байналмилалӣ аз ҷониби давлат вазифаи асосии ҳифзи ҳуқуқи инсон аст, аммо он ягона нест. Маҳз ба амал баровардани ҳифзи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ шарти муҳимми муттаҳид ва ҳамоҳангсозии қонунгузории давлатҳои иштирокчии ҳамкории байналмилалӣ дар ин соҳа мебошад.

Шакли ҳуқуқии байналмилалии ҳифзи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ метавонад ба тариқи маъмурӣ ва судӣ амалӣ карда шавад.

Ҳифзи байналмилалии маъмурии ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ, масалан, тавассути татбиқи ваколатҳои назоратии СБМ амалӣ карда мешавад.

Ҳамин тариқ, оинномаи СБМ уҳдадории ҳар як давлати узвро дар мавриди пешниҳоди ҳисоботи даврӣ ба номи Мудири кулли Дафтари Байналмилалии Меҳнат (минбаъд – ДБМ) оид ба чораҳои андешидашуда барои татбиқи конвенсияҳое, ки ба онҳо ҳамроҳ шудааст, муайян мекунад. Дар робита ба конвенсияҳои тасвибнашуда (моддаи 19) ҳар як давлати узви созмон вазифадор аст, ки Мудири кулли Дафтари Байналмилалии Меҳнатро дар бораи ҳолати қонунгузории миллӣ ва амалияи татбиқи он нисбат ба масъалаҳои бо чунин конвенсияҳо танзимшуда, дар бораи он ки барои татбиқи муқаррароти онҳо чӣ чораҳо андешида шудаанд ё ба нақша гирифта шудаанд, инчунин аз он ҳолатҳое, ки ба тасвиби конвенсия халал мерасонанд ё чунин равандро ба таъхир меандозанд, огоҳ созад.

Шакл ва мазмуни ҳисоботҳои дахлдорро ҳайати роҳбарикунандаи СБМ муқаррар мекунад. Барои тасдиқи далелҳои дар гузориш зикргардида нусхаҳо ба ташкилотҳои дахлдори коргарон ва корфармоён фиристода мешаванд. Мудири кулли ДБМ ҳисоботҳои ҷамъбастии ҳукуматҳоро ба сессияи навбатии Конфронси байналмилалии меҳнат омода мекунад ва пешниҳод месозад [42].

Аз замони ҷорӣ шудани механизми дахлдори назорат бояд ҳар сол пешниҳоди ҳисоботи дар боло зикршуда сурат мегирифт. Аммо бо зиёд шудани шумораи санадҳои СБМ ин ҳолат барои давлатҳо ва созмон ба як тартиби хеле мураккаб ва тулонӣ табдил ёфт. Аз соли 2003 инҷониб низоми дифференсиалии ҳисоботдиҳӣ мавриди истифода қарор гирифт, ки барои конвенсияҳои бунёдӣ ва афзалиятнок ду сол ва барои ҳама санадҳои дигар давраи панҷсоларо пешбинӣ мекард [44].

Оинномаи СБМ аз соли 1919 як навъ чораҳои назоратиро пешбинӣ мекунад, ки ба ташкилотҳои корфармоён ва коргарон барои пешниҳоди муроҷиати хаттӣ ва шикоятҳо ба Бюрои Байналмилалии Меҳнат дар бораи

ба таври кофӣ риоя накардани Конвенсия аз ҷониби давлате, ки иштирокчии он аст, имконият медиҳад.

Ваколатҳои назоратӣ, инчунин ба мақомоти махсуси СБМ – Кумитаи коршиносон оид ба татбиқи конвенсияҳо ва тавсияҳо (Кумитаи коршиносон) ва Кумитаи татбиқи стандартҳои байналмилалии меҳнати Конфронси байналмиллалии меҳнат (Кумитаи конференсия) вогузор карда шудаанд. Муассисаҳои дахлдор ҳолати риоя ва тасдиқи конвенсияҳо, инчунин пешниҳоди конвенсияҳоро ба мақомоти салоҳиятдори миллӣ муайян мекунанд.

Дар сурати мавҷуд набудани пешрафт дар баррасии эродҳои қаблан изҳоршуда ё дар сурати ҷиддӣ будан, онҳо метавонанд ба таври васеъ интишор ёфта ба Конфронс пешниҳод ва дар протоколи Конфронс сабт карда шаванд. Ҷалби таваҷҷуҳи байналмилалӣ ба ҳолатҳои қонуншиканиҳо, тавре М.Л. Лютов тазаккур медиҳад, чун қоида, воситаи муассири таъсиррасонӣ ба вайронкунандагони стандартҳои байналмилалии СБМ мебошад [88, с. 90].

Илова бар ин, моддаи 33-и Конститутсияи СБМ аз соли 1919 пешбинӣ мекунад, ки агар узви Созмон дар муддати муайян тавсияҳои дар гузоришҳои муассисаҳои назоратӣ зикршударо иҷро накунад, ҳайати роҳбарикунанда метавонад ба Конфронс ҳама гуна амали зарурӣ ва кофӣ барои таъмини иҷрои тавсияҳо дар ин вазъиятро пешниҳод намояд. Тадбирҳои дахлдор дар тамоми давраи мавҷудияти СБМ танҳо як маротиба дар соли 2000 нисбат баМянмар – бо даъвати кишварҳои узви СБМ барои аз нав дида баромадани муносибатҳояшон бо Мянмар бо мақсади ташвиқи мақомоти ин давлат барои андешидани чораҳо ҷиҳати хотима додан ба истифодаи меҳнати маҷбурӣ татбиқ карда шуданд. Аз он вақт инҷониб Мянмар дар соҳаи меҳнат ислоҳоти назаррас, бахусус барои коҳиш додан ва тадриҷан аз байн бурдани меҳнати маҷбуриро ҷорӣ кард, ки на дар натиҷаи таҳримҳои мустақими СБМ, балки дар натиҷаи таҳримҳои иқтисодии кишварҳои узви СБМ пас аз

ҷалби таваҷҷуҳи байналмилалӣ ба ин масъала аз тарафи Конференсия ба миён омаданд [157].

Бар замми ин, дар сатҳи ҷаҳонӣ ҳимояи ҳуқуқҳо, аз ҷумла ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ аз ҷониби Шурои ҳуқуқи башари СММ, тартиби таъсис, ки татбиқи ваколатҳои он бо қарори №60/251 СММ аз 15-уми марти соли 2006 муайян гардидааст, амалӣ карда мешавад. Ин ниҳод гузоришҳои даврии умумиро оид ба арзёбии риояи ҳуқуқи инсон дар ин ё он кишвар ва тавсияҳо барои рафъи нақзи онҳо таҳия мекунад. Ҳамчунин, ба салоҳияти Шурои ҳуқуқи башари СММ шунидани ҳисоботи гузоришгарони махсус, ки салоҳияти ҷамъоварии маълумоти дахлдор дар бораи поймолкунии мунтазами ҳуқуқи инсон дар ин ё он кишвар ё соҳаи муайяни муносибатҳои ҷамъиятиро доранд, дохил мешавад. Бояд гуфт, ки чораи муассиртарин барои ҳимояи ҳуқуқҳо аз ҷониби Шурои СММ тартиби баррасии шикоятҳо мебошад, ки бо қарори Шурои иқтисодӣ ва иҷтимоии СММ аз 27-уми майи соли 1970, №1503 (бо тағйирот) пешбинӣ шудааст [38].

Бо назардошти гуфтаҳои боло, ба хулосае омадан мумкин аст, ки шакли ҳуқуқии байналмилалии ҳифзи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ тавассути татбиқи салоҳиятҳои умумӣ ва махсуси субъектҳои ҷамъиятии ҳуқуқи байналмилалӣ – мақомоти (ташкилотҳои) умумиҷаҳонӣ, минтақавии байналмилалӣ ба роҳ монда мешавад, ки инҳоро дар бар мегирад: баррасии ҳисобот дар бораи вазъи риояи уҳдадориҳое, ки ҳангоми тасвиби санадҳои ҳуқуқии байналмилалии дахлдор дар соҳаи таъмини ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ ба зимма гирифта шудаанд; баррасии шикоятҳои инфиродӣ ва дастаҷамъӣ дар бораи вайрон кардани муқаррароти дахлдори санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ; тафсири меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, ки шарти муҳимми муттаҳидшавӣ ва ҳамоҳангсозии қонунгузории давлатҳои иштирокчии ҳамкории байналмилалӣ буда, татбиқи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоиро мутобиқи стандартҳои байналмилалӣ таъмин менамояд.

Ҳифзи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ дар сатҳи байналмилалӣ бо ду усули ба ҳам алоқаманд, аз ҷумла бо роҳи баррасии мақомоти ваколатдори ташкилотҳои байналмилалӣ оид ба риояи муқарраротҳи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, баррасии шикоятҳои давлатҳо, ташкилотҳои коргарон ва корфармоён, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, муроҷиатҳои инфиродӣ дар бораи вайрон кардани ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ амалӣ мешавад.

Мутаассифона, бояд гуфт, ки дар шароити муосир зарурати пешниҳоди гузоришҳо ва ҳисоботҳо оид ба иҷрои муқарраротҳи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва тадбирҳое, ки ба тасвиби муқарраротҳи онҳо нигаронида шудаанд, наметавонад кафолати муассири иҷрои уҳдадориҳое бошад, ки давлат дар асоси чунин санадҳо ба зиммаи худ гирифтааст. Бинобар ин зарур аст, ки механизми ҳифзи ҳуқуқ ба таъмини иҷтимоӣ бо роҳи васеъ намудани имконияти истифодаи усули дуюм такмил дода шавад. Аз рӯйи натиҷаҳои он қарорҳое қабул карда мешаванд, ки ҳатмӣ буда, ба барқарор кардан ё эътироф кардани ҳуқуқи поймолшуда ё эътирофнашуда ва ҷуброни зараре, ки дар натиҷаи чунин ҳуқуқвайронкунӣ расонида шудааст, равона карда шудаанд.

Шакли тобеияти миллии ҳифзи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ шикоятро аз кирдорҳои ғайриқонунӣ ё беамалии субъекти уҳдадориҳои иҷтимоӣ бо тартиби маъмурӣ ё судӣ пешбинӣ менамояд.

Тартиби маъмурии ҳифзи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ ба мақомоти болоӣ шикоят кардан аз кирдорҳои ғайриқонунӣ ё беамалии субъектҳои ваколатдори иҷтимоиро пешбинӣ менамояд. Ҳамин тариқ, мутобиқи моддаи 91-и ҚҶТ «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони ҶТ», агар шаҳрванд боварӣ дошта бошад, ки мақомоти таъинкунандаи нафақа қарори хилофи қонунгузории таъмини нафақа қабул кардааст ва ё аз доираи салоҳияти он берун баромадааст, аз болои чунин қарори мақомоти ваколатдор мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақомоти ваколатдори давлатӣ ё суд шикоят кардан мумкин аст.

Ҳимояи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ, инчунин аз ҷониби Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон (минбаъд – Ваколатдор) амалӣ карда мешавад, ки ба риояи ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд ва ҳифзи ҳуқуқҳои ҳар кас дар қаламрави ҶТ назорати доимии мустақилро амалӣ менамояд.

Тавре ки дар моддаи 11-и ҚҶТ «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон» омадааст, вазифаҳои асосии Ваколатдор риояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд,барқарор намудани ҳуқуқу озодиҳои вайроншудаи инсон ва шаҳрванд, такмили қонунгузории ҶТ оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад.

Бо ин мақсад Ваколатдор ҳуқуқ дорад:

а) бе монеа ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (ҷамоат), корхонаҳо, муассиса ва ташкилотҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқиашон, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, инчунин қисмҳои ҳарбӣ, муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, изоляторҳои (тавқифгоҳҳои) нигаҳдории муваққатӣ, изоляторҳои (тавқифгоҳҳои) тафтишотӣ, марказҳои ҷойгиркунии муҳоҷирони хориҷӣ ё шахсони паноҳҷӯянда, муассисаҳое, ки ёрии иҷтимоӣ, тиббӣ ё равонпизишкӣ мерасонанд ва дигар ҷойҳои маҳдудкунии озодӣ, дигар сохтору муассисаҳои ҳарбӣ, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеанд, ташриф намояд;

б) аз роҳбарон ва шахсони мансабдори мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (ҷамоат), корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқиашон маълумотҳои зарурӣ, ҳуҷҷатҳо ва маводро талаб карда гирад;

в) аз роҳбарон ва шахсони мансабдори мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (ҷамоат), корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқиашон оид ба масъалаҳое, ки дар рафти баррасии шикоят муайян карда мешавад, ба истиснои судяҳо нисбат ба санадҳои судӣ баёнот гирад;

г) мустақилона ё якҷоя бо мақомоти салоҳиятдори давлатӣ, шахсони мансабдори давлатӣ, хизматчиёни давлатӣ санҷиши фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (ҷамоат), муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, изоляторҳои (тавқифгоҳҳои) нигаҳдории муваққатӣ, изоляторҳои (тавқифгоҳҳои) тафтишотӣ, марказҳои ҷойгиркунии муҳоҷирони хориҷӣ ё шахсони паноҳҷӯянда, муассисаҳое, ки ёрии иҷтимоӣ, тиббӣ ё равонпизишкӣ мерасонанд ва дигар ҷойҳои маҳдудкунии озодӣ, корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳоро, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқиашон, оид ба масъалаҳои ҳуқуқи инсон гузаронад;

д) ба мақомоти салоҳиятдори давлатӣ ва муассисаҳои илмӣ барои гузаронидани таҳқиқоти экспертӣ оид ба масъалаҳое, ки дар рафти баррасии шикоят муайян карда мешаванд, дастур диҳад;

е) бо парвандаҳои ҷиноятӣ, гражданӣ, оилавӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ки вобаста ба онҳо санадҳои судӣ эътибори қонунӣ пайдо кардаанд, инчунин бо парвандаҳои қатъгашта ё маводе, ки оид ба онҳо аз оғози парвандаи ҷиноятӣ рад карда шудааст, бо риояи талаботи қонунгузории ҶТ дар бораи ҳифзи маълумотҳое, ки дорои сирри давлатӣ, тафтишотӣ, тиҷоратӣ ё дигар сирри бо қонун ҳифзшаванда мебошанд, шинос шуда, аз онҳо маълумоти заруриро рӯйнавис ё нусхабардорӣ кунад.

Сарфи назар аз он ки дар шароити муосир маҳз ҳимояи судии ҳуқуқҳои поймолшуда, эътирофнашуда ё баҳсбарангез нисбат ба шикоят аз амалҳои (беамалии) ғайриқонунӣ ё қарорҳо ба тариқи маъмурӣ самараноктар дониста мешавад ва дар қонуни мазкур номгӯйи хеле васеи ваколатҳои Ваколатдор оид ба оғоз ва иштирок дар мурофиаи судӣ муайян карда шудааст, аммо, мутаассифона, аз солҳои 2009-2011 (аз оғози нашри маърузаҳои Ваколатдор дар сомонаи расмӣ) инҷониб Ваколатдор ҳеҷ гоҳ барои ҳимояи ҳуқуқи поймолшуда ё эътирофнашудаи инсон ба ҳифзи иҷтимоӣ боз кардани парвандаро пешниҳод накардааст, дар ягон парвандаи судии категорияи

дахлдор иштирок накардааст, ки ин ҳолат беэътибор будани муқаррароти дахлдори қонунгузорӣ дар соҳаи таъминоти иҷтимоиро нишон медиҳад.

Дар баробари ин, дар хусуси мавҷуд набудани таъсири мусбати фаъолияти Ваколатдор дар механизми таъмини ҳуқуқ ба амнияти иҷтимоӣ ҳарф задан аз воқеият дур аст. Масалан, дар маърузаи Ваколатдор барои соли 2021 омадааст, ки «шаҳрванд Ҳ.Х., ки бинобар сабаби сари вақт нагузаштан аз ташхиси тиббӣ ва пешниҳод накардани ҳуҷҷатҳои лозима пардохти нафақааш боз дошта шуда буд, ҷиҳати мусоидат ба мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон муроҷиат намуд. Зимни баррасии муроҷиат маълум гардид, ки шаҳрванд бинобар доштани маъюбии гурӯҳи 1 ва эҳтиёҷ доштан ба шахси кумакрасон натавонистааст сари вақт аз комиссия гузашта, ҳуҷҷатҳоро пешниҳод намояд. Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар ҳамкорӣ бо раёсатиАгентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ва Маркази хизматрасонии иҷтимоӣ дар ноҳияи Сино ҷиҳати барқарор кардани нафақаи шаҳрванд мусоидат намуд» [155].

Мисоли дигар ин аст, ки Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон баъди аз расонаӣ шудани вазъияти сангини беш аз 100 нафар шаҳрвандони ҶТ дар шаҳраки Шубноеи вилояти Воронежи Федератсияи Россия дар соли 2021 ба Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсони вилояти Воронежи Федератсияи Россия муроҷиат намуд. Қазия ин буд, ки корфармои ин муҳоҷирон аз пардохти музди меҳнати онҳо худдорӣ карда, амалан ин гурӯҳи беҳимояро ба кори иҷборӣ ҷалб кардааст. Ҳамин тавр, дар пайи даxолати бевоситаиВаколатдор оид ба ҳуқуқи инсони вилояти Воронеж гуфтушуниди рӯбарӯи ӯ бо директори генералии ЗАО «Острогожсксадпитомник» мушкили шаҳрвандони муҳоҷири ҶТ ҳалли худро меёбад. Дар натиҷа шаҳрвандони мо ба ҷойи зисти муносиб таъмин гардида, тибқи қонунгузории Федератсияи Россия бо ҳар як корманд шартномаи меҳнатӣ баста шуда, музди меҳнати онҳо пардохт мешавад [155].

Илова бар ин, ба Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар такмили қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дахл доранд, инчунин ба мутобиқсозии онҳо ба Конститутсияи ҶТ ва санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон мусоидат намуда, ҳуқуқ дорад:

а) ба субъектҳои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ оид ба такмили қонунҳо пешниҳод ирсол намояд;

б) дар таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд дахл доранд, иштирок намояд ва хулоса диҳад;

в) ба мақомот ва шахсони мансабдори ваколатдори давлатӣ оид ба қабул намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вобаста ба ҳуқуқи инсон ё ворид намудани тағйиру иловаҳо ба онҳо пешниҳод ирсол намояд.

Аз ин рӯ, сарфи назар аз аҳаммияти ҳифзи маъмурии ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ, ки аксаран дар натиҷаи фаъолияти субъектҳои тафтишотӣ ва назоратӣ бо ташаббуси шахсе, ки ҳуқуқаш поймол шудааст (эътироф нашудааст), амалӣ мегардад, бояд гуфт, ки дар механизми таъмини он, мутаассифона, ба мақомоти махсуси ваколатдор ваколатҳои муассир оид ба баррасии чораҳои андешидашуда ҷиҳати бартараф кардани қонуншикании ошкоршуда дода нашудааст. Дар сурати мавҷуд набудани чораҳои дахлдори ҷавобгарии ҳуқуқвайронкунанда самаранокии ҳифзи маъмурии ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ танҳо ба шуури ҳуқуқии субъекти назоратшаванда вобаста аст, ки онро асоснок ҳисоб кардан мумкин нест.

Шакли бештар маъмули ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ шакли судӣ мебошад, ки асоси танзими ҳуқуқии он моддаи 19-и Конститутсияи ҶТ мебошад. Аммо бояд гуфт, ки муқаррароти дахлдори Конститутсияи ҶТ дар соҳаи ҳифзи судии ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ дар ҳеҷ як аз санадҳои меъёрии ҳуқуқии ин соҳа сабт нашудааст ва ҳуқуқи шикоят кардан аз болои қарорҳо, амалҳо ва беамалии мақомеро, ки барои

ҳифзи иҷтимоии маъюбон, оилаҳои камбизоат ва монанди инҳо пешбинӣ намекунанд.

Ин дар ҳолест, ки дар қонунгузорӣ муқаррар намудани имкони таъмини ҳифзи судии ҳуқуқ ба таъмини иҷтимоӣ, ғайр аз кафолати татбиқи самараноки ин ҳуқуқ, чизе нест. Ин хулоса ба мавқеи В.М. Андреева дуруст меояд, ки мувофиқи он «кафолатҳои ҳуқуқ, озодиҳо ва манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд бояд ҳамчун маҷмуи шарту воситаҳое муайян карда шаванд, ки ҳимоя ва ҳифзи онҳоро таъмин мекунанд» [180, с. 186]. Тавре олим қайд мекунад, чунин ҳуқуқҳо хусусияти дугона доранд, зеро онҳо ҳамчун ҳуқуқ ва кафолат амал мекунанд. Маҳз имкони шикояти судӣ аз болои қарор, амал ё беамалии ғайриқонунии шахсони мансабдори мақомоти ҳифзи иҷтимоӣ ва шахсони воқеӣ, ки фаъолияти онҳо ба татбиқи ҳифзи иҷтимоӣ нигаронида шудааст, яке аз кафолатҳои муассир дар соҳаи татбиқи ҳуқуқ ба пешгирӣ ва ҳимоя аз таъсири манфии хатарҳои иҷтимоӣ мебошад.

Аммо воқеияти татбиқи ҳифзи судии ҳуқуқ ба таъмини иҷтимоӣ аз муқаррароти қонунгузории амалкунандаи миллӣ ба куллӣ фарқ мекунад. Бале, ҳуқуқ ба ҳифзи судии ҳуқуқ ба таъмини иҷтимоӣ бо санадҳои зиёди ҳуқуқӣ пешбинӣ шудааст, вале дастрасӣ ба татбиқи он ҳуқуқ то андозае маҳдуд аст.

Сабаби вазъи баамаломада, пеш аз ҳама, паст будани маданияти ҳуқуқии аҳолӣ мебошад. Аксарияти шаҳрвандоне, ки ҳуқуқи онҳо ба таъмини иҷтимоӣ эътироф ва ё поймол карда нашудааст, аксар вақт дар ин бора намедонанд ва агар онҳо далели дар боло зикршударо дарк кунанд, онҳо аз сабаби камогоҳии тартиби мурофиавии татбиқи чунин ҳимоя онро ҳифз карда наметавонанд.

Илова бар ин, ба самаранокии ҳимояи судии ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ, инчунин зарурати пардохти боҷи давлатӣ барои пешниҳоди ариза, шикоят ба суд барои додани ҳуҷҷатҳо аз ҷониби судҳо, инчунин дар мавриди қабули қарорҳои алоҳидаи суд бавосита таъсир мерасонад.

Хусусияти навбатии ҳимояи судии ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ таркиби субъекти иштирокчиёни баҳс мебошад. Ҳамин тариқ, даъвогар дар ин категорияи парвандаҳо шахси соҳибҳуқуқ, яъне шахсе мебошад, ки ба ҳифзи иҷтимоӣ ҳуқуқ дорад. Дар қонуни таъминоти иҷтимоӣ на танҳо шахсони алоҳида, балки оилаҳо низ шахсони ҳуқуқӣ эътироф карда мешаванд.

Масалан, бо назардошти оқибатҳои ҳолатҳои муайяни ҳаёт, ки барои тамоми оила аҳаммияти калон доранд ва одатан боиси талафот ё ба таври назаррас паст шудани сатҳи даромади он мегарданд ва эҳтиёҷоти умумиро ба ҳифзи иҷтимоӣ ба вуҷуд меоранд, оила субъекти ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ дар робита ба зарурати дастгирӣ ва тарбияи фарзандон ва дигар хатарҳои иҷтимоӣ мебошад. Ҳуқуқи ҳифзи судӣ дар ҳолати таъмин накардан ё татбиқи бесамари ҳифзи иҷтимоии оила дар ин ҳолат аз ҷониби узви соҳибҳуқуқи оила мустақилона ё тавассути намояндаи шартномавӣ амалӣ карда мешавад.

Иштирокчии дуюми баҳс дар соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ субъекти уҳдадор мебошад, ки ба салоҳияти он пешниҳоди намудҳои гуногуни ҳифзи иҷтимоӣ, муқаррар намудани далелҳои дорои аҳаммияти ҳуқуқӣ дохил мешавад. Ба ин субъектҳо дохил мешаванд: шуъбаҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати ҶТ, Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, марказҳои хизматрасонии иҷтимоӣ, коршиносони тиббию иҷтимоӣ ва комиссияҳои машваратии тиббӣ. Маҳз аз шакли моликият ва вазъи ҳуқуқии ин субъектҳо шакли мурофиаи судӣ, ки дар он баҳс ҳал карда мешавад, вобаста аст.

О.В. Смирнов дуруст қайд мекунад, ки «аксарияти баҳсҳо дар соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, ки судҳо баррасӣ мекунанд, ба манфиати шахсони ниёзманди ҳифзи иҷтимоӣ ҳал карда мешаванд. Ин метавонад аз самаранокии ҳимояи судии ҳуқуқ ба таъмини иҷтимоӣ шаҳодат диҳад» [114, с. 387].

Дар баробари ин шумораи зиёди камбудиҳои ин соҳа ба ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шахсон дар соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ то ҳадди имкон монеъ

мешавад [114, с. 387]. Самаранокии суд на танҳо аз ҷиҳати ташкилӣ ва сохтории сохтмон ва фаъолияти онҳо, балки аз сабаби камбудиҳои қонунгузории ҷорӣ дар бораи таъминоти иҷтимоӣ паст мешавад. Барои фаъолияти муътадилифаъолияти суд қонуни татбиқшаванда, возеҳу равшан будан, мувофиқати мантиқӣ ва мувофиқат бо дигар санадҳои ҳуқуқӣ доштани он аҳаммияти калон дорад.

Аз ин рӯ, яке аз аломатҳои ҳифзи судии ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ хусусиятҳои татбиқи қонунгузорӣ дар ҳалли баҳсҳои дахлдор мебошад. Ҳамин тариқ, хусусияти хоси муносибатҳои мурофиавӣ дар ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ дар он аст, ки барои танзими ҳуқуқии онҳо меъёрҳои соҳаҳои мурофиавии ҳуқуқ (шаҳрвандӣ ё маъмурӣ) кифоя нестанд, яъне муқаррароти модии қонунгузориро дар соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ татбиқ кардан лозим аст. Дар назар доштан зарур аст, ки ҳангоми ҳалли баҳсҳои судӣ дар соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ метавонад меъёрҳои ҳуқуқие, ки эътибори худро гум кардаанд, вале дар лаҳзаи мавҷудияти муносибатҳои ҳуқуқии баҳснок амал мекарданд, татбиқ карда шаванд.

Ба ақидаи А.М. Диноршоҳ ва Г.Д. Солеҳзода, ҳифзи судии ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ бисёр маҳдуд буда, «суд наметавонад ба шахс барои татбиқи ҳуқуқҳои худ ба зиндагии арзанда ва ё бо кор таъмин кардани шахси бекор ва ё бо манзил таъмин кардани шахсони ниёзманд кумак намояд» [146, с. 223-229]. Аммо, ба андешаи мо, сухан на дар бораи татбиқи ин ҳуқуқҳо аз ҷониби суд, балки аз ҷониби ҳифзи онҳо меравад, ки ин ҳар категорияи ҷудогона мебошанд. Албатта, вазифаи суд таъмин ва ё татбиқи ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ буда наметавонад, аммо салоҳияти суд имкон медиҳад, ки дар сурати поймол шудани ҳуқуқҳои шахс ба сатҳи шоистаи зиндагӣ, таъмини ҷойи кор, ё ҳуқуқ ба манзил ин ҳуқуқҳоро барқарор намуда, аз ин роҳ ба шахс имкони амалисозии ҳуқуқҳои худро муҳайё созад. Ҳамчунонки дар бахшҳои пештараи кор гуфтем, аксар вақт поймолшавии ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодии инсон дар натиҷаи амал ё беамалии мақомоти

ваколатдор сар мезанад, ки суд метавонад дар ин робита барои ҳифзи ҳуқуқҳо чора андешад.

Хусусияти дигари ҳимояи судии ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ татбиқи қарорҳои Суди конститутсионии ҶТ ҳангоми асосноккунии даъвоҳои шахс мебошад. Ин вазъият бо тез-тез ворид намудани тағйироту иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ алоқаманд аст, ки баъдан бо қарорҳои мақомоти салоҳияти конститутсионӣ хилофи Конститутсияи ТҶ (ғайриконститутсионӣ будан) эътироф карда мешаванд, зеро онҳо мазмун ва ё доираи ҳуқуқ ба амнияти иҷтимоиро танг мекунанд. Д.Ш. Сангинов чунин ақида дорад, ки ҳалли баҳсҳои асосии конститутсионӣ – ҳуқуқӣ, пеш аз ҳама, бояд тариқи судҳое ба роҳ монда шавад, ки тахассусашон ҳамин соҳа аст [99, с. 181].

Вақтҳои охир дар адабиёти ҳуқуқии пасошуравӣ, аз чумла дар асарҳои чунин олимон, ба монанди Д. Ермоленко, Н. Стаховская, В. Рудик, С. Устинов [208, с. 9] дар бораи зарурати ташкил кардани судҳои махсуси иҷтимоӣ фикру андешаҳои зиёд баён карда мешавад.

Мавҷудияти шумораи зиёди парвандаҳои иҷтимоӣ дар судҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи ин масъалаҳо, ки фаҳмидани онҳо хеле душвор аст, ба чунин хулоса оварда мерасонад [81, с. 327]. Масалан, ҳифзи иҷтимоии оилаҳо бо чунин қонунҳои ҶТ танзим карда мешавад: «Дар бораи кумаки давлатӣ ба оилаҳои кӯдакдор», «Дар бораи нафақаи суғуртавӣ ва давлатӣ», «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ», «Дар бораи кумакҳои унвонии иҷтимоӣ» ва монанди инҳо. Вобаста ба ин, судяҳо ҳангоми баррасии парвандаҳо оид ба ҳуқуқҳои иҷтимоии шаҳрвандон ба душвориҳои муайян дучор мешаванд, ки ин боиси аз ҷониби судҳои гуногун дар парвандаҳои шабеҳ қабул намудани қарорҳои мазмунан гуногун мегардад.

Аммо, ба назари мо, дар шароити кунунии иҷтимоиву иқтисодӣ ва сиёсии ҶТ таъсиси судҳои махсуси иҷтимоӣ мувофиқи мақсад нест. Дар ин маврид андешаи Н.М. Стаховская қобили пазириш аст. Ӯ пешниҳод мекунад, ки судҳои махсус не, балки судяҳои соҳибтахассус дар соҳаҳои алоҳидаи

ҳуқуқ, аз ҷумла дар қонунгузории ҳифзи иҷтимоӣ бояд таъсис дода шаванд. Тавре олим қайд мекунад, ҷиҳати баррасии босифат ва қабули қарори қонунӣ ва объективӣ оид ба моҳияти баҳсҳое, ки аз таъминоти иҷтимоӣ ва муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавӣ бармеоянд, судя бояд на танҳо мутахассиси баландихтисос дар соҳаи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ бошад, балки оид ба механизми таъйин (ҳисоб кардан) ва расонидани намудҳои алоҳидаи таъминоти моддӣ ва иҷтимоӣ ба шаҳрвандон бо мақсади мустақилона баҳо додани дурустӣ ва ба қонунгузорӣ мувофиқат доштани ҳама гуна қарор, амал ё беамалии мақомоти дахлдор дар соҳаи таъминоти иҷтимоӣ фаҳмиши дақиқ ва малакаи амалӣ дошта бошад [203, с. 13].

Мо нуқтаи назари Н.М. Стаховскаяро тарафдорӣ намуда, чунин мешуморем, ки ҷорӣ намудани ихтисоси судяҳо, аз ҷумла дар соҳаи ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ, ба ҳимояи зудтар ва самараноктари ҳуқуқҳои эътирофнашуда, поймолшуда ва мавриди баҳс қарордоштаи инсон ва шаҳрванд мусоидат мекунад.

Ҳамин тариқ, ҳифзи судии ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ дар ҶТ дорои хусусиятҳои муайяне мебошад, ки бо таркиби субъектии чунин баҳс, тобеиятӣ ва қобили муҳокимаи судӣ будани он, бо таъсири ретроспективии қонунгузорӣ, ки муносибатҳои ин намудро танзим мекунанд, бо аҳаммиятнокӣ ва басомади татбиқи қарорҳои Суди конститутсионии ҶТ ҳангоми асосноккунии даъвоҳо, мавҷуд набудани таҷрибаи ягонаи баррасии баҳсҳои судӣ дар соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ, маблағи зиёди пардохтҳои судӣ ва паст будани даромади шаҳрвандон алоқаманданд. Хусусиятҳои номбаршудаи шаклҳои мавриди омӯзиш қарордоштаи ҳифзи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ аз самаранокии нокифояи он дар марҳилаи кунунии рушди ҶТ ҳамчун давлати ҳуқуқӣ шаҳодат медиҳанд.

Шакли дуюми ҳифзи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ ғайриҳуқуқӣ мебошад, ки фаъолияти бевоситаи шахс ё намояндаи қонунӣ, ваколатдор, шартномаи ӯ оид ба барқарор намудани ҳуқуқи поймолшуда,

эътирофнашуда ё баҳснокро дар назар дорад, ки бе муроҷиат ба мақомоти салоҳиятдор сурат мегирад.

Ба ақидаи Г.И. Чанишева, «шакли ғайриҳуқуқии ҳимоя амали шахси ваколатдорро ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои ӯ, кимустақилона бидуни муроҷиат ба мақомоти ваколатдори дахлдор анҷом медиҳад, пешбинӣ менамояд». Тавре муҳаққиқ қайд мекунад, худмуҳофизатӣ аз ҷониби шахсе, ки ба ҳимояи иҷтимоӣ ҳуқуқ дорад, ҳам инфиродӣ ва ҳам ба таври дастаҷамъӣ амалӣ карда мешавад [175, с. 142].

Дар асоси фаҳмиши болозикр дар хусуси худмуҳофизатӣ метавон аломатҳои онро муайян кард, ки хусусиятҳои шакли ғайриҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоиро муайян мекунанд.

Пеш аз ҳама, хусусияти худмуҳофизат ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ дар он аст, ки он бевосита аз ҷониби шахси ваколатдор (намояндаи вай) мустақилона бо роҳи иҷрои низоми муайяни амалҳо иҷро карда мешавад.

Тавре ки А.В. Мовчан ишора мекунад, хусусияти амалҳо дар татбиқи худмуҳофизатӣ яктарафа будани онҳост [156, с. 60]. Дар ин бобат Ю.Г. Басин қайд менамояд, ки «худмуҳофизатӣ ин системаи амалҳои якҷонибаи қонунан иҷозатдодашудаи шахси манфиатдор мебошад, ки ба таъмини дахлнопазирии ҳуқуқ ва рафъи оқибатҳои вайронкунии он нигаронида шудааст» [134, с. 37].

Чунин нуқтаи назарро Г.Я. Стоякин ҳам тарафдорӣ намуда, ба хулосае меояд, ки «худмуҳофизатӣ ҳамчун амали якҷонибаи шахсе, ки дорои хусусияти ҳуқуқӣ ё воқеии дар қонун пешбинишуда мебошад, ки аз ҷониби субъекти ваколатдори иҷрои онҳо амалӣ карда мешавад ва ба қатъ кардани амалҳои вайронкунандаи моликият ва ё ҳуқуқҳои шахсии ӯ нигаронида шудааст» [204, с. 12].

Агар тавсифи худмуҳофизатии ҳуқуқҳои субъективии инсон, аз ҷумла ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоиро бинобар «амалҳои якҷонибаи шахси ваколатдор (намояндаи ӯ)» бипазирем, дар ин суратандешаҳои Г.Я. Стояк, ки мегӯяд мазмуни рафтори дахлдори ҳуқуқи инсонро қонун муайян мекунад,

қобили қабул нахоҳад буд. Аз ин нуқтаи назар, ақидаи В.П. Грибанов бештар пазируфтанӣ аст, ки чунин меорад, «амалҳои воқеии худмуҳофизаткунии ҳуқуқ аз қонун барнамеоянд, балки танҳо ба онҳо иҷозат дода шудаанд» [67, с. 185].

Мутаассифона, дар ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ ягон меъёре вуҷуд надорад, ки тартиби татбиқи худмуҳофизаткунии ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоиро муайян кунад, қонунгузорӣ танҳо имконияти мувофиқеро, ки дар боло муфассал тавсиф шудааст, кафолат медиҳад. Норасоии дахлдорро метавон тавассути қиёси қонунгузории маданӣ бартараф намуд.

Гарчанде муқаррароти Кодекси мадании ҶТ ба танзими муносибатҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкӣ (муносибатҳои шаҳрвандӣ) нигаронида шудааст, аммо эътирофи қонунии мафҳуми «худмуҳофизати ҳуқуқи маданӣ»-ро, ки дар моддаи 14 пешбинӣ шудааст, барои тавсифи худмуҳофизати ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ мутобиқ кардан мумкин аст.

Кодекси маданӣ таърифи истилоҳи худмуҳофизатиро наовардааст, аммо дар моддаи зикршудаи ин санад тазаккур дода мешавад, ки роҳҳои худмуҳофизатӣ бояд бо ҳуқуқвайронкунӣ мутаносиб бошанд ва набояд аз ҳадди амалҳое, ки барои пешгирии он заруранд, гузаранд [3]. Ин ҳолат бори дигар собит месозад, ки усулҳои худмуҳофизаткунии ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ ба таври зарурӣ бо қонун муайян карда нашудаанд, балки шахси ваколатдор (намояндаи вай) вобаста ба мазмуни ҳуқуқи поймолшуда, хусусияти амалҳое, ки бо он вайрон карда мешаванд, дар асоси оқибатҳои аз ҳуқуқвайронкунӣ бавуҷудомада, ки дар шартнома ё қонун муайян карда мешаванд, метавонад онро мустақилона интихоб кунад. Ҳамин тавр, худмуҳофизаткунӣ истифодаи чораҳои мутақобил мебошад, ки қонун манъ накардааст ва ба меъёрҳои ахлоқии ҷомеа мухолифат намекунад.

Хулоса, аломатҳои худмуҳофизатии зеринро метавон ҳамчун шакли ҳифзи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ ҷудо кард: ариза дар ҳолати вайрон кардан, эътироф накардан ё ба баҳс кашидани ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ;

ариза барои муқовимат ба ҳуқуқвайронкуниҳо ва рафъи оқибатҳои вайрон кардани ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ; яктарафа будан; интихоби мустақилонаи усули татбиқ аз ҷониби шахси ваколатдор (намояндаи вай); набудани роҳҳои ба таври ҳатмӣ муайяншудаи амалӣ намудани худмуҳофизаткунии ҳуқуқи мавриди назар, ки мумкин аст дар шартнома ё қонун муайян ва аз рӯйи мазмуни (ҳуқуқи) он, хусусияти кирдоре, ки ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоиро вайрон мекунанд, инчунин, аз рӯйи оқибатҳои дар натиҷаи вайронкунӣ ба амаломада интихоб карда шаванд.

Ҳангоми таҳқиқи худмуҳофизаткунӣ дар соҳаи таъминоти иҷтимоӣ аксари муаллифон ба хулосае меоянд, ки ин шакл ба соҳаи омӯзиши муносибатҳои иҷтимоӣ хос нест, зеро он бо мақсади боздоштани вайронкунии ҳуқуқ ва барқарор кардани он бидуни муроҷиат ба мақомоти салоҳиятдор амалӣ карда мешавад, ки ба ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ мувофиқат намекунад. Бо вуҷуди ин, чунин натиҷагириро комилан дуруст шуморидан хатост, зеро дар соҳаи таъминоти иҷтимоии ғайридавлатӣ яке аз роҳҳои ҳифзи ҳуқуқ дар сурати вайрон кардани он қатъи шартнома мебошад, ки барои он муроҷиат ба мақомоти махсуси ваколатдор талаб карда намешавад.

Ҳамин тариқ, банди 3-юми моддаи 12-и ҚҶТ «Дар бораи фондҳои ғайридавлатии нафақа» аз 27-уми ноябри соли 2014 ба саҳмгузорон ҳуқуқ медиҳад, ки «шартномаи нафақаро бекор кунанд, маблағҳои дар ҳисобномаҳои нафақа мавҷударо тибқи тартиб ва шартҳои пешбининамудаи шартнома ба дигар фондҳо гузаронанд ва ҷиҳати ворид намудаи тағйирот ба шартнома ташаббус зоҳир кунанд».

Мутаассифона, ҳеҷ яке аз санадҳои меъёриву ҳуқуқии ҶТ, ки таъминоти иҷтимоиро танзим мекунанд, барои қатъ намудани хидматрасониҳои иҷтимоӣ асос пешбинӣ намекунад. Ба назари мо, бояд дар сатҳи қонунгузорӣ пешбинӣ шавад, ки пеш аз муҳлат қатъ кардани шартномаи хизматрасонии иҷтимоӣ бо ташаббуси гирандаи хадамоти иҷтимоӣ ба сифати чунин асос

пазируфта мешавад. Дар баробари ин, бояд қайд намуд, ки дар ин ҳолат, чун қоида, шахс аз ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ дар шакли хидматрасонии иҷтимоӣ маҳрум нест, танҳо субъекти уҳдадориҳои татбиқи он тағйир меёбад, ки имкони истифодаи худмуҳофизаткуниро бо вуҷуди камтар маъмул будан ҳамчун шакли ҳимояи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ нишон медиҳад.

И.В. Лагутина ҳангоми омӯзиши шаклу усулҳои ҳифзи ҳуқуқҳои меҳнатӣ ва манфиатҳои қонунии кормандон нишон медиҳад, ки шаклҳои чунин ҳимояро вобаста ба субъекти ваколатдор барои татбиқи усулу воситаҳои пешбининамудаи қонун ба ҳифзи инфиродӣ (худмуҳофизаткунӣ), ҳифзи дастаҷамъӣ, ҳифзи давлатӣ низ метавон тасниф кард [191, с. 8].

Хусусиятҳои ҳифзи инфиродӣ ва давлатии ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ аллакай дар боло мавриди омӯзиш қарор гирифтанд, бинобар ин, дар ин маврид бояд дар бораи ҳифзи дастаҷамъии ҳуқуқи мавриди таҳқиқ истода гузарем.

Чун дар шакли коллективии ҳифзи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ он метавонад бо роҳи намояндагии манфиатҳои шахс аз тарафи иттифоқи касаба амалӣ карда шавад, зеро ҳадафи фаъолияти онҳо намояндагии на танҳо ҳуқуқу манфиатҳои меҳнатӣ, балки ҳуқуқу манфиатҳои иҷтимоию иқтисодии аъзои онҳо, инчунин, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ташкилотҳои динӣ ва ғайрамебошад.

Тавре А.Ю. Гусев дуруст тазаккур медиҳад, аз ҷониби иттифоқҳои касаба ҳимояи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ нисбат ба ҳимояи ҳуқуқҳои меҳнатӣ хеле камтар амалӣ карда мешавад ва ба андешаи ӯ, ин ҳолат аз он сар мезанад, ки кормандон бо муроҷиат ба мақомоти иттифоқи касаба иштибоҳан чунин мешуморанд, ки ин гуна ташкилотҳои дахлдори ихтиёрии ғайритиҷоратӣ фақат ба намояндагӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои меҳнатии коргарон ваколатдоранд [191, с. 127].

Аммо дар асоси муқаррароти қисми якуми моддаи 19-и ҚҶТ «Дар бораи иттифоқҳои касаба» аз 2-юми январи соли 2020 «иттифоқҳои касаба ва иттиҳодияҳои онҳо бо корфармоёни дахлдор, иттиҳодияҳои онҳо ва

мақомоти идоракунии давлатӣ оид ба масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқҳои иҷтимоии аъзои худ, муайян намудани меъёрҳои асосии сатҳи зиндагӣ, андозаи ҷубронпулиҳо вобаста ба болоравии нархҳо, муқаррар намудани ҳаҷми маблағи камтарин барои рӯзгузаронӣ ва вобаста ба индекси нархҳо сари вақт таҷдиди назар кардани музди меҳнат, мукофотпулӣ, кумакпулиҳо, назорати иҷрои ин чорабиниҳо, инчунин оид ба дигар масъалаҳо мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд созишнома ва шартномаҳо банданд» [14].

Бо вуҷуди ин, ба назар мерасад, ки ин муқаррарот барои ҳимояи дастаҷамъонаи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ кофӣ нест, зеро дар он аз ҳуқуқи иттифоқҳои касаба ба ҳимояи ҳуқуқҳои иҷтимоии кормандон гуфта намешавад. Гузашта аз ин, моддаи 16-и қонуни мазкур фақат аз ҳимояи ҳуқуқҳои меҳнатии аъзои иттифоқи касаба сухан рондааст, ки ба назари мо,камбудии ҷиддӣ аст, зеро маълум аст, ки муносибати кормандон ва корфармоён на танҳо дар доираи ҳуқуқҳои меҳнатӣ маҳдуд намешавад, балки дар аксар ҳолат бештар ба ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодии дигар бархӯрд мекунад. Аз ин нуқтаи назар, пешниҳод карда мешавад, ки қисмҳои якум ва дуюми моддаи 16-и ҚҶТ «Дар бораи иттифоқҳои касаба» ба таври зерин таҳрир карда шаванд:

1. Иттифоқҳои касаба ва иттиҳодияҳои онҳо ҳуқуқҳои меҳнатӣ **ва дигар ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодии аъзои худро, ки ба фаъолияти меҳнатии онҳо вобастаанд**, ҳимоя намуда, дар таҳияи сиёсати давлатии шуғли аҳолӣ ширкат варзида, оид ба ҳифзи иҷтимоии шахсоне, ки бинобар ихтисор шудани кор ё тағйир ёфтани шароити меҳнат аз корхона аз кор озод мегарданд, мутобиқи қонунгузории ҶТ, созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ таклифҳо пешниҳод менамоянд.

2. Иттифоқҳои касаба ва иттиҳодияҳои онҳо ҳуқуқҳои меҳнатӣ **ва дигар ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодии шаҳрвандон – аъзои иттифоқи касабаро, ки ба фаъолияти меҳнатии онҳо вобастаанд,** ҳангоми бастан ё қатъ намудани

шартномаи меҳнатӣ ҳифз мекунанд, дар якҷоягӣ бо корфармо шахсони нав ба кор қабулшударо бо мазмуни созишнома ва шартномаи коллективӣ ва ҳуҷҷати таъсисии шахси ҳуқуқӣ шинос менамоянд».

Дар хотима бояд гуфт, ки дар шароити муосир ҳифзи дастаҷамъии ҳуқуқ ба таъмини иҷтимоӣ танҳо дар сурати муроҷиат ба мақомоти салоҳиятдор метавонад самаранок бошад.

## 2.4. Ҳифзи судии ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ: таҳлили қарорҳои вобастаи Суди Конститутсионии ҶТ

Чунонки дар фасли гузашта зикр намудем, яке аз шаклҳои ҳифзи ҳуқуқ ҳифзи судӣ ба шумор меравад. Андешаи Д.Ш. Сангинов дуруст аст, ки «ҳимояи ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон ва шаҳрванд, ки як самти фаъолияти Суди конститутсионии ҶТ буда, инчунин метавонад ҳангоми амалӣ намудани ваколатҳои тибқи қонунҳои конститутсионӣ ва созишномаҳо дар бораи муайян намудани салоҳият ва ваколатҳо байни мақомоти давлатии ҶТ ба ӯ дода шудаанд, амалӣ карда шавад» [99, с. 186]. Аммо бояд тазаккур дод, ки чунин ваколатҳо набояд ба табиати ҳуқуқии Суди конститутсионӣ ва ҳадафи он ҳамчун мақоми судии назорати конститутсионӣ мухолиф бошанд. Дар мавриди хусусиятҳо ва бартариятҳои ин шакли ҳифзи ҳуқуқ андешаҳои баёншударо кофӣ дониста, ин фасли корро ба баррасии вазъи ҷории ҳифзи судии ҳуқуқу озодиҳои иҷтимоӣ дар ҶТ ихтисос медиҳем.

Дар ин маврид мо се қарори Суди конститутсионии ҶТ-ро, ки бевосита ба ҳуқуқҳои иҷтимоии шаҳрвандон марбут буда, баъзе аз мушкилоти ҳуқуқии қонунгузории ҷории соҳаро ошкор мекунанд, баррасӣ менамоем.

Қарори Суди конститутсионии ҶТ аз 28-уми апрели соли 2011 ба масъалаи ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодии инсон ба таҳсил ва меҳнат марбут аст [8].

Мувофиқи он, судяи Суди ноҳияи Рошткалъа Шодиев Ш.Р. дар ҳалли парвандаи «Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев бар зидди

Хубоншоева М.С.» чунин шуморидааст, ки қисми 2-юми моддаи 25-и Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф» ва бандҳои 3 ва 17-уми Низомномаи тақсимот ва ба ҷойи кор таъмин намудани мутахассисони ҷавон (бо Қарори якҷояи мушовараи Вазорати маорифи ҶТ ва Раёсати Кумитаи иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми ҶТ аз 3 декабри соли 2008, №21/8 тасдиқ шудааст) ба қисми 1-уми моддаи 35-и Конститутсияи ҶТ, ки тибқи он «ҳар кас ба меҳнат, интихоби касбу кор, ҳифзи меҳнат ва ҳимояи иҷтимоӣ ҳангоми бекорӣ ҳақ дорад» ва ба қисми 2-юми моддаи 41-и Конститутсия, ки тибқи он «шахс дар доираи муқаррарнамудаи қонун, дар муассисаи таълимии давлатӣ метавонад ба таври ройгон таълими миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ ва олии касбӣ гирад», мухолифат доранд.

Бар илова, ин мақоми судӣ бо назардошти номувофиқ ҳисоб намудани қисми 2-и моддаи қонун ва бандҳои 3 ва 17-и Низомнома ба Конститутсия, онҳоро инчунин ба қисми 1-уми моддаи 23-и Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ва қисми 1-и моддаи 6-уми Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ номутобиқ ҳисоб менамояд.

Тибқи аризаи даъвоии Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев, шаҳрванд Хубоншоева М.С. аз соли 2004 то соли 2009 дарихтисоси омӯзгори фанни химия дар гурӯҳи буҷетӣ таҳсил намуда, маблағи барои таҳсили ӯ сарфшуда 3229 сомонию 01 дирамро ташкил медиҳад. Донишгоҳ Хубоншоева М.С. -ро баъд аз хатм ҳамчун мутахассиси ҷавон бо назардошти талаботи қисми 2-юми моддаи 25-и ҚҶТ «Дар бораи маориф», ки тибқи он «шаҳрвандоне, ки муассисаҳои таълимии давлатиро хатм кардаанд, мувофиқи роҳхати мақомоти дахлдор ва шартномаи тарафайн бояд на камтар аз се сол аз рӯйи ихтисос ҳатман кор кунанд», бо роҳхат барои кор ба ноҳияи Ишкошими ВМКБ фиристодааст.

Донишгоҳ зимни ба кор фиристодани Хубоншоева М.С., инчунин муқаррароти дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маорифро, ки дар асоси

талаботи моддаи зикргардидаи ҚҶТ «Дар бораи маориф» тасдиқ гардидаанд, мавриди татбиқ ва дастрасӣ қарор додааст [8].

Аз ҷумла, тибқи банди 3-и Низомномаи тақсимот ва бо ҷойи кор таъмин намудани мутахассисони ҷавон (бо қарори якҷояи мушовараи Вазорати маориф ва илми ҶТ ва Раёсати Кумитаи иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми ҶТ аз 3-юми декабри соли 2008, №21/8 тасдиқ шудааст), «мутобиқи моддаи 25 ҚҶТ «Дар бораи маориф», қарордоди фаъолияти якҷояи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, муассисаи олии касбии таълимии давлатӣ ва донишҷӯ ба ҷойи кор ҳозир шудан ва на камтар аз 3 сол кор кардан уҳдадории ҳар як мутахассиси ҷавон мебошад (ба истисноии мутахассисоне, ки аз ҳисоби худашон гурӯҳи шартномавиро хатм кардаанд)».

Тибқи банди 17-уми Низомномаи зикршуда, «мутахассисони ҷавоне, ки муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро аз ҳисоби маблағҳои буҷавӣ хатм кардаанд, вазифадоранд, ки тибқи таъйиноти комиссия, роҳхати вазорату идораҳои дахлдор ва қарордоди сеҷониба на камтар аз се сол кор кунанд».

Аммо мувофиқи нишондоди донишгоҳи мазкур Хубоншоева М.С. ба ҷойи кор ҳозир нашудааст. Бинобар ин, донишгоҳ аз Суди ноҳияи Роштқалъаи ВМКБ талаб намудааст, ки маблағи 3229 сомонию 01 дирам аз ҳисоби Хубоншоева М.С. ба фоидаи буҷаи давлат барқарор карда шавад [8].

Дар ҳалномаи худ судяи Суди ноҳияи Роштқалъа менависад, ки «давлат барои шаҳрвандони мамлакат гирифтани таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ ва олии касбиро бе ягон хел шарту шароит ва ба таври ройгон кафолат додааст ва ҳар шаҳрванд дар интихоби касб ва ҷойи кор бо назардошти қобилияти худ озод буда, ягон кас ҳуқуқ надорад онҳоро дар ин масъала маҷбур намояд». Хубоншоева М.С. ҷойи корашро озодона интихоб накардааст ва меъёрҳои мавриди баҳс қарор додашуда ҳуқуқҳои конститутсионии ӯро ба таҳсилоти олӣ ва интихоби касб вайрон намудаанд [8].

Суди конститутсионии ҶТ дар робита ба ин қазия қайд менамояд, ки ҳуқуқ ба меҳнат, интихоби касбу кор ва ҳуқуқ ба таҳсил муҳимтарин ҳуқуқҳои иқтисодию иҷтимоии инсон ва шаҳрванд ба шумор меравaнд. Онҳо омили зарурии инкишофи шахсият ва дар маҷмуъ, ҷомеа ва давлат буда, дар раванди идоракунии захираҳои инсонӣ, иқтидорҳои зеҳнӣ, меҳнатӣ ва қувваҳои истеҳсолкунандаи давлат нақши ҳалкунанда мебозанд ва аз сатҳи ин ҳуқуқҳо рушди иҷтимоии инсон вобастагӣ дошта, вазъи ҷамъиятияш муайян карда мешавад [8].

Ҳуқуқҳои зикршуда дар баробари дигар ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мақсад, мазмун ва татбиқи қонунҳо, фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, инчунин мақомоти худидоракунии маҳаллиро муайян намуда, тавассути ҳокимияти судӣ ҳифз гардида, танҳо дар ҳолатхои пешбининамудаи Конститутсия маҳдуд карда мешаванд.

Конститутсияи ҶТ дар қисми 1-и моддаи 35-ум ба ҳар кас ҳуқуқ ба меҳнат ва интихоби касбу корро кафолат додааст, ки ин талабот аз моддаи 23-и Эъломияи умумии ҳуқуқи башар (аз 10-уми декабри соли 1948) ва қисми 1-и моддаи 6-уми Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ (аз 16-уми декабри соли 1966) сарчашма мегирад.

Муқаррароти моддаи зикршудаи Конститутсия дар Кодекси меҳнати ҶТ, инчунин қонунҳои соҳавӣ ва дигар санадҳои меъёрӣ танзими ҳуқуқии худро ёфтааст.

Кодекси меҳнат бо назардошти муҳим будани ҳуқуқ ба меҳнат ва интихоби касбу кор дар моддаи 3-юм танзими қонунӣ ва шартномавии муносибатҳои меҳнатиро пешбинӣ намуда, дар баробари муқаррар гаштани сатҳи ҳадди ақали ҳуқуқи меҳнатӣ ва кафолатҳо барои кормандон аз тарафи санадҳои қонунгузорӣ ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин аз тарафи созишномаҳои генералӣ, соҳавӣ (тарифӣ), минтақавӣ (вилоятӣ, ноҳиявӣ, шаҳрӣ), шартномаҳои коллективӣ, шартномаҳои (қарордодҳои) меҳнатӣ муқаррар гардидани ҳуқуқ ва кафолатҳои меҳнатиеро, ки дар санадҳои қонунгузорӣ пешбинӣ нагардидаанд, махсус қайд намудааст.

Кодекси меҳнати ҶТ дар моддаи 6-ум ба ҳамаи кормандон татбиқ гаштани амали кодексро муқаррар карда, тавассути қонунҳои соҳавӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ танзим шудани меҳнати гурӯҳҳои алоҳидаи кормандонро низ сарфи назар накардааст ва муқаррар менамояд, ки «…сатҳи умумии ҳуқуқ ва кафолатҳои меҳнатӣ набояд аз сатҳи муқаррарнамудаи кодекси мазкур пасттар бошад» [3].

Бо ин назардошт, масъалаҳои вобаста ба фаъолияти касбӣ ва меҳнатии гурӯҳҳои алоҳидаи кормандон тавассути қонунҳои соҳавӣ, аз ҷумла ҚҶТ «Дар бораи маориф», Низомномаи тақсимот ва бо ҷойи кор таъмин намудани мутахассисони ҷавон ва дигар санадҳои ҳуқуқии соҳаи маориф на камтар аз сатҳи умумии ҳуқуқ ва кафолатҳои меҳнатии пешбининамудаи Кодекси меҳнат мавриди танзими ҳуқуқӣ қарор мегиранд.

Тибқи муқаррароти банди 17-и моддаи 15-уми Кодекси меҳнати ҶТ дар ташкилот баробари дигар кормандон «мутахассисони ҷавон – шахсоне, ки ба ташкилот баъд аз хатми мактабҳои олӣ ва миёнаи махсус аз рӯйи роҳхати муассисаҳои мазкур ба кор қабл шудаанд», низ фаъолият менамоянд. Қонунгузор бо назардошти вазъи махсуси ҳуқуқии мутахассисони ҷавон дар банди 7-и моддаи 4-уми Кодекси меҳнати ҶТ пешбинӣ менамояд, ки «давлат… муҳайё намудани кори мувофиқро ба муҳлати на камтар аз се сол барои мутахассисони ҷавон – хатмкунандагони муассисаҳои таълимии давлатӣ, ки бо дархости ташкилот ба кор омадаанд, кафолат медиҳад» [8].

Давлат, ҳамчунин бо назардошти вазъи ҳуқуқии мутахассисони ҷавон ин гурӯҳи меҳнатиро аз санҷишҳо ҳангоми қабул ба кор ва хизмати давлатӣ, аз озмунҳо барои ишғоли мансабҳои маъмурии хизмати давлатӣ, гузаштан аз аттестатсияҳо дар солҳои аввали фаъолияти меҳнатӣ ва дигар масъулияти меҳнатӣ озод намудааст.

Мутахассисони ҷавон бо вазъи ҳуқуқии худ аз дигар гурӯҳҳои меҳнатӣ бо ғамхории давлат оид ба сари вақт ба кор фаро гирифта шудани онҳо, дастгириҳои руҳию маънавӣ, фароҳам овардани шароит барои муътадил

ворид шудани онҳо ба фазои меҳнатию ҳуқуқӣ, коллективҳо ва ҷамъиятҳои меҳнатӣ ва дигар имтиёзҳои модӣ фарқ мекунанд.

Давлат ин амалро тавассути дархостҳои мақомоти дахлдори давлатӣ, роҳхатҳо ба кор ва фармоишҳои давлатӣ ба нақша гирифта, идоракунии стратегии захираҳои инсонӣ ва қувваҳои истеҳсолкунандадаро дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ ва минтақаҳои гуногуни маъмурию географӣ амалӣ менамояд.

Суди конститутсионӣ қайд менамояд, ки ҳуқуқ ба таълими сатҳи гуногун, аз ҷумла таълими олии касбӣ эълондоштаи қисми 2 ва умуман моддаи 41-уми Конститутсияи ҶТ, ки аз моддаи 26-умиЭъломияи умумии ҳуқуқи башар ва моддаи 13-уми Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ сарчашма мегирад, аз зумраи он ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд мебошад, ки амалӣ намудани онҳо аз мавҷудияти як қатор омилҳо, аз ҷумла ташаккули шахсият, инкишофи зеҳнӣ ва ақлонӣ, ҷиҳатҳои касбию донишандӯзӣ, маърифати шахсӣ, қобилият ва истеъдоди ҳар як шахс вобастагӣ дорад. Ҳар як шахс ҳуқуқи таълими олии касбӣ дорад, аммо дастрасӣ ба он доштани таълими умумии асосӣ (шаҳодатнома), саломатии барои тахассус имконпазир, (маълумотномаи зарурии тиббӣ), супоридани имтиҳону санҷишҳои давлатии дохилшавӣ, риояи тартиботи дохилии муассисаи таълимӣ ва дигар ҳолатҳоро тақозо менамояд [8].

Конститутсия гирифтани таълими сатҳи гуногун, аз ҷумла таълими олии касбиро ба таври ройгон аз ҳисоби буҷаи давлатӣ кафолат дода, ҳамзамон шаклҳои дигари таълимро низ сарфи назар накардааст. Бо ин назардошт, давлат барои соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ аз ҳисоби буҷаи давлатӣ ба таври ройгон мутахассисони ҷавонро тайёр намуда, ба ҷойи кор таъмин кардани онҳоро дар асоси фармоишҳои давлатӣ ба роҳ мемонад. Ин фаъолияти мақсаднок, нақшавӣ ва стратегӣ маҳсуб гардида, талабот, ниёзмандӣ ва имкониятҳои иқтисодию молиявии давлат ва дар маҷмуъ, бозори меҳнатро ба кадрҳои гуногуни ҳоҷагии халқ инъикос менамояд.

Ҳамин тариқ, давлат захираҳои меҳнатиро, ки аз ҳисоби мутахассисони ҷавон пурра ва нав карда мешавад, дар доираи Конститутсия, талаботи санадҳои қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ идора менамояд. Ҳамзамон, барои мутахассисони аз ҳисоби худашон гурӯҳҳои шартномавии муассисаҳои таълимии давлатӣ ва ғайридавлатиро хатм карда, тартиботи дигари ҳуқуқӣ муайян шуда, онҳо дар интихоби касбу фаъолият ва ҷойи кор озод мебошанд.

Тартиботи ҳуқуқии муқаррарнамудаи давлат, ки танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла муносибатҳои меҳнатӣ мебошад, дар ҳеҷ ҳолат ба маҳдуд кардани ҳуқуқи шаҳрвандон ба меҳнат, интихоби озоди касбу кор ва гирифтани таълими олии касбӣ нигаронида нашудааст, зеро қонунгузорӣ интихоби озодонаи шаклҳои таълимро, ки ҳар кадоме дорои оқибатҳои ҳуқуқии ба худ хос мебошанд, ба шаҳрвандон вогузор кардааст. Шаҳрвандон ин ё он шакли таълимро (ройгон ё пулакӣ) ихтиёран интихоб намуда, аз оқибатҳои ҳуқуқии ин шаклҳо, чӣ дар давраи таҳсил ва баъд аз он, бархурдор мебошанд, яъне интихоби шакли таҳсил интихоби оқибатҳои ҳуқуқии он низ ба шумор меравад. Боиси зикр аст, ки интихоби шакли таълим дар баробари қобилият, истеъдод ва дигар хусусиятҳои зеҳнию ақлонии шаҳрвандон, инчунин аз имкониятҳои молиявию модии шаҳрвандон низ вобастагӣ дорад.

Ҳамин тариқ, давлат ҳуқуқи шаҳрвандонро ба меҳнат, интихобу касбу кор ва таҳсил тавассути ба роҳ мондани низоми ташаккулёфтаи меҳнат ва маориф, инчунин шароити дахлдори сиёсӣ ва иҷтимоиву иқтисодӣ таъмин менамояд. Дар навбати худ, дар асоси фармоиши давлатӣ ва роҳхат ба кор фиристодани хатмкардагони муассисаҳои таълимии миёнаи касбӣ ва олии касбии соҳаи маориф барои ба амал баровардани ҳуқуқҳои конститутсионии ҳазорон нафар шаҳрвандони мамлакат, ки аз чунин ҳуқуқ бархурдоранд, равона карда шудааст.

Бинобар ин, Суди конститутсионӣ чунин мешуморад, ки қисми 2-и моддаи 25-уми ҚҶТ «Дар бораи маориф» ва бандҳои 3 ва 17-и Низомномаи

тақсимот ва ба ҷойи кор таъмин намудани мутахассисони ҷавон ба қисми 1-и моддаи 35-ум ва қисми 2-и моддаи 41-уми Конститутсияи ҶТ мутобиқ мебошанд [8].

Бар иловаи ин, Суди конститутсионӣ чунин мешуморад, ки Вазорати маорифи ҶТ-ро зарур аст, то механизми бастани қарордоди фаъолияти якҷояи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, муассисаи олии касбии таълимии давлатӣ ва донишҷӯро пеш аз ба таҳсил оғоз намудани донишҷӯёни муассисаҳои таълимии мамлакат таҳким бахшида, интишори расмӣ ва мавриди амал қарор додани Низомномаи тақсимот ва ба ҷойи кор таъмин намудани мутахассисони ҷавонро таъмин намояд [8].

Қарори дигари Суди конститутсионии ҶТ аз 8-уми декбари соли 2017 ба масъалаи ҳуқуқи иҷтимоии инсон ба нафақа марбут аст [9].

Ба андешаи муроҷиаткунандагон, сархати чоруми қисми 4-и моддаи 59-уми ҚҶТ «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» ва сархати якуми фармоиши Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандонро ба нафақа маҳдуд мекунад.

Суди конститутсионӣ дар робита ба дархости мазкур тамоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии вобаста ба қазияро баррасӣ намуда, ҳамчунин бо таваҷҷуҳи махсус ин нукта, ки ҳуқуқи конститутсионии ҳар як шахс ба нафақа муҳимтарин ҷузъи таъмин сохтани шароити арзандаи зиндагӣ дар сиёсати давлати иҷтимоӣ бояд бошад, Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаро муваззаф месозад, ки сархати якуми фармоиши худро ба талаботи ҚҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мутобиқ гардонад.

Ҳамчунин, дар ин қарор Суди конститутсионӣ чунин изҳори андеша мекунад, ки дар бартараф намудани мушкилоти вобаста ба ҳолати татбиқи суғуртаи ҳатмии нафақаи касбӣ ва механизми татбиқи ҚҶТ «Дар бораи суғуртаи ҳатмии нафақавии касбӣ», ки дар масъалаи андӯхтҳоинафақаи касбӣ ба миён омадаанд, Ҳукумати ҶТ ва Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва

нафақаи назди Ҳукумати ҶТ вазифадоранд ва бояд дар ин самт чораҳои таъхирнопазирро роҳандозӣ кунанд.

Қарори навбатии Суди конститутсионии ҶТ аз 28-уми марти соли 2013 ба масъалаи ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон ба меҳнат ва фаъолияти соҳибкорӣ марбут аст [7].

Ба андешаи муроҷиаткунанда Тӯраев М.М., банди 4-и Қоидаҳои гузаронидани аттестатсия ва бақайдгирии намояндагони патентии ҶТ аз 9-уми июни соли 2009, №25 ва тағйироти ба он аз 25-уми сентябри соли 2012, №92 воридкардашуда, ки аз ҷониби Муассисаи давлатии «Маркази миллии патенту иттилоот»-и Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҶТ қабул шудааст, ҳуқуқҳои конститутсионии ӯро ба меҳнат (қисмҳои якум ва дуюми моддаи 35-и Конститутсияи ҶТ) поймол ва маҳдуд месозад, чунки моддаи 35-уми Конститутсия муқаррар месозад, ки ҳар кас ба меҳнат ва интихоби касбу кор ҳақ дошта, дар муносибатҳои меҳнатӣ ҳама гуна маҳдудиятҳо манъ мебошанд. Дар банди 4-и қарори зикршуда гуфта мешавад, ки «хизматчиёни Муассисаи давлатии «Маркази миллии патенту иттилоот» дар давоми як соли аз кор озод шудан ҳуқуқ надоранд аз аттестатсия гузашта, ба Феҳристи намояндагони патентии ҶТ ба қайд гирифта шаванд».

Суди конститутсионии ҶТ дар баррасии ин масъала ба кафолати давлатии фаъолияти озоди соҳибкорӣ ҳамчун муҳимтарин дастоварди сиёсию иҷтимоӣ ва ҳуқуқию иқтисодии ҶТ муроҷиат мекунад.

Дарвоқеъ, чунин кафолатаз он воқеият сарчашма мегирад, ки иқтисодиёти ҶТ аз шаклҳои гуногуни моликият ташаккул ёфта, илова бар ин, дар масъалаи ҳифзу ҳимояи ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусӣ шаҳрвандон ҳуқуқи баробар доранд. Бидуни амалисозии ин кафолат бунёди давлати воқеан иҷтимоӣ ва ташкили иқтисоди бозаргоние, ки тавонад дар муносибатҳои байналмилалии иқтисодӣ рақобатпазир бошад, ғайриимкон мебошад.

Ба андешаи СК ҶТ, пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ маънои озод будани соҳибкориро дорад, яъне ин гуна фаъолият аз ҷумлаи ҳуқуқҳои бунёдӣ ва аҳаммиятноки иқтисодии инсон ва шаҳрванд, бар илова ҷузъи аслии принсипи конститутсионии озодии иқтисодӣ ва болотар аз ин, имконияту василаи татбиқи ҳуқуқи конститутсионии инсон ва шаҳрванд ба меҳнат маҳсуб меёбад.

Ҳамин тавр, бо таҳлилу баррасии санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба ин мавзуъ, аз ҷумла ҚҶТ аз 10-уми майи соли 2002, № 46 «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»,ҚҶТ «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» ва Кодекси мадании ҶТ Суди конститутсионӣ чунин мешуморад, ки ҳуқуқи шахс ба фаъолияти соҳибкорӣ, ки аз ҳуқуқи шахс ба меҳнат маншаъ мегирад, ба гурӯҳи иқтисодии ҳуқуқҳои конститутсионии инсон мансуб буда, наметавонад ба ҳеҷ ваҷҳ ва асос маҳдуд карда шавад ва ба сиёсати иқтисодӣ ва иҷтимоии пешгирифтаи давлат асос меёбад [7].

СК ҶТ шарҳу тафсирҳои худро дар робита ба меъёрҳои як қатор санадҳои милливу байналмилалии дахлдор, аз ҷумла Конститутсияи ҶТ, ҚҶТ «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», Эъломияи Созмони умумиҷаҳонии меҳнат «Дар бораи принисипҳои асосӣ ва ҳуқуқӣ дар соҳаи меҳнат ва механизми амалишавии он», Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, Кодекси меҳнати ҶТ идома дода, дар қарори худ эътироф мекунад, ки банди 4-уми Қоидаҳои гузаронидани аттестатсия ва бақайдгирии намояндагони патентии ҶТ аз 9-уми июни соли 2009, №25 ва тағйироти ба он аз 25-уми сентябри соли 2012, №92 воридшуда ба қисми дуюми моддаи 12 ва қисмҳои якум ва дуюми моддаи 35-уми Конститутсияи ҶТ мутобиқат надорад [7].

Бинобар ин, Суди Конститутсионии ҶТ аз Ҳукумати ҶТ дархост мекунад, ки дар як қонуни алоҳида фаъолияти муассисаи давлатии «Маркази миллии

патенту иттилоот»-ро танзим намуда, масъалаҳои вобаста ба аттестатсия ва бақайдгирии намояндагони патентии ҶТ-ро ба низом даровард, зеро Маркази миллии патенту иттилоот аз ваколатҳои густурдае бархӯрдор аст, ки аҳаммияти давлатию ҷамъиятӣ доранд [7].

Ҳамин тавр, таҳлили ҳимояи судии ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодии инсон дар ҶТ чанд нуқтаи муҳимро бозгӯ мекунад:

Аввалан, ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳо шакли муассири ҳимоя буда, аз як тараф, ба барқарор кардани ҳуқуқҳои поймолшуда, аз тарафи дигар, ба мукаммал гардидани санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунанда мусоидат мекунад. Ҳамчунон, ҳимояи судӣ нишон медиҳад, ки бо вуҷуди кафолати ҳуқуқу озодиҳои иҷтимоиву иқтисодӣ дар сатҳи конститутсионӣ баъзе аз санадҳои қонунгузорӣ на танҳо таъмин ва амалисозии ин ҳуқуқҳоро дар сатҳи зарурӣ ба роҳ намемонанд, балки дар баъзе ҳолатҳо бо сабабҳои ихтилофот бо ҳамдигар ва ё муқаррароти конститутсионӣ дар роҳи таъмин ва ҳимояи ҳуқуқҳои марбутамонеа эҷод мекунанд. Ин ҳолат дубора зарурати омӯзиши саривақтӣ ва такмили мунтазами қонунгузориро баён мекунад.

## 2.5. Асосҳои ҳуқуқӣ ва принсипҳои маҳдудсозии ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон

Кафолатҳои ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, андоза, воқеият, иҷрошавандагии онҳо на танҳо вазъи воқеию ҳуқуқии шахсро дар ҷомеа, балки моҳияти демократияи дар кишвар мавҷудбуда ва имкониятҳои иҷтимоии хоси ҷомеаро ифода мекунанд. Онҳо нишондиҳандаи камолоти ҷомеа ва дастовардҳои он мебошанд, зеро қонунгузорӣ давлат ва мақомоти онро уҳдадор сохтааст, ки ҳуқуқ ва озодиҳои инсонро кафолат диҳанд ва таъмин кунанд.

Дар навбати худ ҷомеа аз давлат тақозо мекунад, ки механизмҳои муассир ва мукаммали ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсонро фароҳам созад, зеро имрӯз таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва миллӣ, давлатӣ ва ғайриҳукуматӣ ба мушкилоти таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон нигаронида

шудааст.

Муқаррар кардани принсипҳо ва асосҳои маҳдудсозии ҳуқуқу озодиҳои инсон дар Конститутсия ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар навбати худ ҳамчун механизмҳои ҳифзи онҳо баромад мекунад. Аз ин рӯ, давлат ҳамчун кафили асосии ҳуқуқи инсон дар сатҳи конститутсионӣ имкони маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсонро муқаррар менамояд ва тартиби ҳуқуқии алоҳида ва асосҳои татбиқи чунин маҳдудсозиро пешбинӣ мекунад. Дар ҳуқуқи байналмилалӣ як қатор санадҳои ҳуқуқӣ мавҷуданд, ки чунин имкониятро муайян намуда, марзҳои маҳдудсозӣ ва рӯйхати мукаммали шартҳоро барои он муайян мекунанд. Бо назардошти ин, дар фаъолияти мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипҳои маҳдудсозии қонунии ҳуқуқу озодиҳои иҷтимоиву иқтисодии инсон дар ҷомеаи муосири демократӣ, ки дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва Конститутсияи кишварамон ифода ёфтаанд, аҳаммияти бештари амалӣ пайдо мекунанд.

Маҳдудсозии ҳуқуқӣ оид ба татбиқи ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодии инсон дахолатҳои иҷозатдодашуда мебошанд, ки ба маҳдуд кардани мундариҷа ё тағйир додани доираи ҳуқуқҳое нигаронида шудааст, ки набояд ба шахс зарар расонанд, балки бояд манфиатҳои иқтисодии инфиродиву ҷамъиятиро мутаносиб созанд, дар асосҳои пешбининамудаи қонун амалӣ карда мешаванд. Инчунин, муқаррар намудани манъ, уҳдадорӣ, масъулият, идора ва назорати иҷрои онҳо аз ҷониби мақомоти давлатӣ вобаста ба зарурати ҷамъиятии ҳифзи арзишҳои конститутсионӣ ва таъмини манфиатҳо иборат аст. Ин андешаро ҳуқуқшиносони тоҷик Д.С. Раҳмон ва П.А. Исозода ҳам дастгирӣ намуда, менависанд, ки «вақте ки сухан дар бораи маҳдудияти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд меравад, онро набояд ҳамчун аз мақоми ҳуқуқӣ маҳрум кардани шахсият маънидод кард» [163, с. 48-63].

А.М. Диноршоҳ маҳдудсозии ҳуқуқ ва озодиҳои инсонро «механизмҳо, усулҳо ва воситаҳои зарурӣ ва асосие, ки талаботи ахлоқию меъёрӣ дошта, барои таъмини инсондӯстӣ, баробарӣ, ҳамдигарфаҳмӣ ва нигоҳ доштани

ҳудуди озодии одамон пешбинӣ шудаанд» [143, с. 35] дониста, комилан дуруст тазаккур медиҳад, ки «меъёрҳои маҳдудкунии ҳуқуқу озодиҳои дар қонунгузории конститутсионӣ ва соҳавӣ мавҷудбуда хусусияти абстрактӣ дошта, аломатҳои вижаи мушаххасеро надоранд ва ин боиси тафсирҳои гуногун ва дар натиҷа поймолшавии ҳуқуқи инсон мегардад» [143, с. 39].

Конститутсияи ҶТ як амри ҳатмиро дар бар мегирад, ки маҳдуд кардани мундариҷа ва доираи ҳуқуқу озодиҳои инсон, аз ҷумла ҳуқуқу озодиҳои иҷтимоиву иқтисодиро манъ мекунад. Ба андешаи А.Х. Юсуфов, ки асосҳои конститутсионии маҳдудсозии ҳуқуқу озодиҳои инсон дар ҳолатҳои фавқулодаро мавриди пажуҳиш қарор додааст, «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бар хилофи Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, ҳуқуқ ба озодии виҷдон, андеша ва динро ҳамчун ҳуқуқҳои мутлақ муайян накардааст, яъне инҳо дар вазъияти фавқулода маҳдуд карда намешаванд. Ин ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла кормандони мақомоти корҳои дохилӣ имконият фароҳам меорад, ки чунин ҳуқуқу озодиҳоро бо салоҳдиди худ тафсир кунанд ва дар натиҷа метавонад боиси маҳдудкунии ғайриқонунии он гардад» [212, с. 9].

Маҳдудсозии ҳуқуқии татбиқи ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодӣ бо афзоиши салоҳияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, худидоракунии маҳаллӣ ва шахсони мансабдор алоқаманд аст. Дар ин маврид мақомоти давлатӣ бояд ҳудуди маҳдудсозии ҳуқуқи инсонро, ки қонун муайян кардааст, бидуни вайрон кардани моҳияти ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ риоя намоянд.

Рушди фаъолонаи муносибатҳои ҷамъиятӣ бо афзоиши соҳаҳои мухталифи ҳаёт, ки ҳукумат ба онҳо дахолати мушаххас дошта, онҳоро танзим мекунад, ҳамзамон сурат мегирад. Дар ин маврид шахс давлатро на танҳо субъекти таъминкунандаи амният, балки ҳамчун манбаи эҳтимолии таҳдиди дахолат ба ҳуқуқу озодиҳои худ медонад [170, с. 39-45].

Алоқаи давлат ва ҷамъият ҳар қадар мустаҳкамтар бошад ва ё манфиатҳои давлатӣ бо манфиатҳои шахсии шаҳрвандон ҳар қадар зичтар ба

ҳам бипайвандад, дар байни онҳо ҳамон қадар ҳолатҳои зиддиятнок ба вуҷуд меоянд ва нақши кафолатҳои таъмини ҳуқуқҳои асосии инсон дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт ҳамон қадар зиёд мегардад. Аҳаммияти ин ду ҳолатро набояд нодида гирифт, зеро онҳо имкони кам кардани ҳолатҳои баҳсбарангезро, ки аз муқаррар кардани маҳдудият ё дахолат ба ҳаёти инсон, аз ҷумла ҳангоми қабул ё татбиқи санадҳои ҳуқуқӣ ба миён меоянд, коҳиш медиҳанд.

Вобаста ба ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ин гуна ҳолатҳо моҳияти даврай (такрорӣ) доранд, чунки шахс ҳуқуқи худро дар ин соҳа ба таври доимӣ татбиқ намуда, танзими бевоситаи давлатиро талаб мекунад. Бо назардошти ин моҳият, низоми муносибатҳои ҳуқуқиро вобаста ба маҳдудсозии ҳуқуқу озодиҳои иҷтимоиву иқтисодии инсон метавон чунин баррасӣ кард:

– субъектҳои маҳдудсозӣ, ки аз як ҷониб, истифодабарандагони ҳуқуқ, соҳибони ҳуқуқ қарор доранд ва аз ҷониби дигар, тарафи уҳдадор, яъне давлат;

– объектҳои маҳдудсозӣ – ҳуқуқуозодиҳои иҷтимоиву иқтисодие, ки маҳдудсозии онҳо амалӣ гардидааст;

– мазмуни ҳуқуқӣ ва воқеии чунин муносибатҳои ҳуқуқӣ.

Аз назарияи давлат ва ҳуқуқ маълум аст, ки мазмуни ҳуқуқии ҳама гуна муносибатҳои ҳуқуқӣ, ки дар ин ҳолат аз маҳдуд кардани ҳуқуқҳои иҷтимову иқтисодӣ бармеояд, бояд ҳамчун ҳуқуқи субъективӣ ва уҳдадории қонунии соҳибони ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ оид ба талаб кардани таъмин, бемамониат амалӣ сохтан ва ҳимояи ҳуқуқҳо, инчунин ҳуқуқи субъективӣ ва уҳдадории қонунии мақомоти давлатӣ ё шахсони мансабдор оид ба муқаррар намудани маҳдудсозии қонунӣ тибқи меъёрҳои қонунгузорӣ баррасӣ карда шавад [54, с. 148].

Мазмуни воқеии чунин муносибатҳои ҳуқуқӣ, чунонки Р.Ш. Шарофзода қайд кардааст, «амали субъектҳо дар доираи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ба онҳо додашуда» [103, с. 457] мебошад. Дар ин ҷо маҳдудсозии ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодии инсон аз ҷониби тарафи уҳдадор сурат мегирад ва он метавонад

қонунӣ ва қобили қабул ё ғайриқонунӣ эътироф гардад.

Санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расонидааст, ҳуқуқи давлатро барои дахолат ба амалисозии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон муқаррар намуда, доираи онҳоро муайян мекунанд [154, с. 67-71]. Дар амал чунин ҳуқуқ бо роҳи муқаррар намудани маҳдудиятҳо, истисноҳо, шартҳо, гузаштҳо, манъ ва ҳамчунин уҳдадор кардан ифода меёбад. Дар моддаи 4-уми Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ аз соли 1966 истилоҳи «гузашт» истифода мешавад, ки маънои даст кашидан аз чизе ба манфиати касе ё дур шудан аз чизи муқаррар ё қабулшударо дорад. Дар моддаи 15-уми Конвенсияи аврупоӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосӣ аз соли 1950 мафҳумҳои «гузашт» ва «маҳдудсозӣ» истифода шудаанд [29].

Дар Эъломияи умумии ҳуқуқи башар аз соли 1948 меъёрҳои маҳдудсозии ҳуқуқи инсон муайян карда шудаанд, яъне «ҳар кас ҳангоми амалисозии ҳуқуқ ва озодиҳои худ ба чунин маҳдудиятҳое дучор мешавад, ки қонун танҳо бо мақсади эътирофи зарурӣ ва эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои дигарон ва таъмини талаботи одилонаи ахлоқ, тартиботи ҷамъиятӣ ва некуаҳволии умумӣ дар ҷомеаи демократӣ муқаррар кардааст» [43]. Меъёрҳои шабеҳ дар Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ аз соли 1966 низ оварда шудаанд.

Бо назардошти ин меъёрҳо метавон таснифи зерини маҳдудиятҳои ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодиро амалӣ намуд:

– аз рӯйи давомнокӣ: дарозмуддат ё муваққатӣ;

– аз рӯйи шароити амал: дар ҳолатҳои маъмулӣ ё дар ҳолатҳои амал кардани низоми махсус;

– барои субъектҳо: шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ;

– аз рӯйи доираи амал: ҳуқуқи ҷамъиятӣ ё хусусӣ;

– аз рӯйи доираи шахсон: инфиродӣ ё коллективӣ;

– аз рӯйи марзбандӣ: давлатӣ ё минтақавӣ;

– вобаста ба вазъи сиёсии субъекте, ки маҳдудиятҳоро амалӣ

мегардонад: давлатӣ (умумиҷаҳонӣ, байнидавлатӣ, дохилидавлатӣ) ё ҷамъиятӣ;

– аз рӯйи натиҷаҳо: мусбат ё манфӣ;

– аз рӯйи намуди ҳуқуқҳо: иқтисодӣ ё иҷтимоӣ;

– аз рӯйи дараҷаи асоснокии иҷтимоӣ: комилан асоснок, ба таври нокифоя асоснок;

– аз рӯйи сабабҳое, ки ба миён омадаанд: молиявӣ, иқтисодӣ ва дигар сабабҳо.

Албатта, ин меъёрҳо шартӣ мебошанд, зеро маҳдудияти мушаххаси ҳуқуқӣ хусусиятҳои худро дорад, ки наметавонанд ба таври комил ва бидуни қайду шарт ба ин меъёрҳо дохил шаванд. Масалан, дар Конвенсияи аврупоӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосӣ дар соли 1950 танҳо се меъёри маҳдудияти ҳуқуқу озодиҳои инсон, аз ҷумла иҷтимоиву иқтисодӣ нишон дода шудааст:

1) ҳангоми вазъияти фавқулода ва ё ҷанг (моддаи 15-уми Конвенсия);

2) вобаста ба фаъолияти сиёсии хориҷиён (моддаи 16-уми Конвенсия);

3) бо мақсади манъи сӯистифода аз ҳуқуқҳо (моддаи 17-уми Конвенсия) [29].

Дар доктринаи конститутсионӣ ва ҳуқуқии санадҳои байналмилалӣ ду роҳи маҳдуд кардани ҳуқуқҳои инсон, махсусан ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ вуҷуд дорад [76, с. 321]. Усули якум аз асосҳои маҳдудиятҳои конститутсионӣ ва ҳуқуқӣ иборат аст, масалан, банди сеюми моддаи 14-уми Конститутсияи ҶТ чунин муайян мекунад: «Маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд танҳо ба мақсади таъмини ҳуқуқ ва озодии дигарон, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи асосҳои сохтори конститутсионӣ, амнияти давлат, мудофиаи мамлакат, ахлоқи ҷомеа, сиҳатии аҳолӣ ва тамомияти арзии ҷумҳурӣ раво дониста мешавад» [1].

Ба ибораи дигар, ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодии инсон танҳо дар ҳамон ҷойе маҳдуд карда мешаванд, ки ҳуқуқҳо ва манфиатҳои шахсии шахси дигар он ҷо амалӣ мешаванд. Дар ин ҳолат уҳдадорӣ – аз ҳуқуқи худ суиистифода

накардан, ба миён меояд [130, с. 83-86].

Бо назардошти гуфтаҳои боло, зарур аст, ки ба аҳаммияти муайян намудани принсипҳое, ки новобаста аз усул, талаботи бунёдӣ барои муносибатҳои якхела ба татбиқи маҳдудсозии ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон мебошанд, таваҷҷуҳи зарурӣ дода шавад.

Принсипҳои маҳдуд кардани ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодии инсон барои таъмини амали бемамониати ин ҳуқуқҳо замина гузошта, робитаҳои муҳимми байни давлат ва шахсро дар ҷараёни маҳдудсозии ҳуқуқҳои инсон инъикос мекунанд.

Ягона принсипи умумибашарие, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст, принсипи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба воситаи Конститутсия, қонунҳои ҷумҳурӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки аз тарафи Тоҷикистон эътироф шудаанд, мебошад (банди 1-и моддаи 14-уми Конститутсияи ҶТ) [1]. Ин принсипро наметавон ҳамчун амри қатъӣ пазируфт, зеро Конститутсияи ҶТ рӯйхати мукаммали асосҳоро ҳангоми иҷозат додани маҳдудияти ин ҳуқуқ ва озодиҳои инсон пешбинӣ мекунад.

Дар амал ҳангоми маҳдуд кардани ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ чунин принсипҳои аз тарафи умум эътирофгардида истифода мешаванд: қонунӣ будан, зарурӣ будан, ба мақсад мувофиқ будан, асоснок будан ва мутаносиб будан. Ба андешаи мо, бояд ҳамеша амалияи муқарраршудаи принсипҳои маҳдудкунии ҳуқуқу озодиҳои муайян, аз ҷумла иҷтимоиву иқтисодиро ба назар бояд гирифт [139, с. 102-109]. Масалан, омӯзиши таҷрибаи Суди аврупоӣ имкон медиҳад, ки принсипҳои аз ҷониби ин ниҳод қабулшудаи маҳдудсозии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба гурӯҳҳои зерин ҷудо карда шаванд:

1. Принсипи фаҳмиши ягонаи ҳадду сарҳадҳои маҳдудсозӣ (муайянӣ, возеҳият ва фаҳмо будан).

Конститутсияи ҶТ муайян кардааст, ки тибқи принсипи муайяни ҳуқуқӣ маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон ва шаҳрванд, инчунин

татбиқи амалии ин маҳдудиятҳо иҷозат дониста мешавад, ба шарте ки татбиқи меъёрҳои ҳуқуқие, ки чунин маҳдудиятҳоро муқаррар кардаанд, пешбинишаванда бошанд;

2. Принсипи қонунияти маҳдудсозии ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ маънои онро дорад, ки маҳдудиятҳо бояд танҳо дар асосҳои муқаррарнамудаи қонун ва танҳо дар ҳолатҳои истисноӣ сурат гиранд. Усулу воситаҳои чунин маҳдудсозӣ аз ҷониби қонунгузор ҳатман бояд муайян шуда бошанд, чунки маҳдудиятҳоро ҳам бо усули императивӣ ва ҳам бо усули тобеӣ бо роҳи муқаррар намудани мамнуият ё тартиби махсуси амалисозии ҳуқуқи муайян ё аз мазмуни он маҳрум кардани ваколатҳои муайян амалӣ кардан мумкин аст;

3. Принсипи зарурат маънои онро дорад, ки зарурати фаврӣ (истисноӣ ва муваққатӣ) барои муқаррар кардани ҳудуди амалисозии ҳуқуқи субъективӣ, ки бо манфиатҳои ҷамъиятӣ муайян карда мешавад, вуҷуд дошта бошад. Муҳим аст, ки ин принсип дахолати аз ҳад зиёд ба ҳуқуқи инсонро ба вуҷуд наорад ва оқибатҳои он пешбинӣ шуда бошанд;

4. Принсипи мақсаднокӣ маънои онро дорад, ки маҳдудкунӣ бояд ҳадаф (мақсаднокӣ) дошта бошад, ки аз ҷумлаи он ҳифзи арзишҳои аз ҷониби умум эътирофшуда, дастгирии амнияти давлатӣ ва монанди инҳо, ки дар моддаи 14-уми Конститутсияи ҶТ муқаррар шудаанд, мебошад. Бояд ба ин нукта таваҷҷуҳ карда шавад, ки ҳар гуна дахолат ба ҳуқуқи инсон, ки хилофи талаботи мутаносибӣ сурат мегирад, ҳатто агар ҳадафи қонунӣ дошта бошад ҳам, бешубҳа, боиси лағв ё маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон мегардад;

5. Принсипи асоснокӣ маънои онро дорад, ки асосҳо ва сабабҳои боварибахши маҳдудсозӣ бояд ба таври кофӣ асоснок бошанд;

6. Принсипи мутаносибӣ маънои онро дорад, ки чораҳои аз ҷониби давлат барои маҳдуд кардани ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ андешидашуда бояд ба ҳадафи қонуние, ки тавассути ҷорӣ кардани чунин маҳдудсозӣ ба даст меояд, мутаносиб бошанд. Дар хотир доштан муҳим аст, ки маҳдудсозӣ набояд аз ҳадаф сахттар ва аз чораҳои зарурӣ зиёдтар бошад;

7. Принсипи мувофиқ будани замон, яъне ҳадаф бояд ба фаъолияти давлат ва фарҳанги ҳоким дар ҷомеа барои таъмини қонунмандӣ, қонунгузорӣ ва маҳдудсозии қонун дар замони муайян мувофиқ бошад. Маҳдудсозӣ наметавонад таъсири муқобил дошта бошад.

Ҳамчунин, ба андешаи П.А. Исозода, дар маҳдудсозии ҳуқуқу озодиҳо бояд се шарти асосӣ риоя карда шавад:»1. Маҳдудиятҳо бояд дар қонун пешбинӣ шуда бошанд. 2. Маҳдудиятҳо бояд мақсадҳои қонуниро пайгирӣ намоянд. 3. Ин маҳдудиятҳо дар ҷамъияти демократӣ зарур бошанд» [142, с. 211].

Вобаста ба принсипҳои дар боло зикршуда бояд ин нуқтаҳои муҳимро ба назар гирифт, ки маҳдуд кардани доираи мазмун ва ҳаҷми ҳуқуқу озодиҳои мавҷудаи конститутсионии инсон ва шаҳрванд навъи хатарноки маҳдудсозӣ аст. Аз ҳамин ҷост, ки қонунҳои қабулшудаи миллӣ ва байналмилалӣ тибқи меъёрҳои зерин маҳдудиятсозиро муқаррар мекунанд: маҳдудиятҳо барои татбиқи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд худсарона ва беадолатона буда наметавонанд, онҳо бояд танҳо бо Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шаванд, ҳадафи қонунӣ дошта, бо эҳтиёҷоти иҷтимоии ноил шудан ба ин ҳадаф мутаносиб ва асоснок бошанд. Дар сурати маҳдуд кардани ҳуқуқ ё озодии инсон ва шаҳрванд қонунгузор вазифадор аст чунин танзими ҳуқуқиро ҷорӣ кунад, ки ба ноил шудан ба беҳтарин ҳадафи қонунӣ бо дахолати ҳадди ақал ба татбиқи ин ҳуқуқ ё озодӣ имкон диҳад ва меъёрҳои асосии ҳуқуқу озодиҳоро вайрон накунад.

Масалан, дар Хартияи Иттиҳоди Аврупо оид ба ҳуқуқҳои асосӣ чунин равиш қайд карда мешавад: ҳама гуна маҳдудсозии ҳуқуқ ва озодиҳои аз ҷониби Хартия эътирофшуда бояд бо риояи мазмуни асосии ин ҳуқуқҳо тибқи қонун муқаррар карда шаванд; маҳдудсозиҳо метавонанд танҳо бо риояи принсипи мутаносибӣ ва танҳо дар сурате татбиқ карда шаванд, ки маҳдудсозии ҳуқуқи инсон лозим дониста мешаванд ва воқеан, ба манфиатҳои умумие, ки Иттиҳоди Аврупо эътироф кардааст ё барои ҳифзи

ҳуқуқҳои дигарон заруранд.

Бояд гуфт, ки пеш аз ҳама, маҳдудияти ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодии инсон нишондиҳандаи дараҷаи озодӣ ва амнияти шахсият дар ҷомеаи демократии муосир мебошад [189, с. 110]. Ҳар гуна маҳдудиятҳои қонунии ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ боиси кам шудани ҳаҷми рафтори бо қонун иҷозат додашуда ва афзоиши салоҳияти мақомоти давлатӣ мегардад. Дар санадҳои ҳуқуқӣ маҳдудиятҳои ҳуқуқи инсон тавассути манъсозиҳо, уҳдадориҳо ё масъулиятҳои муқарраршуда ба амал баров족 мешаванд. Қайд кардан мумкин аст, ки чунин воситаи ҳуқуқӣ ҳар гуна кӯшиши суиистифода аз ҳуқуқи худро ғайриимкон месозад ва нишондиҳандаи маҳдудиятест, ки дар он ҳуқуқи шахс ба охир мерасад ва ҳуқуқи шахси дигар оғоз меёбад.

Ҳамин тариқ, тавре мебинем, меъёри асосии маҳдудсозии ҳуқуқӣ дар татбиқи ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ мувофиқати он ба принсипҳои аз ҷониби умум эътирофшуда, инчунин принсипҳои тавассути қонунҳо ва Конститутсияи ҶТ ба таври возеҳ танзимшуда мебошад.

Ба андешаи мо, дар чунин ҳолатҳо истифодаи мафҳуми «маҳдудсозии қонунӣ» мувофиқи мақсад аст, ки он бояд ҳамчун маҳдудсозии қобили қабули ҳуқуқ ва озодиҳои иҷтимоиву иқтисодии инсон, ки ба меъёрҳои конститутсионӣ мувофиқат мекунанд, фаҳмида шавад. Марзҳои қобили қабули чунин маҳдудиятро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад ва муҳлати маҳдуд кардани онҳо бояд муваққатӣ бошад, вагарна дар акси ҳол, чунин амали давлат метавонад ғайриқонунӣ бошад. Бояд тазаккур дод, ки на ҳама ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоии инсонро метавон маҳдуд кард, балки танҳо ҳуқуқҳои муайянро дар шароитҳои алоҳида ва бар пояи асосҳои мушаххасан муайяншуда, ки баҳсашон дигар аст, метавон маҳдуд кард.

Вобаста ба асосҳои ҳуқуқии маҳдудсозии ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон бояд қайд кард, ки асосҳои маҳдудсозии ин низоми

ҳуқуқҳоро танҳо Конститутсия ва қонунҳои конститутсионӣ ва ҷории ҶТ «Дар бораи низоми ҳуқуқии вазъияти фавқулодда», «Дар бораи ҳолати ҷангӣ», «Дар бораи судҳои ҶТ», «Дар бораи милитсия», «Дар бораи мақомоти амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷистон», «Дар бораи мақомоти прокуратураи ҶТ» ва ғайра муайян мекунанд.

Ҳангоми таҳлили муфассали меъёрҳои ҳуқуқӣ, ки асосҳои маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодиҳои иқтисодиву иҷтимоии инсонро муайян мекунанд, дар адабиёти ҳуқуқӣ мушкилоти воқеии дарки ягонаи он вуҷуд дорад. Дар навбати аввал ҳуқуқшиносони пешқадам И.М. Панкевич [161, с. 157] ва П.М. Рабинович [162, с. 152] чунин мешуморанд, ки манфиатҳои коллективӣ ва инфиродӣ бояд барои маҳдуд кардани ҳуқуқи инсон, ки онро танҳо қонунгузор муайян карда метавонад, асос ҳисобида шаванд.

Дар оғоз бояд бигӯем, ки Конститутсияи ҶТ асосҳои мушаххас ва конститутсионии маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои иҷтимоиву иқтисодии инсонро нишон надода, балки дар баъзе аз моддаҳои марбут ба ҳуқуқҳои баррасишаванда таъбири «ба истиснои ҳолатҳое, ки қонун муқаррар кардааст»-ро истифода мебарад. Масалан, дар моддаи 22, ки ҳуқуқи инсон ба дахлнопазирии манзилро кафолат медиҳад, омадааст, ки «ба манзили шахс зӯран даромадан ва касеро аз манзил маҳрум кардан манъ аст, ба истиснои мавридҳое, ки қонун муқаррар кардааст».

Дар ин маврид танҳо асоси конститутсионии маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои иҷтимоиву иқтисодӣ, ки дар Конститутсияи ҶТ сароҳатан муқаррар карда шудааст, моддаи 47-ум аст, ки дар умум, маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои дар моддаҳои 16, 17, 18, 19, 20, 22, 25, 28 пешбинишударо дар назар дорад.

Бинобар ин, қонунҳои ҶТ асосҳои умумии мушаххасеро барои маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон муайян мекунанд, ки дар сурати амалӣ шудан ба маҳдудияти ҳуқуқу озодиҳои иҷтимоиву иқтисодӣ низ оварда мерасонанд. Масалан, пешгирӣ ва ё қатъи ҷиноят метавонад ҳамчун асос

барои маҳдудсозии ҳуқуқҳои мавриди назар қабул карда шавад. Ин асос пешбинӣ мекунад, ки дар сурати ба миён омадани зарурати таъхирнопазири пешгирии ҷиноят ё қатъи он мақомоти ваколатдор метавонанд амалҳоеро анҷом диҳанд, ки боиси маҳдудсозии ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон мегарданд.

Масалан, қисми 18-и моддаи 11-уми ҚҶТ «Дар бораи милитсия»-ро метавон мисол овард, ки ба милитсия ҳуқуқ медиҳад, «ҳангоми пешгирии бевоситаи ҷиноят, таъқиби шахси дар содир намудани ҷиноят гумонбар ва вазъиятҳои фавқулодаи ба бехатарии ҷамъиятӣ таҳдидкунанда ба хонаҳои истиқоматӣ, ҳудуд ва бинои корхона, муассиса, ташкилот, қитъаҳои замини шахсони алоҳида (ба истиснои намояндагии дипломатӣ, муассисаи консулгарӣ ва намояндагии ташкилотҳои байналмилалии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қарордошта) дохил шавад ва чорабиниҳои оперативӣ-тафтишотӣ гузаронад. Бо тартиби муқарраргардидаи қонун дар муддати 24 соат дар бораи ворид шудан ба манзил, биноҳои корхона, муассиса, ташкилот, қитъаи замини шахсони алоҳида бидуни иҷозати соҳибони онҳо ба прокурор хабар диҳад».

Набояд фаромӯш кард, ки омилҳои асосии маҳдудияти ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ зарурати ҳифзи арзишҳои эътирофшуда бо мақсади таъмини мувозинати манфиатҳо мебошад.

Асосҳои дар боло зикршуда, воқеан, чунин ҳолатҳое мебошанд, ки таваҷҷуҳи боз ҳам бештар ва ҳифзи ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, аз ҷумла, ҳимояи ҳуқуқи қишрҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазир ва мутобиқнашудаи аҳолиро тақозо мекунанд. Асосҳои зикршуда ҳуқуқҳои давлатро васеъ намекунанд ва ба ӯ барои канорагирӣ аз уҳдадориҳои конститутсионии худ дар баробари мардум иҷозат намедиҳанд. Ҳатто бо фарорасии вазъияти фавқулода ё вазъияти ҳарбӣ давлат кафолати амалӣ ва ҳифзи ҳуқуқи инсонро идома медиҳад.

Таҷрибаҳои таърихии маҳдудсозии ҳуқуқу озодиҳони инсон ҳангоми задухӯрдҳои мусаллаҳона ё ҳарбӣ, ҳолатҳои фавқулода нишон медиҳад, ки дар аксар мавридҳо дағалона вайрон кардани ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангӣ ба миён меояд. Дар чунин ҳолатҳо маҳдудиятҳои конститутсионӣ характери маҳдудиятҳои ғайриқонунӣ пайдо мекунанд, масалан, ҳолатҳои хароб кардани объектҳои шаҳрвандӣ ё кӯчонидани иҷбории аҳолӣ [131, с. 25-27] зери ниқоби воситаю усулҳои махсуси ҷанг ба ин хосанд.

Мисоли шабеҳ метавонад ҳолатҳои амалҳои барқасдона бошад, ки боиси гуруснагии оммавие гарданд, аз қабили ғорат кардани маҳсулоти хӯроквορӣ, нобуд кардани киштзорҳо ё дидаву дониста монеъ шудан ба тақсими кумакҳои башардӯстона [126]. Ҳангоми офати табиӣ ҳуқуқҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ низ метавонанд поймол шаванд, масалан, ҳангоми расонидани кумаки башардӯстона ниёзҳои қишрҳои алоҳидаи муҳофизатнашавандаи аҳолӣ ба инобат гирифта намешаванд.

Ҳангоми даргириҳои мусаллаҳ ҳуқуқи инсонро ҳуқуқи байналмилалӣ низ кафолат медиҳад, ки принсипҳо ва меъёрҳои онҳо истифодаи қудратро дар низоъҳои мусаллаҳ маҳдуд ё кам мекунанд. Бояд қайд намуд, ки нақзи баъзе ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ метавонад бо қонуни башардӯстона мамнуъ эътироф карда шавад ва дар моҳияти худ ҳамчун ҷиноятҳои байналмилалӣ шинохта шудаанд.Масалан, рад кардани ёрии тиббӣ, несту нобуд ё тасарруфи молу мулк, ё қасдан маҳрум кардани аҳолии шаҳрвандӣ аз ғизо дар давраи вазъияти ҳарбӣ [71, с. 318].

Бо қабули Оинномаи СММ ва баъд аз Конференсияи байналмилалӣ (минбаъд Конференсия) оид ба ҳуқуқи инсон дар соли 1968 нобаробарии комили байни ду низоми ҳуқуқӣ бартараф карда шуд [41]. Аммо дар оянда ин ба ташаккули равандҳои қонунгузорӣ дар кишварҳои аврупоӣ вобаста ба маҳдуд кардани ҳуқуқи башар дар замони ҷанг ё вазъияти фавқулода таъсир расонд ва маълум шуд, ки эълони чунин ҳолат ягона асоси ҳуқуқии онҳост.

Дар конфронс тасмим гирифта шуд, ки ба ҳеҷ ваҷҳ маҳдуд кардани ҳуқуқи инсон аз рӯйи нажод, дин ва ақида ҷоиз нест, баръакс, ҳангоми зуҳури таҷовуз ё низои ҳарбӣ, ҳуқуқи инсон боз ҳам осебпазиртар аст ва нисбат ба замони осоишта ба ҳимояи бештар ниёз дорад [84, с. 312]. Ҳамчунин, қайд карда шуд, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон ҷудонашаванда буда, татбиқи пурраи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ бе татбиқи ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ имконнопазир аст [27].

Қонунгузории ҶТ, аз ҷумла дар банди чаҳорумимоддаи 2-юми ҚҶТ «Дар бораи режими ҳуқуқии вазъияти фавқулода» муқаррар мекунад, ки «Дар шароити вазъияти фавқулода ҳуқуқу озодии шаҳрвандон, ки дармоддаҳои 16, 17, 18, 19, 20, 22, 25 ва 28-уми Конститутсия пешбинӣ шудаанд, маҳдуд карда намешавад» Яъне ин қонун ба давлат иҷоза медиҳад, ки дар шароити вазъияти фавқулода ҳуқуқу озодиҳои дар ин моддаҳои Конститутсия пешбининашударо маҳдуд созад. Дар ин сурат тамоми ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоӣ метавонанд дар вазъияти фавқулода дучори маҳдудсозӣ шаванд.

Дар ҚҶТ «Дар бораи ҳолати ҷангӣ» бошад, бе зикри мушаххаси ҳуқуқу озодиҳои конститутсионӣ, ки метавонанд дар ҳолати ҷангӣ маҳдуд карда шаванд, моддаи 6 дар қатори «Чораҳои истифодашаванда дар ҳудуде, ки дар он ҳолати ҷангӣ ҷорӣ карда шудааст», аз ҷумла муқаррар мекунад:

– ҷорӣ намудани реҷаи махсуси кори иншооти таъминкунандаи фаъолияти нақлиёт, коммуникатсия, алоқа, телевизион, радио, нашриёҳо, иншооти энергетикӣ, инчунин иншооте, ки барои ҳаёт, саломатии инсон ва муҳити зист хатари зиёд дорад (банди 6);

– ҳангоми зарурат маҳдуд намудан ва боздоштани анҷоми амалиёти бонкӣ ва фаъолияти дигари аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ иҷрошаванда, ба истиснои иҷрои ваколатҳое, ки барои таъминоти ҳолати ҷангӣ бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешбинӣ шудаанд (банди 7);

– ҷалби шаҳрвандон ба иҷрои корҳо барои эҳтиёҷоти мудофиа, бартараф намудани оқибатҳои аз ҷониби душман истифода шудани силоҳ, барқарор

намудани иншооти зарардидаи (вайроншудаи) иқтисодӣ, низоми таъмини зист ва иншооти ҳарбӣ, инчунин барои иштирок дар мубориза бар зидди сӯхтор, эпидемия ва эпизоотияҳо бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории ҶТ (банди 11);

– мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳои дигар, новобаста ба шакли моликият ва шаҳрвандон гирифтани молу мулк барои эҳтиёҷоти мудофиавӣ, бо пардохти минбаъдаи арзиши онҳо аз ҷониби давлат (банди 12);

– манъ кардани корпартоиҳо ва усулҳои дигари боздошт ё қатъ кардани фаъолияти ташкилотҳо (банди 14).

Чунонки дида мешавад, бандҳои овардашудаи моддаи мазкур бевосита ба ҳуқуқу озодиҳои иҷтимоиву иқтисодӣ марбутанд. Масалан, муқаррароти банди 6 пешбинӣ мекунад, ки кормандони баъзе аз соҳаҳои иҷтимоӣ ва идорӣ бояд ба кори изофӣ ва ё шароити сахттари корӣ ҷалб карда шаванд, ки ин ҳолат ҳуқуқи инсон ба истироҳат ва манъи меҳнати маҷбуриро маҳдуд месозад. Маҳдуд намудан ва боздоштани анҷоми амалиёти бонкӣ ва фаъолияти дигари аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ иҷрошаванда, ки дар банди 7 оварда шудааст, ҳуқуқи инсон ба истифода ва корбурди моликият ва ҳуқуқ ба фаъолияти соҳибкориро маҳдуд месозад. Банди 11 ҷалби шаҳрвандон ба иҷрои корҳои мушаххасро пешбинӣ мекунад, ки меҳнати маҷбурӣ ба ҳисоб меравад ва дар натиҷа ҳуқуқи конститутсионии шахсро ба меҳнат маҳдуд месозад. Банди 12 пешбинӣ мекунад, ки корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳои дигар, инчунин, шаҳрвандон дар истифода ва ихтиёрдории моликияти худ дар ҳолати ҷангӣ дучори маҳдудсозӣ мешаванд ва наметавонанд гирифтани молу мулкашонро ба фоидаи давлат бо пардохти арзиши онҳо рад кунанд. Банди 14 бошад, ба ҳуқуқи инсонҳо ба меҳнат ва шароити мувофиқи меҳнат марбут буда, корпартоиҳо ва усулҳои дигари боздошт ё қатъ кардани фаъолияти ташкилотҳоро манъ мекунад.

Ҳамин тавр, дида мешавад, ки барои амалӣ намудани маҳдудиятҳо ба ҳуқуқҳои асосии инсон риояи меъёрҳое зарур аст, ки тибқи он шахс метавонад рафтори қонуниро аз ғайриқонунӣ ҷудо кунад ва аз тамоми оқибатҳои ҳуқуқии фаъолияти худ огоҳ бошад. Сухан дар бораи риояи принсипи мушаххасияти ҳуқуқӣ ҳамчун яке аз унсурҳои волоияти ҳуқуқ меравад.

Тибқи муқаррароти моддаи 10-уми Конститутсияи ҶТ, қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқие, ки хилофи Конститутсияанд, эътибори ҳуқуқӣ надоранд. Ин ба ин маъно низ фаҳмида мешавад, ки агар дар рафти қабули қонуни нав ҳуқуқу озодиҳои инсон, аз ҷумла ҳуқуқу озодиҳои иҷтимоиву иқтисодӣ навъе маҳдуд карда шаванд, ё амалӣ сохтани онҳоро ғайриимкон созанд ва ё онҳоро поймол кунанд, дар он сурат қонуни нав беэътибор дониста мешавад. Аммо дар таҷрибаи ҷаҳонӣ ин ҳолат на ҳама вақт ба таври қатъӣ фаҳмида мешавад. Масалан, Додгоҳи конститутсионии Украина дар яке аз қарорҳои худ ба салоҳияти Маҷлиси Олии Украина (Верховная Рада) дар қабули қонунҳое ишора кард, ки метавонанд маҳдудиятҳоро тибқи меъёрҳои муайяни қобили қабул ҷорӣ кунанд. Ин меъёрҳо мувофиқи мавқеи ин додгоҳ, «маҳдудияти татбиқи ҳуқуқу озодиҳои муайяни конститутсионии шахс худсарона ва беадолатона буда наметавонад, он бояд танҳо бо Конститутсияи Украина ё қонунҳо муқаррар карда шавад, ҳадафи қонуниро пеш гирад ва бо зарурати иҷтимоии расидан ба ин мақсад мутаносиб ва асоснок бошад» [40].

Гуфтаҳои болоро ҷамъбаст намуда, ба хулосае омадан лозим аст, ки дар ҳолати маҳдуд кардани ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ «ҳадаф» аҳаммияти хосса дорад, зеро вобаста ба давраи вақт, вазъи иқтисодии кишвар ҳамон маҳдудиятҳоро ҳам конститутсионӣ ва ҳам ғайриконститутсионӣ эътироф кардан мумкин аст [165, с. 8]. Дар ин ҳолат қонунӣ будани ҳадаф бояд тавассути муқаррароти моддаи 1-и Конститутсияи кишвар муайян карда шавад, ки тибқи он Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ мебошад. Аз ин рӯ, маҳдудияти ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодӣ метавонад танҳо бо асосҳои

дар боло зикршуда бошад ва ба ҳеҷ ваҷҳ барои рафъи вазъи душвори иқтисодӣ, мувозинати буҷет ва аз сабаби набудани маблағ дар он ва монанди инҳо амалӣ карда намешавад [71, с. 365].

Асосҳои маҳдуд кардани ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодӣ бояд дар Конститутсияи ҶТ ҳамчун ҳолатҳое муайян карда шаванд, ки дар он давлат дар режими пурқувват вазифадор аст ба ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахс зарар нарасонад, инчунин тибқи онҳо давлат фаъолияти худро бо назардошт ва истифодаи тамоми воситаҳо ва чораҳои иҷозатдодашуда ҷиҳати рафъи монеаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ пешбинишуда барои татбиқи дурусти ҳуқуқ ва озодиҳои иҷтимоиву иқтисодии шахс ба роҳ монад. Натиҷаи маҳдуд сохтани ин гурӯҳи ҳуқуқу озодиҳо бояд оқибатҳое бошанд, ки давлат онҳоро назорат ва пешбинӣ мекард. Яъне он чизеро метавон барои маҳдудсозӣ асос номид, ки давлат ба хотири он ва ё барои пешгирӣ аз он ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодиро маҳдуд мекунад. Зарурати чунин амалҳои давлат бояд комилан равшану возеҳ бошад ва ба меъёрҳое, ки дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ки аз ҷониби ҶТ тасвиб шудаанд, ва ба принсипҳои эълонкардаи Конститутсияи кишвар мувофиқ бошанд.

Аз ин рӯ, ҳангоми муайян намудани асосҳои маҳдуд кардани ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодии инсон ба такмили қонунгузории миллӣ эътибор додан зарур аст. Чунин ба назар мерасад, ки мавҷуд набудани меъёрҳо дар Конститутсияи ҶТ, ки чунин асосҳоро ба таври возеҳ танзим карда метавонад, ҳамчун нуқси ҷиддӣ бояд пазируфта шавад.

Ба андешаи мо, бояд таҷрибаи аврупоии маҳдудкунии ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва роҳҳои ҳамгироии он ба қонунгузории ҶТ омӯхта шавад.

Дар механизми татбиқи ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодии инсон унсурҳои он: ҳавасмандгардонии ҳуқуқӣ ва маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ ҷойи махсусро ишғол мекунанд. Ҳавасмандгардонии ҳуқуқӣ дар хоҳиш ё даъват ба анҷом додани амалҳои муайяни қонунӣ дар шароити мусоид ва бо фарорасии оқибатҳои

мусоид ифода меёбад. Маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ, баръакс, ҳудуди муайяни ҳуқуқро тавассути манъ ё кам кардани доираи ҳуқуқ бо мақсади ҳифзи ҷамъият ва ҳуқуқи дигарон аз худсарӣ ва суиистифодаи соҳиби ҳуқуқ муқаррар мекунанд.

Ҳамин тавр, таҳлили рушди таърихии муқаррароти консептуалии ҳуқуқу озодиҳои инсон дар ҷанбаи таърихӣ-ҳуқуқӣ имкон медиҳад, ки такмили тадриҷии ниҳоди маҳдудкунии ҳуқуқи инсон ва арзёбии дубораи аҳаммияти он, тағйири нақши давлат дар таъмини ҳифзи ҳуқуқҳои инсонро мушоҳида намоем.

Таҳаввули ғояҳо ва ғояҳои доктринавӣ оид ба ҳуқуқ ва озодиҳои иҷтимоиву иқтисодии инсон дар давлатҳои ҳуқуқии сотсиал-демократӣ зарурати аз нав дида баромадани ҳама гуна маҳдудиятҳои конститутсионӣ аз нуқтаи назари дахолат ба онҳо ва кам кардани ҳаҷми онҳоро муайян мекунад.

Маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ дар татбиқи ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодии инсон дахолати иҷозатдодашуда мебошанд, ки ба танг кардани мазмун ё тағйир додани доираи ҳуқуқ нигаронида шудаанд, ки набояд ба шахс зарар расонанд, балки бояд манфиатҳои иқтисодии инфиродӣ ва ҷамъиятиро мутаносиб созанд, яъне маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ аз тарафи ҷомеа пазируфта шуда, инчунин дар асосҳои пешбининамудаи қонун амалӣ карда мешаванд ва вобаста ба зарурати ҳифзи арзишҳои ҳуқуқӣ ва таъмини манфиатҳои ҷомеа дар сатҳи қонунӣ муқаррар намудани манъи амал (ё беамалӣ), вазифаҳо, масъулият, тафтиш ва назорати мақомоти ҳокимияти давлатӣ аз болои иҷрои онҳоро дар назар доранд.

Маҳдудияти ҳуқуқии татбиқи ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ бо афзоиши салоҳияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, худидоракунии маҳаллӣ ва шахсони мансабдори онҳо алоқаманд аст. Дар ин ҳолат мақомоти давлатӣ бояд ҳудуди маҳдудкунии ҳуқуқи инсонро, ки қонун муайян кардааст, бидуни вайрон кардани моҳияти ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ риоя намояд.

Гуфта мешавад, ки агар қонунгузор ва шахсони мансабдори мақомоти ҳокимияти давлатӣ ё худидоракунии маҳаллӣ ҳуқуқу озодиҳои асосии инсонро танзим ва таъмин намоянд, дар ҳеҷ ҳолат бо салоҳияти тарафҳои манфиатдор ин кор сурат гирифта наметавонад. Дар ниҳоят, қонунгузории ҶТ бояд тартиб ва ҳудуди қонунии маҳдудкуниро дақиқ муайян кунад ва маҳдудсозӣ дар ғайри ин суратро ҳамчун маҳдудияти ғайриқонунии ҳуқуқҳо эътироф намояд.

Объекти муносибатҳои ҳуқуқии марбут ба маҳдудкунии ҳуқуқии ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодии инсон бевосита ҳуқуқҳое мебошанд, ки дар Конститутсия ва қонунҳои дахлдори ҶТ муқаррар шудаанд.

Давлати ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ вазифадор аст тамоми кафолатҳои ҳуқуқии муқарраркардаи конститутсияро, ки барои иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии дахлдори иҷтимоиву иқтисодӣ заруранд, татбиқ ва риоя намояд, то натиҷаҳои амали худро пешгӯӣ карда тавонанд ва боварӣ дошта бошанд, ки ҳуқуқе, ки онҳо ба даст овардаанд, маҳдуд ё бекор карда намешаванд, балки бидуни қайду шартҳо пурра амалӣ мегарданд.

И.Ю. Хила бо таҳлили сарчашмаҳои ҳуқуқии кунунии кишварҳои Аврупо ба хулосае меояд, ки се модели универсалии маҳдудкунии ҳуқуқии ҳуқуқу озодиҳои инсонро бояд ҷудо кард:

1) моделе, ки номгӯйи ҳуқуқҳои маҳдудшавандаро муқаррар мекунад;

2) моделе, ки рӯйхати ҳуқуқҳои маҳдуднашавандаро муқаррар мекунад;

3) моделе, ки дар он маҳдудсозӣ мумкин аст, вале бидуни муайян намудани ҳуқуқҳои мушаххас ва бо истинод ба санади махсуси меъёрӣ [173, с. 42-43].

Масалан, мувофиқи қисми 3-и моддаи 13-уми Конститутсияи Олмон маҳдуд кардани ҳуқуқ ба дахлнопазирии манзил метавонад дар асоси қонун бо мақсади пешгирии таҳдиди бевосита ба бехатарӣ ва тартиботи ҷамъиятӣ, аз ҷумла барои қонеъ гардонидани талаботи фаврӣ ба биноҳо ҷиҳати мубориза бо эпидемия ё ноболиғон аз хатар сурат гирад [77].

Илова бар ин, дар асоси муқаррароти қисми 1-и моддаи 19-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Федеративии Олмон дар баъзе мавридҳо бо қонун ё дар асоси қонун маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон, аз ҷумла ҳуқуқу озодиҳои иҷтимоиву иқтисодӣ иҷозат дода мешавад. Гузашта аз ин, чунин қонун бояд умумӣ ва набояд танҳо ба парвандаи мушаххас дахл дошта бошад. Зарур аст, ки қонун ҳуқуқро бо истинод ба моддаи Конститутсия нишон диҳад, дар ҳоле ки моҳияти ин ҳуқуқ бояд бетағйир боқӣ монад [77]. Ин аз имкони дахолат ба қонун тавассути қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби парлумон бо тартиби муайян ва қабули қарорҳои дахлдор аз ҷониби мақомоти иҷроия, ки маҳдудкунии ҳуқуқи мустақиман иҷозатдодашударо пешбинӣ мекунанд, яъне танзими ваколатдор шаҳодат медиҳад. Дар ин ҳолат дар қонун бояд мақсад, ҳаҷм ва усулҳои маҳдудиятҳои иҷозатдодашуда нишон дода шаванд (моддаи 80-и Конститутсияи Ҷумҳурии Федеративии Олмон) [77].

Ба андешаи мо, таҷрибаи Олмонро давлати мо бояд қабул кунад, зеро чунин муносибат ба маҳдуд кардани ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодии инсон оқилона ва мутавозин буда, суиистифода аз ҳуқуқро дар ҳама гуна зуҳуроташ ғайриимкон месозад ва таъсири омилҳои субъективии инсониро кам мекунад.

Бояд қайд намуд, ки маҳдудияти татбиқшаванда метавонад ғайриқонунӣ ва нораво эътироф карда шавад, агар дараҷаи таъсир ба манфиати ҳифзшаванда нисбат ба манфиати ҷамъиятӣ ба дахолат мутаносиб набошад. Ҳама гуна амали марбут ба дахолат ба мундариҷа ва доираи ҳуқуқ бояд бо мақсади қонунӣ пешбинӣ карда шавад. Ин маънои онро дорад, ки агар якчанд василаи имконпазири ноил шудан ба ҳадафи додашуда вуҷуд дошта бошад, пас бояд якеро интихоб кард, то ба неъмати муҳофизатшуда камтар таъсир расонад. Ба ибораи дигар, бо маҳдуд кардани дигар ҳуқуқҳои ҳамвазн ба мақсад ноил шудан мумкин нест.

Чунонки мебинем, ҳангоми маҳдуд кардани ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ҳама меъёрҳои маҳдудкунии ҳуқуқӣ, аз ҷумла, меъёрҳои дар боби

якум овардашударо ба назар гирифтан лозим аст. Масъалаи риояи меъёрҳои муайян муносибати инфиродиро талаб мекунад ва махсусан ба ҳолат вобаста аст, илова бар ин, манфиатҳо ва арзишҳои бунёдии тамоми ҷомеа ва манфиатҳои истисноии шахс бояд ба назар гирифта шаванд. Маҳдудиятҳо бояд муваққатӣ бошанд ва дар ҳеҷ ваҷҳ моҳияти ин ё он ҳуқуқи иҷтимоию иқтисодиро тағйир дода наметавонанд, инчунин бояд ҳолатҳои мувофиқ ва мутаносиб вуҷуд дошта бошанд. Аз ин рӯ, меъёри татбиқии ҳуқуқ бояд ба таври расмӣ муайян, якхела, аниқ, возеҳ бошад ва ба тафсири васеидахолатҳои муқарраршуда ва дар натиҷа татбиқи беназорати онҳо имкон надиҳад.

Эҳтимол дорад, ки ҳуқуқ ба моликияти номаҳдуд боиси норозигии иҷтимоӣ, низоъҳо ва тақсимоти нобаробари сарватҳо мегардад. Аз ин рӯ, дар бисёре аз кишварҳои Иттиҳоди Аврупо дар сатҳи конститутсионӣ барои маҳдуд кардани ҳуқуқ ба моликият заминаҳои истисноӣ муқаррар карда шудаанд.

Ҳангоми таҳлили меъёрҳои қонунгузории давлатҳои аврупоӣ, тавре мебинем, шакли татбиқи ҳуқуқ ба моликиятро метавон бо роҳҳои гуногун муайян кард ва ин ба ҳаҷм ва мазмуни он бетаъсир намемонад. Дар меъёрҳои қонунгузории аврупоӣ ҳуқуқ ба моликият маҳдуд нашуда, ҳаҷми он кам карда шудааст.

Ҳангоми баррасии таҷрибаи аврупоии маҳдуд кардани ҳуқуқ ба машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ, пеш аз ҳама, ба муқаррароти шартнома дар бораи фаъолияти Иттиҳоди Аврупо муроҷиат кардан лозим аст. Аз ҷумла, моддаи 36-и шартнома маҳдуд кардани ҳуқуқи машғул шудан ба фаъолияти соҳибкориро иҷозат медиҳад, ки ин бо роҳи ҷорӣ намудани маҳдудиятҳои муайяни ғайримолӣ ба корхонаҳо имконпазир аст [95, с. 245]. Қайд карда мешавад, ки давлатҳои узв, сарфи назар аз мамнуият метавонанд ба воридот ва содирот маҳдудиятҳо ҷорӣ кунанд, агар ин бо асосҳои зерин асоснок бошад:

– ҳифзи ахлоқи ҷамъиятӣ, тартиботи ҷамъиятӣ ва амнияти давлат;

– ҳифзи саломатӣ ва ҳаёти одамон;

– ҳифзи сарватҳои миллии дорои арзиши бадеӣ, таърихӣ ё археологӣ;

– ҳифзи моликияти саноатӣ ё тиҷоратӣ.

Бояд қайд кард, ки давлатҳои узв наметавонанд рӯйхати истисноҳоро аз маҳдудиятҳои дар ҳамин моддаи шартнома муқарраршуда васеъ намоянд. Ҳамзамон, қонунгузории кишварҳои аврупоӣ метавонад ба ин намуди фаъолияти соҳибкорӣ вобаста ба истеҳсоли аслиҳа, додани ордерҳо ва ғайра ба манфиати иқтисоди миллӣ мамнуият муқаррар намояд. Ин фаъолиятро танҳо дар сурати гирифтани иҷозат ё иҷозатномаи махсус, инчунин ба манфиати амнияти миллӣ дар асоси қонун анҷом додан мумкин аст ва мақомоти давлатӣ метавонад аз соҳибкор ҳисоботи молиявиро талаб намоянд.

Дар Тоҷикистон қонун фаъолияти соҳибкории ходимон ё мансабдорони мақомоти давлатӣ, вакилон, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ғайраро маҳдуд кардааст. Давлат ҳифзи рақобатро дар фаъолияти соҳибкорӣ кафолат ва таъмин менамояд. Инчунин суиистифода аз монополия, маҳдуд кардани рақобат бо асосҳои ғайриқонунӣ ва рақобати ғайриқонуниро дар шароити рушди бозор манъ мекунад. Ҳуқуқи монополия танҳо бо қонун муайян карда мешавад [18].

Дар мавриди таҷрибаи маҳдуд кардани ҳуқуқи корпартоӣ дар кишварҳои Иттиҳоди Аврупо, масалан, дар Олмон иҷозат дода мешавад, ки ин ҳуқуқро ба доираи ашхос маҳдуд созанд, яъне танҳо иттифоқи касаба метавонад аз ҳуқуқи корпартоӣ истифода барад, на шахси алоҳида. Айнан ҳамин маҳдудиятҳо дар кишварҳои Скандинавия низ татбиқ мешаванд, ки дар он ҷо амали дастаҷамъонаи коргароне, ки аъзои иттифоқҳои касаба нестанд, қонунӣ эътироф карда намешаванд. Ин гуна коргарон ҳуқуқи бастани шартномаҳои коллективиро надоранд, зеро онҳо аъзои иттифоқҳои касаба нестанд. Аз ин рӯ, гузаронидани корпартоӣ бояд ба ҳосил шудани созишномаи коллективӣ мусоидат намуда, ба принсипи мутаносибӣ ва мувофиқат ҷавобгӯ бошад, яъне давомнокии корпартоӣ ба дараҷаи таъсири

иҷтимоӣ бояд мувофиқ ва мутаносиб бошад. Бори аввал чунин принсип соли 1971 дар Олмон пешниҳод шуда буд ва баъд аз он барои тамоми кишварҳои Аврупо ба таври умум пазируфта шуд. Масалан, дар Португалия дар сатҳи қонун муҳлати корпартоии иттифоқҳои касаба муайян карда мешавад ва дар доираи он қонунӣ будани он эътироф мегардад [128, с. 107].

Аммо дар Фаронса, Белгия, Швейтсария, Нидерландия, Испания ва Италия ҳуқуқи корпартоиро шахсе пешбинӣ мекунад, ки онро тавассути амалиёти коллективии коргарон амалӣ кардан мумкин аст. Ин аз мавҷуд набудани маҳдудияти ҳуқуқи корпартоӣ барои доираи мардум ва қонунӣ эътироф шудани корпартоиҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ (бе иҷозати иттифоқҳои касаба) шаҳодат медиҳад [52, с. 113].

Дар Британияи Кабир, Латвия, Люксембург ва Нидерландия ҳуқуқи корпартоӣ ба хотири ҳамбастагӣ маҳдуд карда мешавад, агар ҳадафи он фишор овардан ба корфармои дигар бошад. Дар Испания ва Белгия бошад, чунин корпартоиҳо дар сатҳи конститутсионӣ ҳифз карда мешаванд ва бо сабабҳои ҳалли мушкилоти иқтисодӣ ҳеҷ гуна маҳдудият надоранд. Ҳамчунин, қонунгузории Шветсия, Фаронса, Дания ҳуқуқи баргузории корпартоӣ ба хотири ҳамбастагиро маҳдуд намекунад, агар корпартоии аввалӣ қонунӣ эътироф шуда бошад. Олмон ҳуқуқи ташкили корпартоӣ ба хотири ҳамбастагиро маҳдуд мекунад, агар корфармо дар корпартоии пешакӣ мавқеи бетарафро ишғол кунад, ё вақте ки далели робитаҳои иқтисодӣ бо корфармои аввал муқаррар карда мешавад [193, с. 197-198].

Мавқеи Созмони Байналмилалии Меҳнат дар мавриди манъи корпартоӣ ба хотири ҳамбастагӣ ҷолиб аст. Он сабаби ин гуна корпартоиҳоро тамоюли мутамарказшавии корхонаҳо, маҳаллисозии марказҳои шуғли аҳолӣ ва ҷаҳонишавии иқтисод медонад ва чунин мешуморад, ки комилан маҳдуд кардани ҳуқуқи ташкили корпартоии ҳамраъйӣ ногузир боиси сӯистифода мешавад [160].

Аксаран дар кишварҳои Аврупо, ба истиснои Финляндия, Ирландия, Дания ва Норвегия, ҳуқуқи баргузории корпартоии сиёсӣ маҳдуд аст.

Масалан, Суди Олии Нидерландия муайян кардааст, ки корпартоӣ амали сиёсӣ эътироф намешавад, агар он зидди сиёсати ҳукумат нигаронида нашуда, ангезаи он шароити корӣ бошад. Ин аз равиши дигар дар дарки талаботи сиёсӣ далолат мекунад [128, с. 115].

Аз гуфтаҳои боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар баъзе давлатҳои Аврупо мафҳуми маҳдудияти иҷозатдодашуда дар сатҳи қонунгузорӣ муқаррар карда шудааст, ки қонунӣ будани корпартоӣ ва дараҷаи зарари дар натиҷаи он ба ҷомеа ва шахсони алоҳида расонидашударо муайян мекунад. Муайян кардани ин маҳдудият байни ҳуқуқи кафолатдодашуда ва маҳдудкунии ғайриқонунии он дар кишварҳои Аврупо бо назардошти ҳатмии чунин воқеият ҳал карда мешавад: оё дар ҳолати мушаххас табъиз нисбат баҳуқуқ ба корпартоӣ вуҷуд дорад. Илова бар ин, қонунгузории миллии аксаркишварҳои аврупоӣ танҳо равишҳои умумиро барои ҳалли ин масъала муайян мекунад, дар байни эътирофи корпартоии қонунӣ ё ғайриқонунӣ хатти возеҳ вуҷуд надорад. Калиди додани баҳои ҳуқуқӣ ба корпартоӣ масъалаи оқибатҳост, аммо дар ҳар сурат ин дар суд дар асоси доктринаҳои ҳуқуқӣ ҳал карда мешавад, ки дар он ҳам таъқиби ҷиноятӣ ва ҳам ҷазои маъмурӣ татбиқ карда мешавад. Додгоҳҳои миллии Испания ва Фаронса муқаррароти доктринаи «суиистифода аз қонун»-ро [132, с. 30] ба роҳбарӣ мегиранд, дар Австрия баҳси меҳнатӣ набояд «бархилофи анъанаҳои мавҷуда» бошад, дар Нидерландия онҳо доктринаи «беэътиноӣ»-ро истифода мебаранд, дар Юнон ба муқаррароти доктринаи «суиистифода» аз эътимод» ишора мекунанд [160].

Маҳдудиятҳои ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ҳам дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дохилӣ ва ҳам шартномаҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон эътироф карда мешаванд, ки тибқи онҳо мақомоти давлатӣ барои рафъи оқибатҳои ҳолати фавқулода салоҳият доранд оид ба ҳаҷм ва хусусияти маҳдуд кардани ҳуқуқҳо қарор қабул кунанд [166, с. 149]. Давлат бо ҷорӣ намудани вазъияти фавқулода ҳифзи дигар ҳуқуқҳои муҳимтарини ҳаёти инсонро тавассути

маҳдуд кардани баъзе ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ таъмин намуда, инчунин барои барқарор намудани ин ҳуқуқҳо дар оянда заминаҳо фароҳам меорад [133, с. 37-39].

Аз ин рӯ, ҳангоми омӯзиши таҷрибаи маҳдуд кардани ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон дар давраи вазъияти фавқулода дар кишварҳои узви Иттиҳоди Аврупо нахуст қайд карда шуд, ки дар ин кишварҳо дар чунин шароит муносибати мусбат нисбат ба маҳдудиятҳо хос аст. Воқеан, аксари кишварҳои аврупоӣ ин маҳдудиятро як имкони ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, арзишҳои барои мавҷудияти инсон муҳимтар ва фароҳам овардани шароити зарурӣ барои барқарории қонун ва тартиботи муқаррариро ҳадафи аслии ҷорӣ кардани вазъияти фавқулода медонанд. Масалан, пандемияи коронавирус шаклҳои нави татбиқи ҳуқуқи меҳнатро ба вуҷуд оварда, амалӣ намудани онро дар шакли қаблӣ ғайриимкон кардааст.

Дар кишварҳои ягона (унитарӣ) вазъияти фавқулода дар сатҳи миллӣ аз ҷониби сарвари давлат, ҳукумат ё парлумон эълон карда мешавад, дар кишварҳои федералӣ бошад, ҳам дар сатҳи федералӣ ва ҳам дар сатҳи субъектҳои федератсия ҷорӣ карда мешавад.

Таҷрибаи аврупоӣ нишон медиҳад, ки маҳдудияти ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ дар ҳолати фавқулода аз он иборат аст, ки ба мақомоти давлатӣ ва маҳаллӣ иҷозат дода мешавад, ки дар муқобили ҳар хатар чораҳои махсус ҷорӣ намоянд [158, с. 5-6]. Чунин маҳдудиятҳо дар шароити муқаррарӣ ғайриодӣ ва қобили қабул буда, мумкин аст дар шаклҳои зерин ҷорӣ карда шаванд: мусодираи амвол, даромад ё муқаррар намудани тартиби махсуси тақсими молҳои зарурӣ ё озуқаворӣ, додани масуният ба намудҳои алоҳидаи фаъолияти соҳибкорӣ, муқаррар намудани низоми махсуси намудҳои алоҳидаи фаъолияти меҳнатӣ ё умуман, маҳдуд кардани ҳуқуқ ба меҳнат, муқаррар намудани самтҳои афзалиятноки тақсими маблағҳои буҷети давлатӣ, яъне татбиқи чораҳои фаврии буҷетӣ.

Ҳамин тариқ, бояд хулоса кард, ки маҳдудияти ҳуқуқҳои иҷтимоиву

иқтисодии инсон дар ҶТ бояд бо назардошти таҷриба ва стандартҳои аллакай муқарраршудаи кишварҳои пешрафтаи демократӣ сурат гирад. Маҳдудияти ин гурӯҳи ҳуқуқҳо аз сабаби шароити ҷории иқтисодӣ ва вазъи ноустувори имкониятҳои молии шаҳрвандони кишвар вобастагии хос дорад.

# ХУЛОСА

Таҳлилу баррасӣ ва таҳқиқ дар робита ба мавзуъ ва ҳадафҳои матраҳшуда имкон дод, ки муаллиф ба чунин натиҷаҳои илмӣ дастёб шавад:

1. Ҳам аз нуқтаи назари таснифи ҳуқуқу озодиҳо, аз нигоҳи мазмун, соҳаҳои ҳаёт ва фаъолияти инсон ва шаҳрванд ва ҳам аз нуқтаи назари равиши такомулгароёна ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон ва шаҳрванд гурӯҳи мустақили ҳуқуқу озодиҳои инсон маҳсуб мешаванд, ки дорои хусусияти махсуси иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ, таркибҳои субъективӣ-объективӣ, доираи татбиқ ва таъиноти функсионалӣ мебошанд. Моҳият ва таъиноти ҳуқуқу озодиҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ фарогири меъёрҳое ҳуқуқие мебошад, ки онҳо барои ташаккул ва ҳимояи ин гурӯҳи ҳуқуқҳо замина фароҳам меоваранд. Ҳамзамон онҳо таҳкими конститутсионии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро низ фаро мегиранд.

Ҳуқуқу озодиҳои иҷтимоӣ аз ҷумлаи ҳуқуқҳои конститутсионии инсон буда, тавассути меъёрҳои ҳуқуқӣ ва дар асоси маҷмуи танзимоти давлативу хусусӣ, иҷрои ухдадориҳои мусбат аз ҷониби мақомоти ваколатдор бо мақсади ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, қонеъ гардонидани ниёзҳои ҳар шахс барои гирифтани намудҳои алоҳидаи таъминоти иҷтимоӣ, пешгирӣ, рафъ ё кам кардани оқибатҳои манфии хатарҳои иҷтимоӣ, мутобиқ сохтани сатҳи зиндагии ҷомеа ба шароити нави ҳаётӣ амалӣ карда мешавад. Ҳуқуқу озодиҳои иқтисодии инсон ва шаҳрвандро дар шакли умумии он метавон ҳамчун маҷмуи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионӣ донист, ки ба принсипҳои конститутсионии озодии фаъолияти иқтисодӣ асос ёфта, бо мақсади фароҳамсозӣ, таъмин ва ҳифзи муносибатҳои бозорӣ, озодии меҳнат, фазои ягонаи иқтисодӣ, имконияти истифода ва ихтиёрдории озодонаи ҳамаи шаклҳои моликият, дастгирии рақобат ва маҳдудсозии инҳисори бозорӣ амалӣ мешавад. Алоқамандии ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоӣ пеш аз ҳама дар он ифода мегардад, ки ҳар ду системаи ин ҳуқуқҳо ба ҷанбаҳои фаъолиятҳои иҷтимоиву молумулкии инсон ва шаҳрванд марбут буда, ба таври баробар ба сатҳи зиндагӣ ва шароити иқтисодии одамон таъсиргузоранд.

Ҳамин тавр, ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоӣ маҷмуи тасодуфию аморфӣ нестанд, балки як гурӯҳи махсуси ба ҳам алоқаманди ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошанд, ки мазмуни онҳо дар моддаҳои дахлдори Конститутсияи ҶТ ошкор карда шуда, дар қонунгузории амалкунандаи Тоҷикистон муфассал баён шудаанд. Ин ҳуқуқҳо ба консепсияи давлати иҷтимоӣ (яъне таъмини сатҳи баланди зиндагии шаҳрвандони худ), ки ба муносибатҳои иҷтимоии инсон бо ҷомеа, давлат, одамони дигар алоқаманд буда, ба фаъолияти одамон дар соҳаи иқтисод марбутанд, ба рушди маънавии инсон мусоидат намуда, иштироки ӯро дар пешрафти иқтисодиву иҷтимоии ҷомеа таъмин мекунанд **[5-М]**.

2. Сарчашмаҳои ҳуқуқи зардуштӣ баёнгари онанд, ки ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодии инсон дар баробари дигар ҳуқуқ дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ ба таври низомнок, вале на ҳамчун қонуни ҳуқуқӣ, балки фармудаҳои динӣ дарҷ ёфтаанд. Аммо ин ки дар тули таърихи Эрони бостон дар зиндагии воқеӣ мардум аз кадом ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ бархӯрдор буданд, метавон аз сарчашмаҳои таърихӣ пайдо кард. Дар сарчашмаҳои ҳуқуқи авастоӣ, ки метавонанд ба ин ё он андоза ба ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоӣ марбут бошанд, андешаҳои меъёрии ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ дар бораи интихоби касб (ҳуқуқ ба интихоби соҳаи фаъолият), меҳнат (ҳуқуқ ба меҳнат), ҳимоя аз занон, занони ҳомила, кӯдакон (ҳуқуқ ба нигоҳубини кӯдак), манзили истиқоматӣ (ҳуқуқ ба манзил), ҳифзи саломатӣ ва ёрии тиббӣ (ҳуқуқ ба ҳифзи саломатӣ ва ёрии тиббӣ) муҳити солими зист (ҳуқуқ ба муҳити солими атроф)-ро зикр намудан мумкин аст **[3-М]**.

3. Агар ба таври куллӣ тамоми давраи амали ҳуқуқи исломӣ дар Мовароуннаҳрро, ки аз ҳуҷуми аввали арабҳо дар соли 673 оғоз шуда, то барҳам хӯрдани Аморати Бухоро давом меёбад, ба назар бигирем, метавон қонуниятҳои мушаххаси ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодиро пайдо кард. Масалан, дар сарчашмаҳои ҳуқуқи исломӣ таъминоти иҷтимоӣ на аз тарафи ниҳоди давлат ё идорӣ, балки аз тарафи тоҷирон, сарватмандон ва шахсони саховатпеша ва аъзои оила амалӣ мешавад. Масалан, касоне, ки молу сарвати онҳо ба як нишондиҳандаи мушаххас расидааст, бояд аз 2,5%-и онро бевосита ба ниёзмандон пардохт кунанд, ки ин амр дар ислом закот номида мешавад. Қуръон ва ҳадисҳои паёмбар закотро

аз фаризаҳои ислом мешуморанд, яъне амале, ки мусалмон ба анҷом додани он вазифадор аст. Аммо агар ин фармуда дар солҳои аввали интишори ислом то андозае дуруст ба иҷро мерасида бошад, баъдан закот ба унвони андози алоҳидаи давлатӣ, бар муқобили фармудаҳои Қуръон ва фиқҳи исломӣ, бештар аз мардуми нодор, деҳқонон, муздурон ва ҳунармандон ситонида мешуд ва албатта, ба дасти табақоти ниёзманд намерасид ва ба моликияти давлат мубаддал мегашт.

Аз миёни ҳуқуқҳои иқтисодӣ дар сарчашмаҳои исломӣ фақат дар мавриди тиҷорат ва мерос андешаҳои мушаххас ва қатъии ҳуқуқӣ баён карда шудаанд. Қуръон падару модар, фарзандон, ҳамсарон, хоҳарон ва бародарони шахси фавтидаро ба унвони меросбарони қонунӣ эътироф карда, ҳаққи онҳоро ҳам ба таври мушаххас муайян кардааст.

Ҳамин тавр, вобаста ба давраи амали ҳуқуқи исломӣ мо ба ду воқеият бархӯрд мекунем: аввалан, вазъи воқеии ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоӣ дар давраи амали ҳуқуқи исломӣ, дувум, назарияи ҳуқуқи исломӣ, ки дар сарчашмаҳои адабиёти исломӣ – Қуръону суннат ва таълимоти мактабҳои мазҳабу равияҳои исломӣ дида мешавад. Вазъи воқеии ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон баъди ба миён омадани Давлати Сомониён то барҳам хӯрдани Аморати Бухоро дар кулл тағйироти ҷиддие надидааст: ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ аз ҷониби ҳукуматҳо комилан ҷой надошт, ҳукуматҳо аз мардум андозу молиёте, ки бештар вақт ғайриинсондӯстона буданд, меситониданд, ҳуқуқ ба моликияти шахсӣ аз дахлнопазирӣ бархӯрдор набуд, меҳнати маҷбурӣ, ноадолатиҳои иҷтимоӣ ҷой дошт ва монанди инҳо.

Дар муқобил, сарчашмаҳои ҳуқуқи исломӣ ҳимоя ва дастгирии қишри осебпазири ҷомеаро бо таъйини закот ва садақа ба дӯши қишри сарватманди ҷомеа вогузор мекард, ҳуқуқи инсонҳоро ба моликият, мерос, таъмини оила, тарбияи кӯдак ва таҳсил эътироф менамуд.

4. Раванди таъмин ва амалисозии ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодии инсон дар ИҶШС-ро метавон чунин натиҷагирӣ кард:

– Назорати марказонидашуда: амалисозии ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ тавассути назорати давлатӣ ва барномарезии марказӣ ба таври густарда, вале ҳамроҳ бо камбудиҳои сохторӣ таъмин мегардиданд.

– Кафолати ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ асосан ҷанбаи расмӣ-эъломиявӣ дошт, ки бо маҳдудиятҳои бешумори амалӣ гирифтор мешуд: Ҳарчанд ин ҳуқуқҳо дар сатҳи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ сабт шуда бошанд ҳам, амалисозии воқеии онҳо, бахусус дар соҳаҳои таъмини манзил, хизматрасонии тиббӣ ва молиявӣ, ҳаққи интихоби кор ва монанди инҳо ба камбудиҳо ва нобаробарӣ рӯбарӯ мешуданд.

– Афзалияти идеология бар амалисозӣ: Баробарии иҷтимоӣ дар дар назарияи давлати сотсиалистӣ ҷавҳари бунёдӣ буд, аммо дар амал, мушкилоти иқтисодӣ ва бюрократия монеаи иҷрои пурраи он мегардиданд.

– Таваҷҷуҳ ба эҳтиёҷоти умумӣ, на инфиродӣ: Низом ба таъмин кардани ниёзҳои умумӣ тамаркуз мекард, аммо ба эҳтиёҷот, ҳуқуқу озодиҳои инфиродии ҳар як шахс на танҳо аҳаммияти лозим сурат намегирифт, балки аз ин кор як андоза худдорӣ мешуд.

5. Дар ҳуқуқи байналмилалӣ хатти оғози амалисозии ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ таъсиси Созмони Байналмилалии Меҳнат буд, ки ҳадафи он пешбурди ҳуқуқи коргарон, кафолат додани «шароитҳои одилона ва инсондӯстонаи меҳнат« пешбинӣ гардид. СБМ стандартҳои ҳадди ақалро оид ба доираи васеи масъалаҳое, аз қабили вақти корӣ, ҳуқуқи ташкили иттифоқҳои касаба, меҳнати маҷбурӣ, синни ҳадди ақали меҳнатӣ, истироҳати ҳарҳафтаина, муҳофизат аз беморӣ ва суғуртаи ҳолатҳои нохуш қабул кардааст, ки акнун ҳамчун ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ шинохта мешаванд. Бо вуҷуди ҷо доштани ду дидгоҳи комилан мутафовит дар сиёсати ҷаҳонии асри гузашта, бо тасвиби Эъломияи ҳуқуқи башар, ҷомеаи ҷаҳонӣ муваффақ мешавад, ки дар баробари Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, инчунин Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ аз ҷониби Ассамблеяи Генералӣ пазируфта шавад. Аҳаммияти ин санадҳо дар қонунгузориҳои миллии кишварҳои алоҳида ба андозае

бузург аст, ки дар баъзе мавридҳо маҳз онҳо ҳамчун кафолати ягона ва раднопазири ҳифзи ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ баромад мекунанд.

6. Вобаста ба сохтори механизми таъмини ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодӣ, самти функсионалии онҳо, кафолатҳои ҳуқуқии ин ҳуқуқҳоро метавон ба таври зерин гурӯҳбандӣ кард: 1) кафолатҳои татбиқи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳифзи иҷтимоиву иқтисодӣ; 2) кафолатҳои ҳимояи ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ; 3) кафолатҳои ҳифзи ҳуқуқҳои мазкур **[4-М]**.

7. Ҳифзи судии ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои хусусиятҳои муайяне мебошад, ки бо таркиби субъектии чунин баҳс, тобеиятӣ ва қобили муҳокимаи судӣ будани он, бо таъсири ретроспективии қонунгузорӣ, ки муносибатҳои ин намудро танзим мекунанд, бо аҳаммиятнокӣ ва басомади татбиқи қарорҳои Суди конститутсионии ҶТ ҳангоми асосноккунии даъвоҳо, мавҷуд набудани таҷрибаи ягонаи баррасии баҳсҳои судӣ дар соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ, маблағи зиёди пардохтҳои судӣ ва паст будани даромади шаҳрвандон алоқамананд. Хусусиятҳои номбаршудаи шаклҳои мавриди омӯзиш қарордоштаи ҳифзи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ аз самаранокии нокифояи он дар марҳилаи кунунии рушди ҶТ ҳамчун давлати ҳуқуқӣ шаҳодат медиҳанд **[2-М]**.

8. Ҳангоми таҳлили равишҳои муосири назариявӣ ва методологии омӯзиши маҳдудиятҳои ҳуқуқи инсон маълум гардид, ки чунин маҳдудиятҳо метавонанд барои амалӣ гардидани манфиатҳои қонунии шахс оқибатҳои манфӣ дошта бошанд, зеро татбиқи онҳо ҳамзамон бо коҳиши ҳаҷми фаъолияти иқтисодиву иҷтимоии инсон ба амал меояд ва дар натиҷа ба қисман ё пурра ғайриимкон гаштани татбиқи минбаъдаи ин ҳуқуқҳо оварда мерасонад. Принсипҳо ва асосҳои маҳдудкунии ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодии инсонро муайян ва таҳлил намуда, ба чунин натиҷагирӣ расидем, ки маҳдудиятҳои ҳуқуқии ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон бояд ба принсипҳои қобили қабул будан, қонунӣ будан, лозимӣ будан, ҳадафманд будан, асоснок будан, мутаносиб будан мувофиқат кунанд, зеро дар акси ҳол ҳама гуна дахолати мақомот ба ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон ғайри қобили қабул ва ғайриқонунӣ дониста мешаванд **[1-М]**.

9. Мутаассифона, ҳеҷ як санади меъёриву ҳуқуқии ҶТ, ки таъминоти иҷтимоиро танзим мекунад, асос барои қатъ намудани хидматрасониҳои иҷтимоиро пешбинӣ намекунад. Ба назари мо, бояд дар сатҳи қонунгузорӣ пешбинӣ шавад, ки пеш аз муҳлат қатъ кардани шартномаи хидматрасонии иҷтимоӣ бо ташаббуси гирандаи хадамоти иҷтимоӣ ба сифати чунин асос пазируфта мешавад. Дар баробари ин, бояд қайд кард, ки дар ин ҳолат, чун қоида, шахс аз ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ дар шакли хидматрасонии иҷтимоӣ маҳрум нест, танҳо субъекти уҳдадориҳои татбиқи он тағйир меёбад, ки имкони истифодаи худмуҳофизаткуниро бо вуҷуди камтар маъмул буданаш ҳамчун шакли ҳимояи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ нишон медиҳад.

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

1. Таҳлили вазъи ҳуқуқии ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ дар ҶТ моро ба ин натиҷа расонид, ки баъзе аз ҳуқуқу озодиҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар Конститутсияи ҶТ комилан дарҷ нашудаанд, балки фақат дар дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва он ҳам дар шаклҳои ғайриқобили пазириш муқаррар гардидаанд. Ин ҳолат то андозае ба амалӣ кардани ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ таъсири манфӣ мерасонад. Аз ҳамин ҷиҳат пешниҳод карда мешавад, ки ҳуқуқ ба корпартоӣ ва ҳуқуқ ба сатҳи шоистаи зиндагӣ низ ҳамчун ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ дар сатҳи конститутсионӣ кафолат дода шаванд **[5-М]**.

2. Бо мақсади мушаххас сохтани уҳдадориҳои давлатӣ оид ба фаъолияти соҳибкорӣ ва ҷудо намудани онҳо аз ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ пешниҳод мешавад, ки банди дуюми моддаи 11-и қонуни ҚҶТ «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» [15] дар моддаи алоҳида таҳти унвони «Уҳдадориҳои давлатӣ оид ба фаъолияти соҳибкорӣ» дар таҳрири зайл оварда шавад:

«Уҳдадориҳои давлатӣ оид ба фаъолияти соҳибкорӣ

Уҳдадориҳои давлатӣ оид ба фаъолияти соҳибкорӣ дар шакли ҳуқуқӣ, ташкилӣ, молиявӣ, иттилоотӣ ва дигар шаклҳо амалӣ шуда, ба беҳтар намудани шароити соҳибкорӣ ба низоми зерин асос меёбад:

– бақайдгирии соҳибкорӣ;

– андозбандӣ;

– иҷозатномадиҳӣ ва иҷозатдиҳӣ;

– санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ;

– бақайдгирии молу мулк;

– ҳисоботдиҳӣ;

– суғуртакунӣ; (ҚҶТ аз 02.01.20 с., №1684);

– танзими зиддиинҳисорӣ;

– сода намудани амалиёти воридотию содиротӣ бо назардошти санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон».

3. Дар навбати худ, бо мақсади тавассути субъектҳои соҳибкорӣ ҳарчи муассиртар ва ҳадафмандтар амалӣ гаштани сиёсатҳои иқтисодиву иҷтимоии давлатӣ, фаро гирифтани имкониятҳои нави бозори иқтисодӣ ва шакл додани фазои мусоиди фаъолиятҳои сармоягузорӣ моддаи 11-и ҚҶТ «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» [15] бояд дар таҳрири зерин муқаррар гардад:

«Моддаи 11. Ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ

1. Ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти ваколатдори давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ амалӣ карда мешавад.

2. Бо мақсади дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ давлат ба фароҳамсозии шароитҳои мусоиди ташкилию иқтисодӣ дар асоси барномаҳои зерин мусоидат мекунад:

– ташкили хидматрасониҳои моддию техникӣ ва иттилоотӣ-таълимӣ;

– омодасозӣ ва бозомӯзии кадрҳо тавассути барномаҳои тахассусии давлатӣ ва ғайридавлатӣ;

– ҳавасмандсозии субъектҳои соҳибкорӣ бо истифода аз фишангҳои иқтисодӣ (субсидияҳои мақсаднок, имтиёзҳои андозсупорӣ ва ғ.)

– додани имтиёзҳои махсус барои навсозии технологияҳо, фаъолиятҳои навоварона, азхудкунии навъҳои нави маҳсулот ва хидматрасониҳо;

– додани қарзҳои мақсаднок ва имтиёзнок;

– мораторияи санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ;

– пешниҳоди дигар намуди ҳимоя ва дастгириҳо».

4. Бо мақсади кафолати қавитари конститутсионии ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқи инсон ба моликият ва мерос пешниҳод мешавад, ки моддаи 32-юми Конститутсияи ҶТ дар таҳрири зерин муқаррар карда шавад:

«Моддаи 32. Ҳар кас ҳуқуқ дорад соҳиби моликият ва мерос бошад, онҳоро истифода барад ва ихтиёрдорӣ намояд.

Ҳеҷ кас ҳуқуқ надорад, ки ҳуқуқи шахсро ба моликият бекор ва маҳдуд кунад. Молу мулки шахсро барои эҳтиёҷоти ҷамъият фақат дар асоси қонун ва розигии соҳиби он бо пардохти арзиши пурраaш давлат гирифта метавонад.

Товони зарари модӣ ва маънавие, ки шахс дар натиҷаи амали ғайриқонунии мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, дигар шахсони ҳуқуқӣ ва ё шахсони алоҳида мебинад, мувофиқи қонун аз ҳисоби онҳо ситонида мешавад.

Мусодираи молу мулк танҳо бо қарори суд дар ҳолатҳо, ҳаҷм ва тартиби муқаррарнамудаи қонун татбиқ карда мешавад.

Истифодаи моликият набояд ба ҳуқуқ, озодиҳо ва шаъну шарафи шаҳрвандон, ба манфиатҳои ҷамъият зарар ва ба вазъи экологӣ ва сифатҳои табиии замин таъсири манфӣ расонад».

5. Мутаассифона, принсипҳои ташаккули маҷмуи маҳсулоти хӯроквορӣ, маҳсулоти ғайриозуқа ва хидматрасонӣ дар ҚҶТ «Дар бораи ҳадди ақали зиндагӣ» [13] аз 15-уми майи соли 2009 тамоман муқаррар нашудаанд. Бо таваҷҷуҳ бар ин нукта, таҷдид ва такмили қонуни мазкурро бо назардошти вазъи ҳуқуқӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии кишвар лозим дониста, ҳамчунин қайд мекунем, ки принсипҳои ташаккули маҷмуи маҳсулоти хӯроквορӣ, маҳсулоти ғайриозуқа ва хидматрасонӣ бояд дар таҳрири нави ин қонун ба таври зайл муқаррар карда шаванд:

«Меъёрҳои илман асоснокшудаи талаботи ҳадди ақали гурӯҳҳои иҷтимоию демографии аҳолӣ ба маводи ғизоӣ, инчунин таркиби кимиёвӣ ва арзиши ғизонокии маҳсулоти озуқа; қонеъгардонии талаботи ҳадди ақали ҳаётан муҳимми гурӯҳҳои асосии иҷтимоиву демографии аҳолӣ ба маҳсулоти ғайриғизоӣ бо назардошти хусусиятҳои ҷинсиву синнусолӣ ва либос, инчунин барои ташкили чорабиниҳои маданию маишӣ; қонеъ намудани талаботи ҳадди ақали аҳолӣ ба хизматрасонии манзилию коммуналӣ, маишӣ, нақлиётӣ ва алоқа».

6. Бо мақсади васеътар кардани механизмҳои ҳифзу ҳимояи ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодии инсон ва шаҳрванд, ки ба фаъолияти меҳнатии онҳо

вобастаанд, пешниҳод карда мешавад, ки қисмҳои якум ва дуюми моддаи 16-уми ҚҶТ «Дар бораи иттифоқҳои касаба» [14] ба таври зерин таҳрир карда шаванд:

«1. Иттифоқҳои касаба ва иттиҳодияҳои онҳо ҳуқуқҳои меҳнатӣ ва дигар ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодии аъзои худро, ки ба фаъолияти меҳнатии онҳо вобастаанд, ҳимоя намуда, дар таҳияи сиёсати давлатии шуғли аҳолӣ ширкат варзида, оид ба ҳифзи иҷтимоии шахсоне, ки бинобар ихтисор шудани кор ё тағйир ёфтани шароити меҳнат дар корхона аз кор озод мегарданд, мутобиқи қонунгузории ҶТ, созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ таклифҳо пешниҳод менамоянд.

2. Иттифоқҳои касаба ва иттиҳодияҳои онҳо ҳуқуқҳои меҳнатӣ ва дигар ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодии шаҳрвандон – аъзои иттифоқи касабаро, ки ба фаъолияти меҳнатии онҳо вобастаанд, ҳангоми бастан ё қатъ намудани шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ ҳифз мекунанд, дар якҷоягӣ бо корфармо шахсони нав ба кор қабулшударо бо мазмуни созишнома ва шартномаи коллективӣ ва ҳуҷҷати таъсисии шахси ҳуқуқӣ шинос менамоянд».

7. Принсипҳои ташаккули маҷмуи маҳсулоти хӯрокворӣ, маҳсулоти ғайриозуқа ва хизматрасонӣ, ки дар ҚҶТ «Дар бораи ҳадди ақали зиндагӣ» [13] аз 15-уми майи соли 2009 муқаррар карда шудаанд, мутаассифона, хеле назариявӣ мебошанд, зеро онҳо дар асоси баҳодиҳии ҳамаҷонибаи муқаррароти қонунгузории миллӣ, самти умумии он, ки дар таҷрибаи татбиқи меъёрҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор роҳандозӣ нашудаанд, бароварда шудаанд. Бо назардошти зарурати воқеии қонеъ гардондани манфиатҳои инсон, бояд дарояндаи наздик маҷмуи маҳсулоти хӯрокворӣ, маҳсулоти ғайриозуқа ва хизматрасонӣ бо роҳи пешбинӣ кардани таъмини хароҷоти инсони муосир (на инсони миёнаи асри ХХ) барои қонеъ кардани ниёзҳои асосии ӯ тасдиқ карда шавад. Ба ин бояд экспертизаи илмӣ ва ҷамъиятии маҷмуи маҳсулоти хӯрокворӣ, маҷмуи маҳсулоти ғайриозуқа ва маҷмуи хизматрасонӣ оид ба муқаррар кардани ҳадди ақали зиндагӣ мусоидат кунад.

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)

## I. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва расмӣ:


[1].Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми сентябри соли 1999, 22-юми июни соли 2003 ва 22-юми майи соли 2016 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.mmk.tj/ru/ (санаи муроҷиат: 08.02.2022).

[2].Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/ (санаи муроҷиат: 21.02.2023).

[3].Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/ (санаи муроҷиат: 21.02.2023).

[4].Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/ (санаи муроҷиат: 21.02.2023).

[5].Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/ (санаи муроҷиат: 21.02.2023).

[6].Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018 – 2028 аз 6-уми феврали соли 2018 №1005 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/content/консепсияи – сиёсати – ҳуқуқии – Ҷумҳурии – Тоҷикистон – барои – солҳои – 2018 – 2028 (санаи муроҷиат: 21.02.2023).

[7].Қарори Суди конститутсионии ҶТ аз 28-уми марти соли 2013 «Дар бораи муайян намудани мутобиқати банди 4-и Қоидаҳои гузаронидани аттестатсия ва бақайдгирии намояндагони патентии ҶТ аз 9-уми июни соли 2009, №25 ва тағйирот ба он аз 25-умисентябри соли 2012, №92 воридкардашуда ба қисми дуюми моддаи 12 ва қисмҳои якум ва дуюми моддаи 35-уми Конститутсияи ҶТ» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://constcourt.tj/qarorho/ қaror – az – rӯi – darhosti – shaҳrvand – turaev – m – m/ (санаи муроҷиат: 21.02.2023).

[8].Қарори Суди конститутсионии ҶТ аз рӯйи дархости судяи Суди ноҳияи Рошткалъаи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон Шодиев Ш.Р. аз 28-уми апрели соли 2011 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ:

http://constcourt.tj/qarorho/қaror – az – rӯi – darhosti – sudyai – sudi – noҳiyai – roshtkalai – viloyati – muhtori – kӯҳistoni – badahshon – shodiev – sh – r/ (санаи муроҷиат: 21.02.2023).

[9].Қарори Суди конститутсионии ҶТ аз рӯйи дархости шаҳрвандон Хуррамов З.Н. ва Ҳасанов Ҷ.К. аз 8-уми декабри соли 2017 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://constcourt.tj/qarorho/қaror – az – rӯi – darhosti – shahrvandon – huramov – z – n – va – hasanov – ch – k – dar – hususi – muajyan – namudani – muvofikati – sarhati – chorumi – kismi – 4 – moddai – 59 – konuni – chumhurii – tochikiston – az – 12 – yanvari – soli/ (санаи муроҷиат: 21.02.2023).

[10].ҚҶТ «Дар бораи рӯзҳои ид» аз 18-уми марти соли 2022, №1862 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/ (санаи муроҷиат: 21.02.2023).

[11].ҚҶТ «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/ (санаи муроҷиат: 21.02.2023).

[12].ҚҶТ «Дар бораи тайёр намудани мутахассисон бо назардошти талаботи бозори меҳнат» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/ (санаи муроҷиат: 21.02.2023).

